**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ**
**БА НОМИ А. ДОНИШ**

**ТДУ 9+908 (575.3)**
**ТКБ 63.3+26.891 (2 тоҷик)**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ҚОЗИЗОДА ШӮҲРАТҶОН**

# ТАЪРИХИ ИНКИШОФИ ҲАЁТИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ НОҲИЯИ МАСЧОҲ (1955-2021)

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 – Таърихи ватанӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои таърих,
профессор Убайдулло Н. К.

**ДУШАНБЕ – 2026**

**МУНДАРИҶА**


**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО** ..................................................................................... 3

**МУҚАДДИМА** ........................................................................................................ 4

**БОБИ I. АЗХУДКУНИИ ЗАМИНҲОИ БЕКОРХОБИДА ВА ТАШКИЛЁБИИ НОҲИЯИ МАСЧОҲ** ........................................................ 19

1.1. Азхудкунии заминҳои дашти Дилварзин ва муҳоҷиркунонии масчоҳиён................................................................................................................ **19**

1.2. Ташкилёбии ноҳияи нави Масчоҳ.................................................................. **47**

**БОБИ II. НОҲИЯИ МАСЧОҲ ВА РУШДИ ОН ДАР ЗАМОНИ ШУРАВӢ (1955 -1991)** ........................................................................................ 62

2.1. Рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Масчоҳ дар солҳои 1955-1991.... **62**

2.2. Ҳаёти ҷамъиятию фарҳангии Масчоҳ дар замони шуравӣ..................... **94**

**БОБИ III. НОҲИЯИ МАСЧОҲ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ (1991-2021)** ........................................................................................ 114

3.1. Истиқлол ва рушди иҷтимоию иқтисодии Масчоҳ ................................ **114**

3.2. Ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони истиқлолият ........... **133**

**ХУЛОСА** ..................................................................................................... 155

**РӮЙХАТИ МАНБАЪҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**............ 165

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| БМД ҶТ – | Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| БДТН ҶТ– | Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| БДВС ҶТ– | Бойгонии давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ИҶШС – | Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ |
| ИСАЗН – | Идораи сохтмони азхудкунии заминҳои нав |
| ИСВ – | Идораи сохтмону васлкунӣ |
| ИСЗНТ – | Идораи сохтмони заминҳои нави Тоҷикистон |
| ИШ – | Иттиҳоди Шуравӣ |
| КМ ҲК – | Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистӣ |
| ҶДММ – | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд |
| ҶСП – | Ҷамъияти саҳомии пӯшида |
| ҶШС – | Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ |
| МТМУ – | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ |
| НБО – | Нерӯгоҳҳои барқи обӣ |
| ҲКИШ – | Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ |
| ПМТ – | Пойгоҳи мошину тракторӣ |
| ССДГ – | Саридораи сохтмони Дашти Гурусна |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Истиқлоли комили давлатӣ ва ташкилёбии Ҷумҳурии Тоҷикистони мустақил ба марҳалаи сифатан нави таҳқиқ ва омӯзиши таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик ибтидо гузошт. Бо соҳибистиқлолӣ барои рушди илми таърих шароити мусоид ва мувофиқ ба ҳадафҳои миллӣ фароҳам омад, ки дар натиҷаи он раванди таҳқиқот такмил ёфта, методология ва усулҳои омӯзиши таърих таҷдид шуданд ва дастрасӣ ба сарчашмаҳои таърихӣ, бахусус маводи бойгонӣ, ба таври назаррас васеъ гардид. Дар ҳамин замина таърих ва донишҳои таърихӣ ба яке аз воситаҳои муҳимми худшиносии миллӣ, таҳкими ваҳдат ва таъмини ягонагии ҷомеа табдил ёфтанд.

Яке аз омилҳои муҳимми болоравии мақоми илми таърих ва донишҳои таърихӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ин, пеш аз ҳама таваҷҷуҳи пайваста ва ҳадафмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таърих, сабақҳои таърихӣ, мероси бойи таърихию фарҳангӣ ва оину суннатҳои аҷдодӣ мебошад. Маҳз ҳамин арзишҳо ҳамчун рукнҳои асосии муттаҳидсозандаи ҷомеа ва омили таҳкимбахши худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ тадриҷан дар замони соҳибистиқлолӣ мавқеи устувор пайдо карданд ва пойдевори асосии суботу ваҳдат ва ягонагии ҷумҳурии тозаистиқлол гардиданд.

Дар шароити истиқлол, пас аз чандин аср манфиат ва арзишҳои миллӣ дар сиёсати давлатӣ мавқеи калидӣ касб намуданд ва ин раванд ба муҳаққиқон-муаррихон имкон фароҳам овард, ки бо такя ба сиёсати фарҳангӣ-таърихии давлат ва бо назардошти манфиатҳои миллӣ ба омӯзиш ва таҳқиқи саҳифаҳои гуногун, аз ҷумла масъалаҳои то ҳол камомӯхташуда ва норӯшани таърихи миллат рӯ оваранд.

Дар ин замина, таҷдиди назар намудани таърихи асри XX ва ибтидои асри XXI, инчунин таҳлили ҳамаҷонибаи дастовардҳои давраи соҳибистиқлолӣ аҳаммияти хоса касб намуд. Аз ҷумла, мавзуи таҳқиқоти мазкур ба таҳқиқу омӯзиши таърихи яке аз минтақаҳои муҳимми ҷумҳурӣ-

ноҳияи Масчоҳи нав, ки маҳз дар давраи навтарини таърихи халқи тоҷик ташаккул ва рушд ёфт, бахшида шудааст. Ин аз як тараф кӯшиши пажӯҳиши илмиест дар самти таҳқиқи таърихи як минтақа дар партави равандҳои умумимиллии таърихи халқи тоҷик ва аз тарафи дигар қадамест дар таҳлили муқоисавии ду марҳалаи алоҳида ва аз ҳамдигар фарққунандаи як давраи таърихи миллат мебошад. Бо таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «ноҳияи Масчоҳ аз оғози солҳои 60-уми асри гузашта дар тафаккури мардуми Тоҷикистон чун майдони ҷасорату мардонагии халқамон ҷой гирифтааст» [12].

Рисолаи мазкур пеш аз ҳама ба таҳқиқи раванди таъсисёбӣ ва рушди ноҳияи Масчоҳи нав дар давраи шуравӣ, қаҳрамонию корнамоии мардуми тоҷик дар азхудкунии як дашти ноободу беоб ва ба минтақаи пешрафтаи иқтисодию фарҳангӣ табдил додани он ва ҳамзамон баррасии таҳаввулоти ҷиддии иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ин минтақа дар шароити истиқлоли давлатӣ равона гардида, дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ мебошад. Таҳқиқи мавзуъ имконият медиҳад, ки таърихи давраи навтарини халқи тоҷик дар натиҷаи омӯзишу баррасии ташаккул ва пешрафти як минтақа боз ҳам пурратар гардад ва инчунин натиҷаҳои он дар раванди корҳои илмӣ-таҳқиқотии таърихи ҷомеи тоҷикон ва таълими он дар муассисаҳои таълимӣ истифода гарданд.

Ноҳияи Кӯҳистони Масчоҳ 5 декабри соли 1929 дар қисми болооби дарёи Зарафшон таъсис ёфта, дар натиҷаи дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсати давлатии шуравӣ дар ҳайати ҶШС Тоҷикистон тадриҷан рушд намуда, ба як минтақаи пешрафта табдил ёфт [59, 935]. 27 ноябри соли 1956 бо мақсади азхудкунии заминҳои Дашти Дилварзини вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) кӯчонидани аҳолии Кӯҳистони Масчоҳ ба ин минтақа амалӣ гардид [16, 16-17]. Ин иқдом тибқи қарори Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон анҷом дода шуд. Дар натиҷаи татбиқи ин сиёсати давлатӣ ноҳияи нав дар давраи шуравӣ аз як минтақаи нообод ба яке аз ноҳияҳои пешрафта

ва муҳимми кишоварзии ҷумҳурӣ табдил ёфта, ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии он дучори тағйироти амиқ ва фарогир гардид.

Марҳалаи сифатан нави рушди ноҳияи Масчоҳ ба давраи истиқлоли давлатӣ рост меояд, ки дар партави сиёсати созанда ва дурбинонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар баробари дигар минтақаҳои кишвар, симои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии он ба таври куллӣ дигаргун гардид. Дар натиҷа, ноҳия ба яке аз минтақаҳои муҳимми саноатию кишоварзӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ табдил ёфт.

Таърихи манотиқи кӯҳии Тоҷикистон, аз ҷумла ноҳияи Масчоҳ таваҷҷӯҳи муҳаққиқони сатҳи гуногунро ба худ ҷалб кардааст. Масчоҳ ҳамчун ҷузъи таркибии Суғди Қадим таърихи чандин ҳазорсола дошта, номаш ҳатто дар китоби муқаддаси «Авасто» зикр ёфтааст. Дар ҳуҷҷатҳои суғдии аз Кӯҳи Муғ ёфтшуда, номи Матрушкат (Мадрушкати ҳозира) ва дар асарҳои ҷуғрофидонони арабзабон номи «Масчо» борҳо зикр гардидааст. Муаррих Самъонӣ дар асри XII нахустин бор истилоҳи «Ғарҷистони Самарқанд»-ро истифода бурдааст, ки ҳудуди Бутамон (Масчоҳ, Фалғару Фон ва Панҷакент)-ро дар бар мегирад. Калимаи «Ғарҷистон» аз калимаи суғдии «ғар» [165, 25-28] гирифта шуда, маънои «кӯҳ»-ро дорад ва, баъзан дигар манотиқи кӯҳистонии Мовароуннаҳру Хуросонро низ чунин меномиданд. Масчоҳ, Фалғару Фонро баъзан бо номи умумии «Кӯҳистон» низ ёд менамуданд. Доир ба шакли дурусти номи мавзеъ дар илм баҳсҳои гуногуни доманадор мавҷуданд ва онро бо шаклҳои «Масчоҳ», «Масчо», «Мостҷо», «Масҳо», «Мастчоҳ», «Маччо» ва амсоли инҳо истифода кардаанд [73, 3-8]. Ба назари мо, шакли дурусти ин номвожа «Масчоҳ» мебошад ва аз ин рӯ дар таҳқиқоти мазкур ҳамин шакл истифода гардид.

Дар замони шуравӣ сокинони Кӯҳистони Масчоҳ ба дашти Дилварзин муҳоҷир шуданд ва дар он ҷо ноҳияи Масчоҳи нав ташкил гардид. Таърихи ташкили ин ноҳияи нав ва равандҳои рушди он дар ду марҳалаи таърихӣ, яъне замони шуравӣ ва давраи истиқлоли давлатӣ то ҳол мавриди таҳқиқ ва

омӯзиши алоҳидаи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқу баррасии мавзуи мазкур бори аввал дар доираи як рисолаи илмӣ интихоб карда шуд.

Муҳиммияти мавзуъ, пеш аз ҳама боз дар он аст, ки таҳқиқоти ҳамаҷониба ва таҳлили равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии рушди ноҳия саҳифаҳои норӯшани таърихи онро равшан сохта, ба бисёре аз масъалаҳои баҳсталаби таърихи ноҳия нуқта мегузорад. Ҳамзамон, мубрамии интихоби мавзуи мазкур, инчунин дар зарурияти таҳқиқи ҳамаҷонибаи равандҳои таърихии ташаккул, рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар асоси манобеи бойгонӣ ва сарчашмаҳои муътамади таърихӣ зоҳир мегардад.

Ба замми он, то имрӯз доир ба таърихи ташкилёбӣ ва ташаккули ноҳияи Масчоҳ ҳамчун як минтақаи саноатию кишоварзӣ дар доираи як рисолаи мустақили таҳқиқотӣ ба таври ҳамаҷониба пажӯҳише ба анҷом нарасидааст. Гарчанде дар солҳои гуногун доир ба таърихи ноҳия мақолаҳо ва китобҳои алоҳидаи илмӣ-оммавӣ ба табъ расидаанд, вале онҳо бештар хусусияти тавсифӣ дошта, раванди ташкилёбӣ ва рушди ноҳияро дар заминаи таҳлили мукаммали манобеи таърихӣ ба шакли муназзам инъикос карда наметавонанд. Ҳамин тавр мубрамии мавзуи мавриди таҳқиқ қарор гирифта, асосан дар нуктаҳои зерин зоҳир меёбанд:

- ба миён омадани зарурияти таҳқиқ ва омӯзиши давраҳои алоҳидаи таърихи халқи тоҷик бо истифода аз усули аз ҷузъ ба кулл, яъне аз таърихи минтақаҳои алоҳида ба тасвири таърихи ҷомеи халқи тоҷик;
- таҷдиди назар намудани таърихи давраи навтарини халқи тоҷик, махсусан давраи шуравии он аз нигоҳи нав ва бо истифодаи манобеи тозаи дастрасшуда, берун зи ҳама чаҳорчӯбаи идеологӣ;
- нишон додани неруи созандагию бунёдкории халқи тоҷик дар мисоли азхудкунӣ ва ободсозии як мавзеи бекорхобида ва беоб ва ба минтақаи комилан пешрафта мубаддал намудани он, инчунин исботи фарҳанги

таърихан устуворшудаи кишоварзии тоҷикон ҳамчун сокинони бумии минтақаи Осиёи Марказӣ ва бунёдгузори фарҳанги кишоварзӣ дар минтақа;

- бо инъикоси таърихи як ноҳия, аз ҷумла ноҳияи Масчоҳ нишон додани дастовардҳо ва созандагиҳои замони истиқлоли давлатӣ, новбаста аз мушкилоту омилҳои монеасози дохилию берунӣ.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқи мавзуъ нишон медиҳад, ки то имрӯз дар миёни муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқоти ҳамаҷониба оид ба таърихи ноҳияи Масчоҳ ба анҷом нарасидааст. Маводи мавҷудаи нашршуда асосан аз мақолаҳои оммавӣ ва китобҳои алоҳида иборат буда, бештар хусусияти публисистӣ доранд. Муаллифон дар ин асарҳо ва мақолаҳо баъзе масъалаҳои ҷузъиро бе истифода аз усулҳои илмии таҳқиқотӣ ва манобеи боэътимоди таърихӣ инъикос намудаанд. Бо вуҷуди ин, қисме аз ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар шакли маҳдуд дар баъзе асарҳо, мақолаҳои оммавӣ ва ёддоштҳо инъикос ёфтааст.

Асосан муаллифони мақолаҳо ва асарҳои алоҳида мутахассисони самтҳои гуногун буда, дар баробари муҳаққиқон рӯзноманигорон, сиёсатмадорон, ҳуқуқшиносон, намояндагони касбу кори мухталиф низ даст ба ин кор задаанд. Новобаста аз гуногунии ихтисосҳо, дар раванди таҳқиқи мавзуъ ин асарҳо ҳамчун маводи муҳим истифода шуданд. Ҳамчунин дигар таълифоти замони Иттиҳоди Шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ, ки ба ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ бахшида шудаанд, ҳангоми таҳқиқ истифода гардиданд. Истифодаи чунин манобеъ имкон дод, ки таҳқиқ ба шакли фарогир ва низомнок анҷом дода шуда, ҷанбаҳои гуногуни рушду таҳаввулоти ноҳия дар давраҳои мухталиф ба тарзи таҳлилӣ ва боэътимод инъикос гардад.

Ҳамзамон, таҳқиқоти алоҳидаи илмӣ оид ба ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии вилояти Суғд дар солҳои 1955-2021 низ мавҷуданд, ки дар онҳо инъикоси баъзе масъалаҳои марбут ба таърихи ноҳияи Масчоҳ ба назар мерасад.

Дар маҷмӯъ, асарҳои бунёдӣ ва дастаҷамъӣ, рисолаҳои илмӣ, ёддоштҳо ва мақолаҳои илмӣ-оммавӣ, ки роҷеъ ба таърихи давраи шуравӣ ва истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус вилояти Суғд таҳия шудаанд ва дар онҳо масоили гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ ба таври бавосита ва ё бевосита инъикос ёфтаанд, дар рафти таҳқиқ мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Вобаста ба ин, мо адабиёти марбут ба мавзуи мазкур ва ҳамзамон ҳангоми таҳқиқ истифодашударо метавонем ба гурӯҳҳои зерин тақсим намоем:

**Ба гурӯҳи аввал** асару мақолот, маърӯзаву суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [5; 6; 7; 7; 9; 10; 11; 12; 13;14] дохил мешаванд, ки ҳангоми сафарҳои корӣ ба минтақаҳои мухталифи ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Суғд, бахусус ноҳияи Масчоҳ ироа ва баррасӣ гардидаанд ва фарогири инъикоси равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Масъалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ пайваста дар маркази диққати Сарвари давлат буда, дар суханрониҳо, асару мақолаҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфтаанд.

Ҳамзамон бархе аз масъалаҳои марбут ба мавзуи рисола, дар адабиёте, ки ба фаъолияти корӣ ва сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба навоҳии мухталифи ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама ноҳияи Масчоҳ бахшида шудаанд, низ ҷойи махсус доранд [1; 2; 3; 4].

**Ба гурӯҳи дуюм** асарҳои илмии бунёдӣ ва дастҷамъона дохил мешаванд, ки ба таърихи Тоҷикистони шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шуда, дар баробари таҳлили равандҳои умумимиллӣ, ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ низ ишора кардаанд. Ба ин гурӯҳ асарҳои бунёдӣ ва дастҷамъонае шомил мебошанд, ки таҷрибаи таърихии минтақаҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, маълумоти арзанда оид ба вазъи ҷомеаву иқтисод ва фарҳанги ноҳия дар давраҳои мухталифро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, «История

таджикского народа» дар ду нашр [87; 88; 89; 90], «Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР» [81; 82], «Из истории культурного строительства в Таджикистане» [83; 84; 85], «Из истории индустриализация Таджикской ССР» [80], «Очерки по истории Таджикистана» [110], «Очерки истории народного хозяйства в Таджикистана (1917-1965 гг.)» [109], «Очерки истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965)» [107], «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» [111] дохил мешаванд. Дар адабиёти мазкур равандҳо ва ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ то андозае дар радифи таърихи умумии халқи тоҷик ба таври умум инъикос ёфтаанд. Бо вуҷуди он, ки ин таҳқиқотҳо маълумоти муҳим ва алоҳидаеро оид ба таърихи ноҳия дар бар мегиранд, вале онҳо хусусияти умумӣ дошта, масоили мухталифро бештар дар заминаи таҳлили равандҳои умумимиллӣ баррасӣ намудаанд. Аз ин рӯ, зарурати боз ҳам фарогир ва дақиқ омӯхтани таърихи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ бо такя ба сарчашмаҳои мустақим ва таҳлили муфассали илмӣ эҳсос мегардад.

**Ба гурӯҳи сеюм** монографияҳо ва осори илмие дохил мегарданд, ки бевосита масоили мухталифи вазъи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии манотиқи мавриди назар, аз ҷумла ноҳияи Масчоҳро дар раванди инъикоси таърихи умумии халқи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор доданд, дохил мешаванд. Ба ин гурӯҳ пеш аз ҳама асарҳои академик Б. Ғ. Ғафуров [76], Б. А. Антоненко [72], академик Р. М. Масов [93; 94], профессор Р. А. Абулҳаев [65; 66; 67; 68; 69; 70], Ф.М. Абдурашитов [61;62; 63; 64], А.Л.Хромов [104], Аво Сузи [71], А.Мухторов [96; 97; 98], К. Абдулов [59], С. М. Парпиев [112; 113; 130] М.А.Ҳомидҷонова [105], Ҷӯра Юсуфӣ [92], Ҳ. Абдулов [60], Юсуф Вафо [121], Бахтиёрӣ М. [74], Қ. Давлатов [77; 77], М. Нуров [95], Ҳоҷи Содиқ [100], Ғ. Оқилов [106], Гулзода Ҳ.М. [101; 102] ва А. Одинаев [129], ва дигаронро ворид намудан мумкин аст.

**Ба гурӯҳи чорум** рисолаҳои илмие шомил мегарданд, ки бевосита ба таҳқиқи масоили гуногуни вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии вилояти

Суғд дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва Истиқлол бахшида шудаанд, ки дар онҳо доир ба ноҳияи Масчоҳ низ маълумот омадааст. Ба ин гурӯҳ асосан таҳқиқоте, ки хусусияти таърихиву иқтисодӣ доранд ва пеш аз ҳама асарҳо ва рисолаҳои номзадӣ ва доктории Ф.М Ҳомидов [131], Д. Х. Алимов [122], Х. Қурбонзода [127], Ф. Ш. Баҳодурова [124], З. З. Қобилов [126], К. Д. Бозоров, [125] А.А. Артиқов [123], Т. А. Наҷмуддинов [128] ва дигаронро дохил мегарданд.

**Ба гурӯҳи панҷум** мақолаҳои илмӣ-оммавӣ ва оммавие дохил мешаванд, ки дар саҳифаҳои маҷаллаҳо ва рӯзномаҳо дар бораи рӯйдодҳои замони Иттиҳоди Шуравӣ ва давраи Истиқлол ба нашр расида, ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳро бозтоб менамоянд.

Манобеи таҳқиқоти диссертатсиониро асосан маводи бойгониҳои ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (БМД ҶТ), Бойгонии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДТН ҶТ) ва Бойгонии давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДВС ҶТ) ташкил доданд. Ин манбаъҳо барои омӯзиши ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар солҳои 1955-2021 маводи зарурӣ ва ниҳоят фаровонро дастраси муҳаққиқон мегардонанд. Дар ин хазинаҳо ҳисобот, санадҳои расмӣ, иттилооти идораҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин маълумоти сохторҳои фарҳангӣ, маориф ва иқтисодии ноҳияи маҳфуз мебошанд. Махсусан, доир ба мавзуи таҳқиқ дар Бойгонии давлатии вилояти Суғд (БДВС ҶТ), инчунин бойгониҳои сохторҳои алоҳида маводи зиёд нигоҳ дошта мешаванд. Ин сарчашмаҳо имкон доданд, ки раванди рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия ҳам дар замони шуравӣ ва ҳам давраи истиқлоли давлатӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гиранд.

Илова ба ин, ҳамчун заминаи сарчашмавӣ маҷмӯи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои расмии ҳизбию давлатӣ, маҷмӯаҳои оморӣ, солномаҳо, ки ҳам дар замони шуравӣ ва ҳам дар давраи соҳибистиқлолӣ пайваста нашр мешуданд, ба таври фаровон истифода бурда шуданд. Махсусан, дар рафти

таҳқиқ аз маводи ҳарсолаи «Народное хозяйство Таджикской ССР» [56], «Решения партии и правительства по хозяйственным вопросам» [18; 19], «Свод законов и другие нормативно-правовые акты о земле» [20], «Тоҷикистон: 25-соли истиқлолияти давлатӣ, маҷмӯи оморӣ» [53], «Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» [54], «Омори солонаи вилояти Суғд-2025 (нашри расмӣ)» [55], «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Масчоҳ барои солҳои 2016-2020» [57], «Ведомостҳои Совети Олии ҶШС Тоҷикистон» [16], «Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [15] ва дигар сарчашмаҳо ҳамаҷониба истифода гардиданд. Инчунин, яке аз манбаҳои хуби таҳқиқотӣ ин маводи матбуоти даврӣ маҳсуб меёбанд, ки аз онҳо низ истифода шуд, махсусан маводи рӯзномаҳои ҷумҳуриявии «Ҷумҳурият», АМИТ «Ховар», рӯзномаҳои ноҳиявии «Байрақи Ленинӣ» ва «Машъал», маҷаллаҳои «Хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон» ва «Коммунисти Тоҷикистон» ва амсоли инҳо дар раванди таҳқиқ истифода шуданд. Дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ҳаёти рӯзмарраи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳия ба таври васеъ инъикос ёфтаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, дар самти «Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихи давраи муосир» омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқотии рисола инъикоси таърихи ташакулёбӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ мебошад. Бахри ноил гаштан ба ин ҳадаф, пеш аз ҳама ҳалли вазифаҳои зерин пеш гузошта шуданд:

- омӯхтани сабабҳо ва омилҳои асосии ташкилёбии ноҳияи Масчоҳи нав, аз ҷумла таҳқиқи раванди азхудкунии заминҳои бекорхобидаи дашти Дилварзин ва обёрикунии он, муҳоҷиркунонии аҳолӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия;

- баррасии муҳайё сохтани шароити иқтисодию иҷтимоии ноҳия дар давраи шуравӣ ва ба ноҳияи калони пахтакорӣ табдил ёфтани Масчоҳ;

- инъикоси ҳаёти фарҳангӣ, вазъи маориф ва дигар равандҳои иҷтимоӣ дар ноҳия тавассути истифодаи манобеи гуногуни илмӣ ва бойгонӣ;

- марҳала ба марҳала нишон додани тағйироти сохторӣ, иҷтимоию - иқтисодӣ ва таҳлили дигаргунсозиҳои сифатии замони соҳибистиқлолӣ дар дар ҳаёти ноҳияи Масчоҳ.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсиониро таҳқиқи таърихи ташаккулёбӣ ва рушди ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар давраи таҳқиқшаванда ташкил медиҳад.

**Мавзуъ (предмети)-и таҳқиқот** омӯзиши раванди дигаргунсозиҳо, инчунин маҷмӯи равандҳо, хусусиятҳо ва қонунмандиҳои рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар солҳои 1955-2021 мебошад, ки дар заминаи онҳо тағйироти сохторӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ минтақаи мазкур тавсиф мегардад.

**Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот.** Марҳалаи таҳқиқот солҳои 2022-2025-ро дар бар гирифта, ба давраи таҳсил дар зинаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 – Таърихи ватанӣ мутобиқ мебошад. Дар ин марҳала интихоби мавзуи диссертатсионӣ ва роҳбари илмӣ, таҳияи нақшаи инфиродии кор, ҷамъоварӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои бойгонӣ, адабиёти илмӣ ва маводи матбуоти даврӣ, таҳлил ва низоммандии маълумоти гирдовардашуда, навиштани матни диссертатсия, интишори мақолаҳои илмӣ аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин иштирок дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ амалӣ гардид.

Макони асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ Шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Аз нигоҳи замонӣ, таҳқиқот солҳои 1955-2021-ро фаро мегирад, ки ибтидои онро санаи ташкилёбии ноҳияи Масчоҳи нав ва нуқтаи ниҳоиро 30-солагии Истиқлоли комили давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Яъне рисолаи илмӣ раванди ташкилёбӣ ва рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳро дар ду марҳалаи давраи таърихи навтарин - замони шуравӣ ва сӣ соли давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** диссертатсионӣ гуногунҷабҳа буда, пеш аз ҳама дар заминаи талаботи илми таърихшиносии муосир бе истифодаи ягон қолаби идеологӣ ё чаҳорчӯбаи муқарраршудаи сиёсӣ анҷом ёфтааст. Ба замми ин осори илмии бунёдии таърихи халқи тоҷик, таҳқиқоти олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ, муқаррароти муайян намудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба самтҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ҷумҳурӣ ҳамчун заминаи назариявӣ истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он бар меояд, ки бори нахуст масъалаи ташкилёбии ноҳияи Масчоҳ, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ба маркази калони кишоварзӣ табдил ёфтани он дар ду марҳалаи таърихӣ дар доираи як рисолаи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Гарчанде рисола ду марҳалаи таърихиро фаро мегирад ва онҳо аз рӯи хусусиятҳои худ тафовут доранд, маҳз дар ҳамин давра дар тамоми самтҳои ҳаёти ноҳия дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ омаданд, ки онҳо дар бахшҳои алоҳидаи рисола тасвир ёфтаанд.

Вобаста ба ин, навгонии илмии рисола дар бандҳои зерин инъикоси худро пайдо намудаанд:

- аввалин бор раванди ташкилёбӣ ва рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар солҳои 1955-2021 дар доираи як рисола ба таври маҷмӯъ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, раванди азхудкунии заминҳои

бекорхобида, заминаҳо ва омилҳои маъракаи муҳоҷиркунонии аҳолӣ ва таъсири онҳо ба рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии сокинони муҳоҷиршуда таҳлил гардидааст;

- рисолаи мазкур кӯшиши нахустинест, ки таърихи зиёда аз 30-солаи охири давраи шуравии халқи тоҷикро дар мисоли як ноҳия аз мавқеи нав ва берун аз ҳамагуна чаҳорчӯбаи идеологӣ бо бурду бохт ва дастоварду норасоиҳояш мавриди таҳқиқ қарор гирифтаву дар мисоли таърихи як ноҳия раванди таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар солҳои 1955-2021 ва гузариш аз як низоми сиёсию иқтисодӣ ба низоми комилан нав баррасӣ гардидааст ва нишондиҳандаҳои ду марҳалаи таърихӣ - давраи шуравӣ (зиёда аз 30 сол) ва замони соҳибистиқлолӣ (30 сол) муқоиса шудаанд;

- дар раванди таҳқиқ ва таҳлили масъалаи мазкур бори аввал ба маъракаи муҳоҷирсозии пурраи як ноҳия ва мардуми муқими кӯҳистон ба мавзеи навкорам, ки асосан барои кишти зироати барои онҳо бегона - пахтакорӣ махсус гардонида шуда буд, бештар таваҷҷуҳ шуда, дар муддати кӯтоҳ азхуд намудани фарҳанги пахтапарварӣ ва ба сафи пеш баромадани сокинони аслан кӯҳистонии ноҳияи Масчоҳ на танҳо дар ҷумҳурӣ, инчунин дар минтақа ба таври васеъ инъикос ёфтааст;

- инчунин таҷрибаи нодири дар як вақт ободсозии ҳам мавзеи нав ва ҳам аз мадди назар дур намондани макони зисти кӯҳна, ки дар натиҷаи ниҳоӣ ба ноҳия алоҳидаи мустақил табдил ёфт дар натиҷаи муқоисаи ду марҳалаи таърихӣ-давраи шуравӣ (1955-1991) ва замони истиқлол (1991-2021) раванди таҳаввулоти иҷтимоию фарҳангӣ ва сатҳи маърифатнокии сокинони як ноҳия мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифт.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- пажуҳиш муайян намуд, ки таъсиси ноҳияи нави Масчоҳ натиҷаи сиёсати ҳадафмандонаи давлатии азхудкунии заминҳои нав, корҳои ирригатсионию мелиоративӣ дар дашти Дилварзин ва ташаккули минтақаҳои нави истеҳсолию маъмурӣ буда, пайваста азхудкунии заминҳои бекорхобида

барои ташкили ноҳияи нави махсуси пахтакорӣ заминаи моддию иқтисодиро фароҳам овард ва ин раванд ноҳияи навро ба яке аз марказҳои муҳимми обёришавандаи соҳаи кишоварзӣ (пахтакорӣ)-и ҷумҳурӣ табдил дод;

- дар асоси санадҳои бойгонӣ ва маълумоти оморӣ собит карда шуд, ки муҳоҷиркунонӣ ҷузъи сиёсати ягонаи давлатӣ баҳри азхудкунии заминҳои бекорхобида ва ташкили марказҳои нави иқтисодию кишоварзӣ буда, дар давраи аввали он (солҳои 1956-1963) аз минтақаи Масчоҳи Кӯҳӣ ба дашти Дилварзин 4 108 оила, ё 18 548 нафар сокинон кӯчонида шуданд, ки ин таҷрибаи аввалин дар таърихи навтарини халқи тоҷик оид ба пурра кӯчонидани як ноҳия бо тамоми сохтор ва сокинонаш ба ҷойи дигар ва дар як муддати кӯтоҳ бунёд намудани ноҳияи нави маъмурӣ бо инфрасохтори зарурии сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буд;

- таҳқиқ амиқ намуд, ки дар солҳои истиқлол соҳаи кишоварзии ноҳияи Масчоҳ дар натиҷаи ислоҳоти аграрӣ, гузариш аз хоҷагиҳои коллективӣ (колхозу совхозҳо) ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигаргунсозиҳои иқтисодию иҷтимоӣ комилан тағйир ёфта, шумораи хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия то ба 4 671 адад (соли 2015) расид ва бо нишондиҳандаҳои оморӣ саҳми Масчоҳ дар ҳаёти кишоварзии вилояти Суғд дар истифодаи заминҳои обӣ то 15%, боғдорӣ 12%, чорводорӣ 10-12% ва истеҳсоли пахта наздики 10% афзоиш ёфт, ки ин аз нақши устувори ноҳия дар тақсимоти минтақавии истеҳсолоти аграрӣ гувоҳӣ медиҳад;

- муқоисаи маълумоти омории солҳои 1991-2021 ошкор намуд, ки дар замони истиқлол зери парчами сиёсати бунёдкоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтори иқтисодии ноҳия куллан дигаргун гардида, Масчоҳ аз ноҳияи асосан аграрӣ (пахтакорӣ) ба ноҳияи саноатию аграрӣ табдил ёфт ва шумораи корхонаҳои саноатӣ аз ду адад (замони то истиқлол) ба 30 адад (соли 2020) зиёд шуда, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба 240,7 млн сомонӣ (соли 2019) расид.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Бори аввал дар асоси таҳлили доираи васеи маводи бойгониҳо, маълумоти омориву санадҳои

меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва адабиёти илмӣ таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021) мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифт. Натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои илмии рисола ба раванди омӯзиши таърихи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, махсусан омӯзиши таърихи давраи навтарини халқи тоҷик ба мутахассисони соҳаи таърих ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ кӯмак хоҳад намуд.

Маводи диссертатсия дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, пеш аз ҳама «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик» ва курсҳои махсус оид ба таърихи давраи навтарин ба таври васеъ истифода хоҳанд шуд.

Хулосаҳои таҳқиқотӣ ва таҳлилҳои илмии дар рисола овардашуда имконият медиҳанд, ки ҷараёни ташаккул ва рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар солҳои 1955-2021 ба таври дақиқу асоснок нишон дода шавад. Ин натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таълифи асарҳои ҷомеи бунёдӣ оид ба таърихи халқи тоҷик ва вилояти Суғд мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи диссертатсионӣ, коркарди натиҷаҳои бадастомада, ҳаҷми интишорот, таҳлилу баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ ва таҳлили таърихнигории маводи мавҷуда таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо асосан дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 – Таърихи ватанӣ мутобиқат менамояд. Мундариҷа ва мазмуни диссертатсия, пеш аз ҳама мутобиқ ба бандҳои 3.3. - Рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият дар ҳудуди Тоҷикистон: сохти ҷамъиятӣ, хоҷагии қишлоқ, саноат, роҳҳои муошират ва нақлиёт, тиҷорат, воситаҳои алоқа, шаҳрсозӣ, ташаккул ва вазъи табақаҳо, синфҳо; 3.6. - Таърихи рушди фарҳанг, илм ва таҳсилот дар

Тоҷикистон ва минтақаҳои он. Маданияти моддӣ ва маънавӣ, маориф ва илм; 3.7. - Таърихи рушди шаҳрҳо ва деҳоти Тоҷикистон ва 3.9. - Алоқаҳои иқтисодӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо -и шиносномаи ихтисоси илмӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар асоси манбаҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои илмии нашршуда ва маводи бойгонию матбуоти даврии вобаста ба таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар солҳои 1955-2021 таҳқиқоти маҷмӯӣ ва мукаммалро анҷом додааст. Ин таҳқиқот бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ ба сурати мустақил анҷом ёфтааст.

Дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои мухталиф ва адабиёти илмӣ, муҳаққиқ таърихи давраи навтарини яке аз ноҳияҳои калони ҷумҳурӣ ва маркази муҳимми кишоварзию агросаноатии кишвар, ноҳияи Масчоҳро ба таври илмӣ бозсозӣ ва пешниҳод намудааст.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои илмӣ дар таҳқиқот.** Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (2022-2025), конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону ходимони илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маърӯза шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суратҷаласаи №3 аз 10 марти соли 2026) муҳокима ва баррасӣ гардида, ба ҳимояи кушод тавсия дода шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот.** Муқаррароти умумӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 12 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 180 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, баррасии натиҷаҳо, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

# БОБИ I. АЗХУДКУНИИ ЗАМИНҲОИ БЕКОРХОБИДА ВА ТАШКИЛЁБИИ НОҲИЯИ МАСЧОҲ

## 1.1. Азхудкунии заминҳои дашти Дилварзин ва муҳоҷиркунонии масчоҳиён

Таърихи давраи баъдиҷангии шуравӣ, аз ҷумла таърихи халқи тоҷикро муаррихон асосан ба ду марҳала ҷудо менамоянд, ки давраи аввал солҳои 1946-1950 давраи азнавбарқароркунии хоҷагии халқ ва ба роҳи рушд гузоштани он маҳсуб меёфт [90, 156]. Дар шароити ҶШС Тоҷикистон низ асосан дар солҳои аввали баъдиҷангӣ раванди азнавбарқароркунии хоҷагии халқ, ба вижа барқарорнамоии саноати сабук ва хӯрока ва дар самти кишоварзӣ бошад пурра барқарорсозии иншооти ирригатсионию мелиоративӣ ва азхудкунии заминҳои аз истифода беруншуда, ба гардиши истеҳсолӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва беоб ба роҳ монда шуд. Махсусан, дар раванди татбиқи ин вазифаҳо эҳтиёҷоти калони соҳаи саноати Иттиҳоди Шуравӣ, ба вижа саноати ҳарбӣ ба масолеҳи ашёи хом, махсусан пахта ба инобат гирифта мешуд. Минтақаи осиёимиёнагии мамлакат, аз ҷумла Тоҷикистон вобаста ба шароити табиӣ ва иқлими мусоид маҳз барои парвариш ва истеҳсоли ин масолеҳи стратегии техникӣ махсус гардонида шуд.

Давраи дуюм, ки аз солҳои 50-ум ибтидо гирифта буд, марҳалаи рушд ва пешравии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ мебошад. Махсусан, дар ин давра баробари таваҷҷуҳ ба рушди саноат ба раванди сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ диққати ҷиддӣ дода шуд. Рушди соҳаи саноати гидроэнергетикӣ яке аз омилҳои асосии равнақ ёфтани корҳои ирригатсионию мелиоративӣ, азхудкунии заминҳои нав, рушди обёрии техникии соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ гардид [90, 156-157]. Аз ҷумла, дар ин самт қарори Шурои Вазирони ИҶШС «Дар бораи нақшаи бо барқ таъмин намудани деҳот барои солҳои 1948-1950» аз моҳи майи соли 1948 нақши муҳим бозид. Тибқи қарори мазкур вазифа гузошта шуд, ки минбаъд

ҳангоми сохтмони нерӯгоҳҳои барқии деҳот на танҳо истеҳсоли барқ ва таъмини аҳолӣ бо рӯшноӣ, инчунин бояд ба бунёди иншооти гидротехникӣ, сарбандҳои мавҷуда, каналҳои обёрикунӣ ва дигар объектҳои хоҷагии об диққати ҷиддӣ дода шавад [19, 83].

Ҳалли ин вазифа ҳангоми сохтмони НБО-и Қайроққум дар дарёи Сир солҳои 1956-57 низ яке аз самтҳои асосии ҳадафи бунёди неругоҳро ташкил медод. Воқеан дарёи Сир ва шохобҳои он манбаи муҳимме барои обёрии ноҳияҳои асосии пахтакори водии Фарғона, даштҳои бекорхобидаи Мирзочӯлу Дилварзин ва ноҳияҳои дигари зироаткории Осиёи Миёна маҳсуб меёфт. Сохтмони обанбори Қайроққум дар ин дарё имконият медод, ки на танҳо заминҳои гирду атрофи обанбор, балки заминҳои васеи пахтакории ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ обёрӣ карда шаванд.

Бо оби захирашуда дар обанбори Қайроққум, заминҳои қаблан хушк ва даштҳои Мирзочӯлу Дилварзин ба заминҳои ҳосилхез ва мавриди коркарди кишоварзӣ табдил ёфтанд. Обёрии ин заминҳо на танҳо ба афзоиши истеҳсоли пахта мусоидат намуд, балки ба пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои нави обёрӣ низ таъсири амиқ расонид. Ин амал ба коҳиши муҳоҷирати кории аҳолии деҳот ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат намуд.

Бо захира кардани оби дарёи Сир дар обанбори Қайроққум, имконияти нави рушди аграрӣ ва саноатӣ барои ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна фароҳам омад. Ин чорабинӣ инчунин ба ҳифзи муҳити зист ва таъмини устувории экосистемаҳои маҳаллӣ мусоидат намуда, шароити зиндагии сокинони минтақаҳои обёриро беҳтар месохт.

Азхудкардани заминҳои Мирзочӯли тоҷик ва иншооти бузурги саноатӣ ва обёрикунандаи Қайроққум, яъне сохтмони неругоҳи барқи обии дар он замон бузургтарини Осиёи Миёна бо номи «Дӯстии халқҳо» ва «Баҳри Тоҷик» ҷараёни муҳоҷирати дохилиро вусъат бахшид.

Аз тарафи дигар барои ба даст овардани афзоиши пешбинишудаи заминҳои обёришаванда ба масоҳати умумии 474 ҳазор гектар дар

ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Қазоқистон захираи мавҷудаи оби Сирдарё кифоя намекард. Дар баъзе солҳои камобӣ норасоии захираи об барои таъмини обёрии ин заминҳо 1-2 млрд. $м^3$-ро ташкил медод [24, в.78]. Аз ин рӯ, барои ба таври доимӣ ва муқаррарӣ бо об таъмин кардани заминҳои обёришаванда ва навкорами ин ҷумҳуриҳо, аз ҷумла заминҳои бекорхобидаи шимолии Тоҷикистон бунёди обанборе ба мисли Қайроққум хеле зарур буд. Барои ҳамин мувофиқи нақшаи генералӣ сохтмони иншооти гидротехникӣ дар дарёи Сир ва обанбори ғунҷоишаш 4,2 млрд. метри мукааб пешбинӣ гардид [154, 123].

Обанбори Қайроққум аз рӯи сохт аз обанборҳои дигар фарқ карда, дорои нишондиҳандаи нисбатан беҳтари техникӣ-иқтисодӣ буд ва барои сохтмони он шароити хеле хуби табиӣ ҳам вуҷуд дошт. Инчунин, мувофиқи нақша ҳадафи ба таври комплексӣ ва самаранок истифода бурдани заминҳои миёноби Сирдарёро низ ба миён гузошта шуда буд. Барои ҳамин бунёди обанбори Қайроққум ҳамчун сохтмони аҳаммияти аввалдараҷа пеш гузошта шуд, ки барои танзими мавсимии захираи оби дарё дар давоми сол ва дар як вақт истеҳсоли қувваи барқ мусоидат менамуд. Аз ин рӯ, аз ибтидо иншооти гидротехникии Қайроққум ва дар заминаи он обанбори калонҳаҷм хусусияти сохтмони умумииттифоқиро гирифт.

Тоҷикистон ҳанӯз дар солҳои баъдиҷангӣ ҳамчун ҷумҳурии аграрӣ-индустриявӣ боқӣ монда, 70-80%-и бахши хоҷагии халқро соҳаи кишоварзӣ ташкил медод [116, 74]. Пахтакорӣ бошад, яке аз зироатҳои асосӣ ва пурмаҳсули хоҷагии қишлоқ буд. Дар ин солҳо дар назди ҳукумати ҶШС Тоҷикистон вазифа меистод, ки соҳаи пахтапарвариро боз ҳам ривоҷ дода, майдони кишти ин зироати техникиро васеъ намояд. Яке аз манбаҳои васеъ кардани майдони кишти пахта ин обёрӣ ва азхуд намудани заминҳои бекорхобидаи шимоли Тоҷикистон ба шумор мерафт. Аз ҳамин сабаб, барои ин заминҳоро бо об ва насосҳои обкаширо бо қувваи барқ таъмин намудан, зарурияти сохтмони НБО-и Қайроққум ва обанбори «Баҳри Тоҷик» ба миён омад.

Чунин зарурият ва имконияти мавҷударо ба назар гирифта, ҳукумати ҷумҳурӣ дар солҳои аввали баъдиҷангӣ корҳои мунтазами ҷустуҷӯӣ, мошинӣ-лоиҳавӣ ва геологиро дар ин мавзеъ ба роҳ монд. Аммо дар ин солҳои душвор, ки ҳам раванди барқароркунии хоҷагии халқи мамлакат ба охир нарасида буд, ҳанӯз барои оғози чунин сохтмони бузурги иншооти обӣ имконияти зарурии техникию иқтисодӣ мавҷуд набуд. Чунин имконият танҳо дар ибтидои солҳои 50-ум, вақте ки дар мамлакат, аз ҷумла дар Тоҷикистон хоҷагии халқ ба дараҷаи тараққиёти пешазҷангӣ расид, ба миён омад.

Ҳамин тариқ, дар солҳои баъдиҷангӣ баробари рӯй ба рушд овардани иқтисодиёт талабот ба қувваи барқ низ афзуд, ки ин дар навбати худ аз ҳукумати ҷумҳурӣ талаб менамуд, ки бояд раванди истеҳсоли баркро нисбат ба соҳаҳои дигари хоҷагии халқ зиёдтар гардонад. Дар ҳалли ин вазифа қарори Шурои Вазирони ИҶШС аз 2 июни соли 1951 дар бораи сохтмони НБО-и Қайроққум ва қарори муштараки КМ ҲК Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон дар бораи оғози чорабиниҳои гузаронидани корҳои тайёрӣ ба сохтмони ин неругоҳи барқи обӣ марҳалаи муҳим гардид. Ин иншооти гидротехникӣ дар баробари бо қувваи барқ таъмин кардани корхонаҳои саноатӣ, инчунин имконият медод, ки ҳазорон гектар заминҳои бекорхобида обёрӣ ва азхуд карда шаванд [133, 152].

Корҳои тайёрӣ ва лоиҳакашии сохтмони ин иншоот ҳанӯз дар солҳои ҷанг шуруъ шуда буд. Комиссияи махсуси Кумитаи банақшагирии ИҶШС соли 1944 ба Комиссариати халқии замини ИҶШС супориш дод, ки бояд нақшаи истифодабарии захираҳои оби Сирдарёро бо мақсади ҳалли маҷмӯи масъалаҳои соҳаи кишоварзӣ, сохтмони гидроэнергетикӣ, киштиронӣ ва моҳипарварӣ то соли 1947 пешниҳод намояд [70, 80]. Бо ҳамин мақсад комиссияи махсус ташкил дода шуд, ки ба ҳайати он ҷонишинони вазири фарҳанги техникии ИҶШС, раисони Шурои Вазирони ҶШС Ӯзбекистон, ҶШС Тоҷикистон, ҶШС Қазоқистон ва намояндагони вазоратҳои хоҷагии обӣ ин ҷумҳуриҳо, инчунин намояндагони вазоратҳои неругоҳҳои барқӣ ва

фарҳанги техникии ИҶШС дохил шуданд. Комиссияи мазкур баъди таҳқиқоти васеъ зарурияти сохтмони обанбори Қайроққумро тасдиқ кард.

Аз рӯи ҳисоби комиссия ва мутахассисон сохтмони обанбори Қайроққум бо гунҷоиши 5,4 млрд. $м^3$ ба зиёд шудани заминаҳои обёришаванда дар минтақаи Мирзочӯл барои ҶШС Ӯзбекистон ва ҶШС Қазоқистон ба андозаи то 320 ҳазор гектар имконият медод ва, инчунин бо об таъмин кардани заминҳои мавҷудаи обёришавандаро беҳтар мегардонид [25, в.5-6].

Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва, махсусан сохтмонии онро ба ҳисоб гирифта, комиссия барои дар навбати аввал ба бунёди обанбори Қайроққум иҷозат дод, ки бунёди он бо хароҷоти кам ва бо техникаи оддӣ ба даст меомад ва, ҳамзамон бо шарофати ин сохтмон имкони дар як сол ба ҳисоби миёна то 550 млн. кВт. соат қувваи барқ истеҳсол намудан пайдо мешуд [70, 81]. Ин қувваи барқро барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ноҳияҳои саноатии Тошканд, вилоятҳои ҷануби Қазоқистони ва Ленинобод (ҳоло Суғд) равона кардан мумкин буд. Комиссияи махсус инчунин гузаронидани таҳқиқоти иловагии гидрогеологиро зарур шуморид, ки бояд дар якҷоягӣ бо супориши лоиҳавӣ барои дида баромадан пешниҳод карда мешуданд.

Аз тарафи дигар, ин сохтмон ба вилояти Ленинободи ҶШС Тоҷикистон зарари ҷиддӣ мерасонид, зеро майдони зиёда аз 75 ҳазор гектар заминҳои серҳосили вилоят зери об мемонд [23, в.9]. Вобаста ба ин комиссия пешниҳод кард: аз ҳукумати умумиттифоқӣ хоҳиш карда шавад то, ки масъалаи зиёд кардани фонди заминҳои вилояти Ленинобод аз ҳисоби заминҳои аз нав обёришавандаи ҶШС Ӯзбекистон мувофиқи ивазшавии марзҳои давлатии ҷумҳуриҳои мазкур баррасӣ гардад; ба хотири ривоҷ додани обёрии мошинӣ дар вилояти Ленинобод истифодабарии қувваи барқи неругоҳҳои барқи обии Қайроққум ва Фарҳод иҷозат дода шавад; чорабиниҳои муҳофизатӣ бо мақсади зери об намондани заминҳои ҳосилхези атрофи обанбор гузаронида шаванд; хоҷагиҳои минтақаҳои зериобшаванда ба ҷойҳое, ки гузаронидани корҳои обёрикунӣ пешбинӣ шудаанд, кӯчонида шаванд.

Ҳамин тариқ, дар аввали солҳои 50-ум мувофиқи қарори Ҳукумати ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон ба сохтмони НБО-и «Дӯстии халқҳо» ибтидо гузошта шуд. Дастаи нахустини сохтмончиён ба ин биёбони хушку холӣ тобистони соли 1951 омаданд. Онҳо бояд дар ин ҷо барои коллективи бисёрҳазорнафараи сохтмончиён шароити муътадили зиндагӣ ва меҳнат фароҳам меоварданд. Тибқи нақша бояд дар муддати кӯтоҳ 35 ҳазор метри мураббаъ манзили истиқоматӣ, биноҳои фарҳангӣ-маишӣ ва роҳ сохта, воситаҳои бо об ва қувваи барқ таъмин намудани сохтмонро пайдо мекарданд.

Дар моҳҳои аввал сохтмончиён дар хонавагонҳо истиқомат мекарданд. Дар мудати якчанд моҳ 478 хонавагонҳо гузошта шуда, аввалин гурӯҳҳои сохтмончиёни иншооти бузурги гидротехникӣ ҷой гирифтанд. Баъди андак вақт дар ин ҷо биноҳои якошёна ва дуошёнаи сангӣ низ қомат афрохтанд.

НБО-и Қайроққум дар он вақт яке аз иншооти калонтарини гидротехникии Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт, ки иқтидораш 126 ҳазор кВт/соат буд. Вай барои бо қувваи барқ таъмин намудани ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон ва навоҳии ҳамсарҳади ҷумҳуриҳои ҳамсоя пешбинӣ шуда буд. Ин иншоотро ҳам ба монанди иншооти дигари гидротехникӣ шуъбаи осиёимиёнагии Донишкадаи умумиитифоқии илмӣ-таҳқиқотӣ ва лоиҳакашӣ-ҷустуҷӯӣ («Гидропроект») тарҳрезӣ кардааст. Лоиҳаи НБО-и Қайроққум солҳои 1950-1952 омода шуда, сохтмони бевоситаи он аз соли 1952 оғоз ёфт [120, 63].

Дар як вақт бо сохтмони манзил бунёди муассисаҳои ёрирасон ва истеҳсолӣ низ шуруъ шуданд. Ба ин мақсад ҳанӯз пеш аз оғоз ёфтани корҳои асосӣ дар обанбор 40 млн рубл маблағ сарф гардид [116, 76].

Бо даъвати мақомоти ҳизбӣ ва ҳукуматӣ аз тамоми гӯшаю канори ИШ ихтиёриён, ки таҷрибаи бойи истеҳсолӣ на техникӣ доштанд ва муддати зиёд дар сохтмони иншооти бузурги гидротехникии мамлакат кор карда буданд, ба Қайроққум омаданд. Сохтмони неругоҳи барқии «Дӯстии халқҳо» ва обанбори Қайроққум сохтмони бузурги умумииттифоқӣ эълон гардид.

Меҳнаткашони ноҳияи Хуҷанд ба бинокорони НБО ба миқдори зиёд масолеҳи сохтмонӣ доданд. Танҳо як колхози Москва барои сохтмони аввалин хонаҳои истиқомати 200 тонна семент, якчанд тонна мех ва миқдори зиёди масолеҳи чӯбиро дастраси сохтмончиён гардонид. НБО-и Фарҳод майдони сохтмонро бо қувваи барқ таъмин кард [117, 2]. Шаҳрҳои вилоят сохтмончиёнро бо хӯрока ва молҳои саноатӣ таъмин менамуданд. Ҳамин, тавр дар муддати ду сол дар биёбони регзор нуқтаи ободи аҳолинишини Қайроққум ба вуҷуд омад.

Сохтмони НБО-и Қайроққум ба дастгирии коргарон, кормандони муҳандисӣ-техникӣ ва хизматчиёни аз сохтмони НБО-и Фарҳоди ҶШС Ӯзбекистон омада, такя намуда, фаъолияти худро сар кард. Баъдтар барои ёрӣ ба сохтмони нав ҷумҳуриҳои дигари мамлакат низ омаданд. Ҷумҳуриҳои шуравӣ ба сохтмони иншооти гидротехникии Қайроққум бо ду роҳ ёрӣ мерасониданд: баъзе муассисаҳои саноатии шаҳрҳои мамлакат ба ин сохтмони умумиитифоқӣ бо воситаи иҷрои супоришу дархости он ва гурӯҳи дигари шаҳрҳои иттифоқӣ бо василаи фиристодани кадрҳои пуртаҷрибаю баландихтисос мадад мерасониданд [70, 81-82].

Наздики 200 муассисаҳои калони саноатии шаҳрҳои маркази мамлакат дархостҳои «Қайроққум»-ро сариваќт иҷро мекарданд. Аз Москва ба ин ҷо мунтазам мошинҳои гуногунтамға, трансформаторҳо, дастгоҳҳо бо тамғаи Ленинград ва Краматорскии нав, кранҳои борбардори 250 тоннагӣ, дастгоҳҳои кафшерӣ, мошинҳои борбардор аз Новосибирск ва Сизран ворид мешуданд. Даҳҳо шаҳрҳои Белоруссия, Украина, Урал, Сибир ва Ӯзбекистон ба суроғаи сохтмони НБО-и «Дӯстии халқҳо» мошинҳои худгарди боркунанда, экскаваторҳо, трактору булдозерҳо ва мошинҳои заминканию хоккашонӣ (скрепер)-ҳо мефиристоданд. Дар маҷмуъ, намояндагони 37 миллату халқиятҳои ИШ, аз ҷумла русҳо, тоҷикҳо, тоторҳо, белорусҳо, қирғизҳо, украинҳо, ӯзбекҳо ва дигарон кифт ба кифт истода, якҷоя меҳнат мекарданд [79, 9].

Соли 1955 корҳои асосӣ дар сохтмони сарбанд ва бинои НБО ба охир расид ва барои бастани пеши дарёи Сир якчанд чораҳои пешакӣ дида шуданд. Сохтмони манзили зист барои сохтмончиёни НБО пурра ба анҷом расид. Бо ёрии мошинҳои заминканӣ «7 миллион метри мукааб хоку гил канда шуда, ба дохили сарбанди обанбор 281 ҳазор мукааб метр семент хобонда шуд ва 7 ҳазору 500 тонна оҳану бетон кор фармуда шуданд» [145, 2].

Сохтмончиёни НБО-и Қайроққум кӯпруки бо паҳноии 17,5 метраи пантонӣ сохтанд, ки дарозии он 94 метр буд. То рӯзи баста шудани маҷрои дарё ба майдони бинокории НБО 4 млн. $м^3$ шағал ва 220 ҳазор $м^3$ бетон кашонида шуд [145, 2].

Рузи 8 апрели соли 1956 ба муносибати баста шудани пеши дарёи Сир дар шаҳрак ҷамъомад барпо гардид. Дар он бо даъвати сохтмончиён вакилони вилоятҳои Тошканд, Фарғона ва сохтмончиёни НБО-ҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ иштирок карданд. Дар ҷамъомад, инчунин «шоирони машҳури шуравии тоҷик Мирзо Турсунзода ва ӯзбек Ғафур Ғулом ширкат варзида, сохтмончиёнро бо ин муваффақияти ба даст овардаашон муборакбод гуфтанд ва шеърҳои ба ин муносибат эъҷод кардаашонро қироат намуданд» [145, 2].

Дар рафти сохтмони НБО-и Қайроққум, аз соли 1951 то соли 1957 корҳои зиёд анҷом дода шуданд, аз ҷумла корҳои заминӣ 11 миллиону 71 ҳазор $м^3$-ро ташкил дода ба қисми сарбанд 273 тонна мукааб-метр санг, 372 ҳазор метри мукааб бетон ва конструксияҳои бетонӣ хобонида шуданд. Зиёда аз 78 ҳазор дона хишт истифода бурда шуда, 461 ҳазор метри мукааб манзил сохта шуд, ки аз он 36 ҳазор метри мураббаъ ба истифода дода шуда, бевосита ба иншоот 23 км роҳи оҳани паҳнбар ва 64 км шоҳроҳ пайваст гардид. Дар ин вақт дар обанбор зиёдтар аз 1 миллиарду 140 млн метри мукааб об захира шуд [99, 269-270].

Арзиши пурраи сохтмони НБО-и Қайроққум ва обанбор мувофиқи лоиҳаи асосӣ бояд 7.086,290 ҳазор рублро ташкил медод. Аммо дар натиҷаи

ба роҳ мондани усулҳои пешқадами кор ва васеъ ҷорӣ намудани мусобиқаи сотсиалистӣ маблағи пешбинишуда сарфа карда шуда, арзиши аслии сохтмони НБО ҳамагӣ 7. 045,000 рублро ташкил дод, ки ин муваффақияти калон буд [99, 270].

Ҳамин тариқ, НБО-и Қайроққум, яке аз сохтмонҳои муҳимми дорои аҳаммияти умумиттифоқӣ ба туфайли дастгирии ҳаматарафаи ҷумҳуриҳои шуравӣ ва меҳнати фидокоронаи сохтмончиён сохта ба истифода дода шуд.

Муҳимтарин натиҷаи сохтмони ин иншоот азхудкунии заминҳои нав, аз ҷумла дашти Дилварзин ва обёрикунии ин мавзеъ буд. Дашти Дилварзин дар ҳудуди Тоҷикистон, майдони 56,3 ҳазор гектарро ташкил медод, ки 16 ҳазор гектараш барои обёрии навбати аввал пешбинӣ шуда буд. Ҳудуди обёришавандаи нав фосилаи дарози заминҳои аз ҷануб ба шимол аз обанбори Фарҳод то деҳаи Янтоқ тӯл кашидаро фаро мегирифт.

Канали бузурги «Тоҷикистони Шуравӣ», ки ин ноҳияро бо об таъмин мекард, асосан аз обтақсимкунандаи Канали Дилварзин сарчашма мегирад, ки соли 1928 дар канори поёни Дилварзин сохта шуд ва масофаи 18 километр санглохи нишебиҳои кӯҳҳои Мевагул ва тақрибан 20 километри дашти васею баъзан аз доманакӯҳ мегузаштаро фаро мегирад. Канал дар охири қаторкӯҳи Қурама ба охир мерасад, дарозии умумии он тақрибан 50 километрро ташкил медиҳад. Мувофиқи лоиҳаи ибтидоӣ канал дар баъзе ҷойҳо маҷрои пурпечутобро дошт, вале мувофиқи лоиҳаи нави соли 1962 маҷрои зигзагмонанди каналро ҳамвор карда, пурра бетонпӯш намуданд.

Майдони механикии обёрии Дилварзин, ки аз канали «Тоҷикистони Шуравӣ» об мегирад, бештар аз 6 800 гектарро ташкил медод. «Майдони обёрии механикии Янтоқ, ки барои масоҳати 4,5 ҳазор гектар аст, аз ду истгоҳи оббарории Янтоқ-1 ва Янтоқ-2 оғоз меёбад. Дар истгоҳи обии «Янтоқ» 4 дастгоҳи оббарории якум бо суръати 6 метри мукааб дар як сония гузошта шудааст. Навбати дуюми истгоҳи оббарории Янтоқ-2 мебошад, ки дар он 2 дастгоҳи обкаш бо суръати 2,5 метри мукааб дар як сония гузошта шудааст. Сохтмони аввалин истгоҳи оббарории Дилварзин ибтидои соли

1958, истгоҳи якуми оббарории Янтоқ соли 1959 ва истгоҳии дуюми оббарории Янтоқ соли 1960 ба охир расиданд» [130, 52].

Умуман, дар нимаи дуюми солҳои 1950-ум корҳои хоҷагии об ва сохтмонӣ дар муҳимтарин мавзеҳои азхудкунии заминҳои нави корам ва бекорхобида, аз ҷумла мавзеҳои Дилварзин, Сомғор, Хоҷа-Боқирғон ва Марғедар, инчунин дар водиҳои Ҳисор ва Вахш, ҳамчунин дар ноҳияҳои Кӯлоб, Арал, Москва, Фархор ва Кировобод ба анҷом расиданд. То ин давра ҷумҳурӣ дар соҳаи сохтмони иншооти обёрӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида буд. Агар то давраи инқилоб дар низоми обёрии Тоҷикистон ягон навъи иншооти муҳандисӣ мавҷуд набошад, то соли 1953 шумораи онҳо ба зиёда аз 4 500 адад расид. Дар ҳамин давра беш аз 20 ҳазор километр каналҳо сохта ё аз нав барқарор карда шуданд, тақрибан 3 000 километр шабакаҳои заҳбурӣ бунёд гардида, масоҳати заминҳои обёришаванда тақрибан 2,5 маротиба афзоиш ёфтанд [90, 174].

Барои ба амал баровардани ин тадбирҳо қарори махсуси КМ ҲК Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҷумҳурӣ «Дар бораи сохтмони канали болои Дилварзин», инчунин қарорҳои кумитаи ҳизбии вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) қабул карда шуданд. Мувофиқи ин қарорҳо сохтмони канал ба зиммаи Идораи сохтмонию васлкунии Нов-Пролетар (ИСВ) гузошта шуд. Сохтмони асосии канали магистралӣ моҳи июли соли 1954 оғоз ёфт.

Дар он давраи муҳим бо даъвати мақомоти ҳизбӣ ва иттифоқи ҷавонон садҳо ҳазор нафар ҷавонони ватандӯст хоҳиши иштирок дар азхудкунии заминҳои бекорхобидаи Қазоқистон, Олтой, Кавкази Шимолӣ ва дигар ноҳияҳои мамлакат намуданд. Аввалин 200 нафар комсомолону ҷавонон, хатмкардагони мактабҳои миёна, ки аз шаҳру деҳаҳои гуногуни Тоҷикистон аз сафҳои Артиши Шуравӣ ҷавоб шуда буданд, барои азхудкунии дашти Дилварзин омаданд.

Моҳи ноябри соли 1954 ба онҳо муяссар шуд, ки то оғози зимистон якчанд истиқоматгоҳ барои сохтмончиёнро бунёд намоянд. Ҷавонони омада соҳиби касбу корҳои гуногун буданд, аз ҷумла сохтмончиён, андовачиён,

дуредгарон, пармачиён, заминканҳо ва шумораи зиёди дигар бевосита дар рафти корҳои сохтмони соҳиби касб шуданд.

25 ноябри соли 1954 анҷумани якуми ҳизбии сохтмончиёни ташкилоти ибтидоии ҳизбии қитъаи сохтмони «Дилварзинсохтмон» барпо гардид. Ташкилоти ҳизбӣ аз рӯзҳои аввали ташкил ёфтани худ роҳбарии ҳақиқии раванди азхудкунии заминҳои навро ба зимма гирифта, аз рӯзҳои аввали корҳои сохтмонӣ муҳимтарин масъалаҳои хоҷагӣ, сиёсӣ-оммавӣ ва фарҳангию маърифатиро ба зери назорати худ гирифт ва сохтмончиёнро ба мубориза барои ба амал баровардани мақсад ва вазифаҳои ҳизб ва ҳукумат сафарбар карда тавонист [130, 53].

Қадамҳои аввалини сохтмончиён осон набуд, нахустин фиристодагони комсомол дар хаймаҳо зиндагӣ мекарданд, зеро дар минтақаи сохтмонӣ нуқтаҳои аҳолинишин вуҷуд надоштанд. Кор аввал тез пеш рафт, хоки нарм бо экскаватор ба осонӣ канда мешуд, сохтмончиён дар яке аз нишебиҳои Мевагул ба пуштаи сангин дучор шуданд. Маълум гардид, ки лоиҳакашон таркиби хокро нодуруст муайян карда, ба хатоии ҷиддӣ роҳ додаанд. Роҳбарии бартарафсозии ин монеаро мутахассисони ҷавони нав муассисаи олиро хатм намуда, аз қабили «В.Сохненко, В. Николенко, Т. Морозова, Ю. Харри ва дигарон ба ӯҳда гирифтанд» [130, 53].

Моҳи январи соли 1955 бо даъвати кумитаи ҳизбии вилоятӣ ва кумиҷроияи вилоятии Ленинобод аз «29 колхоз наздики 2 000 нафар колхозчиёни ноҳияҳои Нов, Пролетар, Ленинобод, Ӯротеппа ва дигар навоҳии шимолии Тоҷикистон ба ёрии сохтмончиён омаданд» [143, 2-3]. Ташкилотҳои нақлиётии вилоят ҳам ба колхозчиён ҳамроҳ шуданд. Кори себаста ба роҳ монда шуд. Сохтмончиён дар зарфи 4-5 моҳ то «29 ҳазор метр санг ва, умуман бештар аз 302 ҳазор метри мукааб санг ва зиёда аз 1 миллион 308 ҳазор метри мукааб хок канданд» [143, 2-3]. Ибтидои моҳи майи соли 1955 сохтмончиён санҷиш гузаронида, обро сар доданд, аммо бо хатоии нақшакашҳо хоки ноустувори санглоху регдори маҷрои канал имкон надод, ки об ҷорӣ шавад ва ба дашту домани атроф паҳн шуд. Барои бартараф

намудани ин фалокат фавран каналро баста, бо маҳлули оҳану бетонӣ рӯйпӯш намудан зарур шуд.

Бетонрезҳо шабу рӯз кор карда қабати каналро метр ба метр бо бетони монолитӣ пӯшониданд, ки чунин усули рӯйпӯшкунии канал навоарие дар сохтмони чунин иншоот буд. Ташаббуси навоваронаро коллективи мазкур ба роҳ монда, бори аввал дар Осиёи Миёна дар канали Болои Дилварзин плитаҳои оҳану бетонӣ ба кор бурда шуданд ва дар натиҷа зиёда аз 1 200 тонна бетон сарфа карда шуд.

Натиҷаи меҳнати фидокоронаи сохтмончиён ва колхозчиён буд, ки то баҳори соли 1955 кори асосии кандани канали магистралӣ ба анҷом расид. Бо плитаҳои оҳану бетонӣ рӯйпӯш намудани канал имконият дод, ки мӯҳлати иҷрои корҳои вазнин ва неруталаб кӯтоҳ карда шавад. Бетонкунии канал дар шароити сахти зимистон дар зери борону барф анҷом ёфт.

3 июни соли 1956, дар рӯзи 661-умини оғози кор дар маҳаллаи Комсомол бахшида ба кушода шудани канали магистралӣ ҷамъомади калон барпо гардид. Дар он пеш аз ҳама деҳқонони ноҳияҳои Нов, Масчоҳ, Ленинобод, Пролетар, Конибодом ва Ӯротеппа ҷамъ омаданд, ки онҳо соли 1956 ба кишти пахта сар карда, майдони онро қариб ба 3 ҳазор гектар расонида, бесаброна мунтазири обёрии пахтазор буданд.

Раиси кумиҷроияи Масчоҳ, яке аз куҳансолтарин коммунисти ноҳия, ташаббускор ва ташкилотчии кӯчонидани сокинони Масчоҳ Н. Салимов миннатдорӣ намуда, таъкид кард, ки аз ноҳияи мо ба Дилварзин садҳо оила кӯчида меоянд, мо дар ин ҷо замини ҳосилхез ва оби фаровони пурқиммат пайдо кардем [144, 2]. Бо фармони Раёсати Шурои Олии Тоҷикистон зиёда аз 100 нафар иштирокчиёни сохтмон бо Ифтихорномаҳои фахрии Шурои Олии ҷумҳурӣ мукофотонида шуданд.

Баробари ба охир расидани сохтмон ва ба истифода додани навбати якуми канали Болои Дилварзин азхудкунии заминҳои ҳосилхези дашт, ки дар давоми асрҳо холӣ буд, оғоз ёфт. Бо ҷорӣ шудани об гурӯҳи зиёди деҳқонони ноҳияи Кӯҳистони Масчоҳ ба ин ҷо кӯчида омаданд.

Сохтмони хатти асосии канали «Тоҷикистони Шуравӣ» танҳо ибтидои кори азим дар азхудкардани замин, гузарондани корҳои заҳбурканӣ, ташкили шабакаи хурди обёрӣ, сохтмони биноҳои истиқоматӣ ва фарҳангию маишӣ буд. Бо мақсади ба амал баровардани он бо қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 31 июни соли 1957 «Дар бораи ташкили корҳои боқимондаи минтақаҳои Дилварзин ва вилояти Ленинобод» [130, 61], ташкилоти алоҳидаи азхудкунии заминҳои корам дар назди Вазорати хоҷагии оби ҷумҳурӣ ташкил карда шуд. Ташкилот ба корҳои хоҷагию сохтмонӣ аз 1 сентябри соли 1957 шурӯъ кард, вале дар аввал роҳбарияти он фаъол набуд ва аз сабаби набудани кормандону мутахассисони бомаҳорат вазифаи худро иҷро карда натавонист, ки дар натиҷа «нақшаи солонаи Идораи сохтмону васлкунӣ (ИСВ) ҳамагӣ 77% иҷро гардид» [130, 61].

Аммо пас аз баррасии фаъолияти ташкилот дар мақомоти ҳизбию давлатӣ ва ҷорӣ намудани мусобиқаи сотсиалистӣ суръати корҳо комилан тағйир ёфт. Ба ғолибони мусобиқаи сотсиалистӣ ҳар моҳ Байрақи Сурхи сайёр дода мешуд ва ба кормандони шоиста тӯҳфаҳои қимматбаҳо тақдим мегардид. Тадбирҳои сари вақт андешидашуда натиҷаҳои зарурӣ доданд ва дар як муддати кӯтоҳ шаш обтақсимкунаки калон (ба ғайр аз иншооти хурд) сохта шуд ва ин имконият дод то дар тамоми мавсими обёрии соли 1957 аз канал дар як сония ба ҳисоби миёна 12 мукаабметр об барои заминҳои ташнаи ноҳия ҷорӣ гардад. Ин минтақа ҳосили фаровони пахта дод ва ноҳия аз ҷиҳати истеҳсоли пахта дар вилоят яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол кард. Бинобар ин, қариб тамоми майдони худҷоришавандаи канал, ба ғайр аз қисми домани қитъаи Янтоқ, охири соли 1957 нав карда шуд, аммо барои ба охир расонидани сохтмони ин минтақа бояд ҳарчӣ бештар иншооти гидротехникӣ сохта мешуд. Роҳбарони ИСВ-2 мебоист ба сохтмони иншооти гидротехникӣ дар минтақаҳои Дилварзин ва Янтоқ диққати ҷиддӣ медоданд, то ки тамоми шабакаи минтақаи худҷоришаванда то баҳори соли 1958 пурра мустаҳкам карда шавад.

Дар назди сохтмончиёни ИСВ вазифаи дорои аҳаммияти давлатӣ гузошта шуд. Коргарони ин идора бояд то баҳори соли 1958 дар майдони Дилварзин 6 ҳазор гектар замини нав тайёр менамуданд ва барои ин дар майдони дуюми сохтмон истгоҳи якуми насосиро сохтан зарур буд. Ин вазифаи бузургу мураккабро сохтмончиёни ИСВ-2 бояд дар мӯҳлати муайяншуда ҳал менамуданд [130, 62-63]. Соли 1957 дар минтақаи Дилварзин як қатор корҳо, аз ҷумла ба истгоҳи насосӣ чоҳ кофта шуд, моҳи октябр бошад, дар истгоҳи насосӣ бетонрезӣ оғоз ёфт, беш аз 10 км роҳи канал бо рӯйпӯши бетонӣ тайёр шуда буд, ки аз насоси якум ибтидо мегирифт.

26 октябри соли 1957 мақомоти роҳбарии ноҳияи Масчоҳ рафти сохтмони асосиро дар ИСВ-2 ва ИСВ-I муҳокима карда, роҳбарон ва ташкилоти ҳизбии ин қитъаҳоро вазифадор кард, ки барои сохтмон тамоми чораҳоро бинанд ва истгоҳи насосии Дилварзин бояд баҳори соли 1958 ба кор шуруъ карда, ба 6 ҳазор гектар заминҳои навкорам об диҳад [130, 64].

18 октябри соли 1957 дар қитъаи Комсомол дар ҳузури роҳбарони ташкилот ва идораи сохтмончиёни ИСЗН маҷлиси сайёри Кумитаи иҷроияи Шурои вакилон меҳнаткашони вилояти Ленинобод барпо гардид, ки дар он рафти сохтмони истгоҳи насосӣ ва канали обёрии механикии қитъаи Комсомол муҳокима карда шуд. Дар ин ҷаласа ҳаҷми истифодашуда ва истифодашавандаи бетон, хишт, моддаҳои тарканда ва ғайра аниқ муайян карда шуда, эҳтиёҷ ба масолеҳи сохтмонӣ, техника, нақлиёт ва қувваи корӣ муайян карда шуд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда суръати сохтмони истгоҳи насосӣ тезонида шуда, интизоми меҳнат беҳтар гардид, назорат аз болои иҷрои қарорҳои мақомоти болоии ҳизбӣ ва қарорҳои ташкилоти ҳизбии Идораи сохтмони азхудкунии заминҳои нав (ИСАЗН, ба русӣ «Целинстрой») ҷорӣ карда шуд.

Корҳои сиёсию тарбиявӣ дар коллектив бо роҳи ташкил кардани лексияю маърӯзаҳо, сӯҳбатҳо, инчунин гузарондани маҷлисҳо ба роҳ монда

шуда «соли 1957 дар давоми сохтмон 8 шумораи рӯзномаи деворӣ ва 7 шумораи брошураи ҳаҷвии «Крокодил»-ро аз чоп баровард» [130, 66]. Аз иттифоқҳои касаба ва комсомолӣ даъват ба амал баровarда шуд, ки дар ҳалли муваффақони тамоми вазифаҳои хоҷагӣ ва сиёсии тарбияи коммунистии сохтмончиён нақши зарурӣ бозанд.

Сохмони истгоҳи насосии Дилварзин миёнаи соли 1957 шуруъ шуда, то 17 май соли 1958 давом кард. Ба анҷом расидани сохтмон бо 40-солагии қабули «Декрет дар бораи ташкили корҳои ирригатсионӣ дар Туркистон» рост омад, ки дар он, инчунин, сохтани иншооти обёрӣ дар дашти Дилварзин пешбинӣ шуда буд [91, 387-392]. Пеш аз мӯҳлат анҷом додани сохтмон ва ба истифода додани истгоҳи якуми насосии иншооти гидротехникӣ ва комплексии гидротехникии Дилварзин, ки дар як сония бо баландии 62 метр 8 ҳазор литр об медод, зиёда аз 6 ҳазор гектар заминҳои ташнаро бо об таъмин мекард, барои таҷлили 40-солагии ин ҳуҷҷати таърихӣ тӯҳфаи арзанда буд.

Дар сохтмони истгоҳи насосӣ комёбиҳои навтарини гидротехникӣ ба кор бурда шуданд. Бори аввал дар Иттиҳоди Шуравӣ аз оҳану бетони васлшавандаи дарозиаш бештар аз 600 метрноваҳои обгузар сохта шуд, ки онро муҳандисони ҷавони лоиҳакашӣ иҷро намуданд. Ин дар Осиёи Миёна аввалин истгоҳе мебошад, ки чор насос дар зери об дорад ва зарурати истифода бурдани ду насоси пуриқтидорро аз байн мебарад [130, 67-68]. Сохтмони ин канал бо усулҳои пешқадами саноатӣ бо истифода аз тарҳрезиҳои васлшавандаи оҳану бетонӣ бо дараҷаи баланди механиконӣ анҷом дода шуд. Дар як муддати кӯтоҳ зиёда аз 20 ҳазор мукаабметр оҳану бетонрезӣ ва васли зиёда аз 400 тонна тарҳрезиҳои металӣ ба амал омад. Ташкилотҳои ҳизбӣ ва иттиҳодияҳои ноҳия ва вилоят, коргарон ва муҳандисони техникии корхонаҳои саноатии Москва, Ленинград, Тошканд, Свердловск, Минск, Киев ва дигар шаҳрҳои ИҶШС ба сохтмончиён ёрии арзанда расониданд.

Меҳнаткашони Тоҷикистон қарорҳои таърихии анҷумани XX ҳизб ва пленуми КМ ҲК ИШ-ро доир ба рушди соҳаҳои муҳимтарини хоҷагии халқ дар ҳаёт татбиқ намуда, бо дастгирии дигар ҷумҳуриҳои бародар муваффақиятҳои калон ба даст оварда, истеҳсоли пахта ва дигар маҳсулоти хоҷагии қишлоқро зиёд намуданд. Соли 1958 дар ҷумҳурӣ 421,2 ҳазор тонна пахта истеҳсол карда шуд [56, 52].

Пахтакорон, махсусан фатҳкунандагони заминҳои беоби Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон қарори КМ ҲК ИШ ва Шурои Вазирони ИҶШС-ро «Дар бораи вусъат додан ва тезондани кор дар соҳаи обёрӣ ва азхудкунии даштҳои ташнаи ҶШС Ӯзбекистон, ҶШС Қазоқистон ва ҶШС Тоҷикистон» аз 14 июни соли 1958 самимона қабул карданд ва ин қарор барои тараққиёти иқтисодиёт ва фарҳанги ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна хеле мусоидат намуд. Дар ин қарори таърихии КМ ҲКИШ ва Шурои Вазирони ИҶШС қайд шудааст, ки солҳои 1956-1957 кори азхуд намудани заминҳои даштҳои ташна дар ҶШС Ӯзбекистон ва ҶШС Қазоқистон ва бомуваффақият анҷом ёфтани сохтмони обанбори Қайроққум дар ҶШС Тоҷикистон барои васеътар ба роҳ мондани кор дар соҳаи обёрӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда, дар даштҳои ташна ва заминҳои ҳамсояи вилояти Ленинобод (Суғд) боиси тезондани кор ва ба вуҷуд овардани ноҳияи нави калонтарини пахтакории мамлакат гардид. Аммо, чунон, ки дар қарори КМ ҲКИШ ва Шурои Вазирони ИҶШС дарҷ гардидааст, таҷриба нишон дод, ки дар ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Тоҷикистон мавҷуд будани ташкилотҳои гуногуни сохтмонӣ оид ба обёрӣ ва азхудкунии заминҳои ташнаи дашти Дилварзин ба арзон кардани арзиши аслии сохтмон ёрӣ нарасонд. КМ ҲКИШ ва Шурои Вазирон бо мақсади боз ҳам вусъат додан ва тезондани кор дар соҳаи обёрӣ ва азхудкунии заминҳои дашти ташнаи Дилварзин ва Сомғор зарур донистанд, ки дар ин мавзеъ корхонаҳои саноатии сохтмонӣ, совхозҳои пахтакор, корхонаҳои ба дараҷаи баланд механиконидашудаи дорои низоми аз ҷиҳати техникӣ ҳозиразамони обёрикунанда, биноҳои истиқоматӣ ва иншооти фарҳангию маишии хуб таҷҳизонидашуда ташкил карда шавад. Ҳаҷми маблағгузории зарурие, ки

барои анҷом додани корҳои обёрӣ ва азхуд кардани заминҳои нав ва техникаи иловагӣ, маҳсулот ва техникаи заминканӣ дар соли 1958 то ба 200 миллион рубл (бо пули кӯҳна) афзуд.

Мувофиқи ин қарор дар маркази дашти ташна дар шаҳри Янгиери Ҷумҳурии Ӯзбекистон Саридораи сохтмони Дашти Гурусна» (ССДГ, ба русӣ «Главголодностепстрой») ташкил карда шуд, ки он дар бобати азхуд кардан ва обёрӣ намудани заминҳои нав, аввал дар қаламрави се ҷумҳурии номбурда, як қатор корҳоро ба анҷом расонд. Баъдтар дар тамоми Осиёи Миёна бо мақсади беҳтар намудани ташкили корҳои сохтмону обёрӣ бо роҳи дар як ташкилоти ягонаи байниҷумҳуриявӣ муттаҳид намудан ва марказонидани объектҳо ташкилоти Идораи сохтмони азхудкунии заминҳои нав (ба русӣ «Целинострой») бо қарори КМ ҲК Тоҷикистон аз 16 октябри соли 1958 ба ихтиёри ССДГ гузошта шуд. Баъдтар ин ташкилот ба Идораи сохтмони заминҳои нави Тоҷикистон (ИСЗНТ, ба русӣ «Тоҷикселинострой») тағйир ёфт.

Баробари ташкил ёфтани ССДГ ва дар асоси он ИСЗНТ раванди сохтмони иншооти обёрӣ хеле суръат гирифт. Истгоҳҳои насосии якум ва дуюми Янтоқ дар навбати аввал гузошта шуданд. Ғайр аз ин, барои бо оҳану бетони васлшаванда рӯйпӯш намудан ва тайёр намудани шабакаҳои обёрӣ як қатор корҳои дигар ба анҷом расонида шуданд.

Сохтмони истгоҳи «насосии Янтоқ-1 бо дарозии 75 метр ва канали мошинии ЯМ-1 ба масофаи қариб 20 километр дарозӣ моҳи апрели соли 1959 ба истифода дода шуд» [35, в.32]. Иқтидори ин истгоҳ қариб 6 мукаабметр об дар як сонияро ташкил медод. Тамоми хатти канал бо оҳану бетон печонида шудааст. Дар сохтмону васлкунии истгоҳи насосӣ корҳои бузург ба анҷом расонида шуд, танҳо ҳаҷми таркиш ва пармакунӣ бештар аз 80 ҳазор метри мукаабро ташкил медод [35, в.32].

29 апрели соли 1959 ба муносибати ба охир расидани сохтмон дар истгоҳи насосии Янтоқ маҷлиси коргарон барпо гардид. Фотеҳони заминҳои

ташнаи ноҳияи Масчоҳ расман ба кор шурӯъ кардани истгоҳро ҷашн гирифтанд.

Натиҷаи меҳнати қаҳрамононаи сохтмончиён буд, ки пахтакорони ноҳияи Масчоҳ ба 3,5 ҳазор гектар замини нав сари вақт об дода, ҳосили фаровон рӯёнида, нақшаи давлатии супоридани пахтаро пеш аз мӯҳлат иҷро карданд.

Дар байни коллективҳои сохтмончиёну механизаторон пешқадамони истеҳсолот зиёд буданд, ки меъёрҳои баланди меҳнатиро нишон дода, ӯҳдадориҳои истеҳсолиро бо сифати аъло ва барзиёд иҷро мекарданд. Ба ин гурӯҳ «бригадаҳои Ёдгоров, А. Аҳроров, Э.Нурмуҳаммадов, бригадаи экскаваторчиёни Королков, Дубинин, экскаваторчиён Пивоваров, Ҷӯраев, Сидкин, булдозерчӣ С.Попов, Шайдуллин, И.Тапирнов ва дигарон буданд» [130, 73-74].

Анҷумани XII Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, ки моҳи январи соли 1959 баргузор шуда, ташкилоти ҳизбӣ ва ҳамаи меҳнаткашони ҷумҳуриро вазифадор кард, ки дар давоми ҳафт сол, боз 156 ҳазору 500 гектар замини обиро азхуд кунанд. Дар назар дошта шуда буд, ки азхудкунии заминҳои нав дар «даштҳои паҳновари Дилварзин, Хоҷа Боқирғон, Қумсангир, Қараланг, Гулистон, Ташробод, Ӯртабуз ва заминҳо ноҳияҳои Ашт, Ганҷ, Фархор ва Ӯротеппа ба анҷом расонда мешаванд» [130, 74]. Дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ ғайр аз ба муомилоти хоҷагии қишлоқ даровардани ин заминҳои калон ташкилоти ҳизбии ҷумҳурӣ корҳои бузургеро дар самти беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои истифодашаванда низ пешбинӣ карда буд.

Ҳамин тавр, бо шарофати сохтмони НБО-и Қайроққум ва обанбори он, корҳои зиёди ирригатсионию мелиоративӣ гузаронида шуда, заминҳои бекор ва беоби дашти Дилварзин дар як муддати кӯтоҳ азхуд карда шуданд, ки ин барои ташкил додани як ноҳияи нави пахтакор ва ба он ҷо муҳоҷир намудани қувваи кории зиёд аз манотиқи кӯҳӣ, аз ҷумла аз Кӯҳистони Масчоҳ замина ба миён овард.

**Муҳоҷиркунонии сокинони Кӯҳистони Масчоҳ**

Дар давоми солҳои 1954-1964 барои дар дашти Дилварзин барпо намудани маҳаллаҳои колхозӣ ва маркази ноҳия корҳои асосӣ ба ҷо оварда шуданд. Ин ноҳия баъд аз ноҳияи онвақтаи Москва дуюмин ноҳияи калон ба шумор мерафт. Сохтмони ноҳияи Масчоҳ аз ноҳияи Москва бо он фарқ мекард, ки дар ин мавзеъ обу одам набуд, бо ёрии колхозчиён-муҳоҷирон кор кардан имкон надошт, аз ин рӯ, ҳизб ва ҳукумат дар ин ҷо сохтани каналҳои обёрикунанда ва биноҳои истиқоматиро бе иштироки сокинон пеш гирифтанд. Бо ин мақсад ИСВ барои сохтмони иншооти обёрикунанда ва Идораи сохтмони биноҳои истиқоматӣ ташкил карда шуданд. Моҳи октябри соли 1954 ин ташкилотҳо ба кор сар карданд.

28 октябри соли 1954 дар дашти Дилварзин маҷлиси якуми ҳизбии идораи сохтмонии «Дилварзинсохтмон» бо 8 нафар коммунист дар хаймаҳо барпо гардид [29, в.1-2], ташкилоти комсомолӣ ва иттифоқи касабаи сохтмончиён низ ташкил карда шуд. Ҷолиби диққат аст, ки комсомолон нормаҳои моҳонаю семоҳаро мунтазам аз 120 то 150% ба ҷо меоваранд [27, в.3]. Ба сохтмончиён лозим омад, ки мушкилоти калонеро бартараф кунанд, ки асоситаринашон нарасидани қувваи корӣ буд. Ба ҳаҷми бузурги корҳои сохтмон нигоҳ накарда, коргаронро ба қадри кифоя ҷалб карда натавонистанд ва, аз ҳамин сабаб чандин сол пайи ҳам нақшаи сохтмони иншооти шаҳрвандӣ иҷро нашуд.

Идораи сохтмонӣ то моҳи майи соли 1955 ба бунёди биноҳои истиқоматӣ барои худи коргарон машғул шуда, баъд ба сохтмони хонаҳои истиқоматӣ барои сокинони колхозҳо шурӯъ намуд. Дар давоми «соли 1955 қариб 600 бинои истиқоматӣ сохтан зарур буд, вале аз сабаби нарасидани қувваи корӣ (дар сохтмон танҳо 110 нафар коргар кор мекарданд) то моҳи сентябр ҳамагӣ 36 хонаи истиқоматӣ ба истифода дода шуд ва 40 хонаи дигар баъди шаш моҳ барои истифода омода гардид» [28, в.30].

Ба ғайр аз қувваи корӣ барои кори муътадили сохтмон техника намерасид. Дар сохтмон ҳамагӣ 7 мошини боркаш мавҷуд буд, вале як қисми

мошинҳо об мекашониданд ва аз ҳамин сабаб кашондани масолеҳи сохтмонӣ зуд-зуд халалдор мешуд, табиист, ки ин суръати корро суст мекард. Ғайр аз ин, ба қадри зарурӣ устоҳои моҳир намерасиданд. Сохтмончиёни ҷавони камтаҷриба аксар вақт деворҳои хонаҳоро нодуруст мемонданд. Баъзан хиштро бе таҳкурсӣ бевосита ба замин мегузоштанд. Дар ин лоиҳаҳо ҳуҷраҳои духонагии пештоқдор оварда шуда буд, аммо сохтмончиён хонаҳои якҳуҷрагӣ месохтанд, ки талаботи сокинонро қонеъ карда наметавонист.

Анҷумани Х ҲК Тоҷикистон (1956) КМ ҲК ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, ташкилотҳои маҳаллии ҳизбӣ ва шуравиро вазифадор кард, ки ғамхориро дар бораи муҳоҷирони ноҳияҳои пахтакор пурзӯр намоянд ва ба иҷрои нақшаи муҳоҷиркунонӣ ва сохтмони хонаҳои истиқоматӣ барои хоҷагиҳои муҳоҷиршуда муваффақ шаванд, то ки истифодаи замини колхозҳои кӯчондашуда осон карда шавад. Дар роҳи иҷрои ин қарор барои солҳои 1956-1957 ҳамагӣ «3 892 оила колхозчиён аз ноҳияҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ ба колхозҳо ва совхозҳои пахтакор кӯчонида шуданд, ки ин ҳамагӣ 69,1% нақшаи муҳоҷиратро ташкил медод» [30, в.27].

Яке аз сабабҳои асосии иҷро нагардидани нақшаи муҳоҷиркунонӣ тайёрии хеле сусти колхозу совхозҳои ҷумҳурӣ ба қабули муҳоҷирон буд. Масалан, соли «1957 дар колхозҳое, ки муҳоҷиронро қабул мекарданд, бояд 3 800 хонаи истиқоматӣ сохта мешуд, аммо дар амал танҳо 650 хона сохта шуд» [30, в.27].

Дар солҳои 50-уми асри ХХ, пеш аз ҳама, ташаббускори ба дашти Дилварзин кӯчонидани сокинони ноҳияи Кӯҳистони Масчоҳ, котиби аввали Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, арбоби ҳизбиву давлатӣ Бобоҷон Ғафуров буд. Ӯ бо донишу таҷрибаи васеи худ тавонист барномаи васеи кӯчонидан ва ободонии дашти Дилварзинро роҳандозӣ кунад. Ин барнома на танҳо ба беҳбудии шароити зиндагии сокинони Кӯҳистони Масчоҳ мусоидат намуд, балки ба рушди иқтисодии тамоми минтақа низ таъсири мусбат расонид.

Кӯчонидани сокинон ба дашти Дилварзин як қисми барномаи бузурги ободонии заминҳо ва рушди соҳаи кишоварзӣ буд, ки ҳадафаш заминҳои

васеъ ва камаҳолии Тоҷикистонро ба заминҳои ҳосилхез ва сермаҳсул маҳсуб меёфт. Бо ташаббуси Бобоҷон Ғафуров, дар ин минтақаи нав сохторҳои зарурӣ, аз ҷумла роҳҳо, мактабҳо, муассисаҳои тиббӣ ва обёрӣ таъсис дода шуданд. Ин корҳо на танҳо ба рушди минтақа, балки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кӯчонидашуда низ мусоидат намуданд.

Дар натиҷа дашти Дилварзин ба яке аз марказҳои муҳимми истеҳсоли кишоварзии Тоҷикистон табдил ёфт, ки ин муваффақият бо шарофати роҳбарии дурандешонаи Бобоҷон Ғафуров ва дастгирии ҳукумати шуравии Тоҷикистон ба даст омаданд.

Бояд зикр кард, ки «Б.Ғафуров ба ҳамагуна сиёсати муҳоҷиргардонӣ розӣ набуд. Ӯ намехост, ки мардуми минтақаҳои шимоли Тоҷикистон иҷборан аз макону деҳаҳои обод ва заминҳои ҳосилхез кӯчонда шуда, дар он маҳалҳо обанбор созанд. Ин сиёсат ба эҷоди сохтмони обанбор ва пойгоҳи барқии бузургтарин нерӯгоҳи барқии обии ҳамонвақтаи Осиёи Миёна - Қайроққум иртибот дошт. Бунёди ин пойгоҳи барқӣ, на бо иродаи роҳбарони онвақтаи Тоҷикистон, балки ба хоҳиши ҳукумати марказӣ, ба хотири рушди зироати пахта ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ буд. Комиссияи махсуси банақшагирии давлатии ИҶШС (ба русӣ Госплан) ба Комиссариати халқии хоҷагии кишлоқи ИҶШС дастур дод, ки соли 1947 тарҳи лоиҳаи истифодаи захираҳои оби Сирдарёро ба мақсади рушди минбаъдаи соҳаҳои кишоварзӣ, моҳипарварӣ, сохтмони иншооти барқӣ ва киштигардӣ пешниҳод намоянд. Пас аз чанд соли пешниҳоди тарҳи иншоот, бо иштироки ҷонишинони вазирони зироату техникии ИҶШС ва сарварони ҳукуматҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қазоқистон ва намояндагони вазорати оби ин ҷумҳуриҳо, комиссияи салоҳиятдор таъсис ёфт. Мувофиқи ҳисоби комиссия мебоист баъди анҷоми сохтмони иншооти бузурги Қайроққум 320 гектар заминҳои ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қазоқистон обёрӣ шуда, тавассути он чандин корхонаҳои саноатӣ сохта мешуданд» [68, 119].

Иншооти мазкур асосан ба манфиати Ӯзбекистон ва Қазоқистон буд, ва барои сохтани ин нерӯгоҳ даҳҳо ҳазор гектар заминҳои ҳамвору ҳосилхези

Тоҷикистон зери об монда дар соҳилҳои дарё обҳои зеризаминӣ рӯ зада, киштзорҳо зери об мемонданд, ки дар натиҷа муҳити атроф хароб мегардид.

Амру дастури марказро дар он замон касе наметавонист рад созад. Аз ин рӯ, бо супориши Б. Ғафуров ҳукумати ҶШС Тоҷикистон дар доираи комиссияи номбурда ва тавассути он бо ҳукумати Иттиҳод ин мавзуъро баррасӣ намуда, тақозо кард, ки ба ивази заминҳое, ки зери обанбори Қайроққум мемонанд, аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба вилояти Ленинобод ҳамсарҳад аст, як микдор замин ҷуброн гардад ва аҳолии аз манзилашон ҷудошуда ба заминҳои обёришудаву ҳамвор ва киштбоб кӯчонида шаванд [22, в.4].

Дар ҷавоби ин дархости Б. Ғафуров ҳукумати Ӯзбекистон мебоист «соли 1958 аз минтақаи Мирзочӯл ба Тоҷикистон зиёда аз 50 ҳазор гектар замини бекорхобида ҷудо мекард. Аммо дар амал Ӯзбекистон аз ҳисоби талу теппаҳои ноҳияҳои Бекободу Боёвут ва Хоавости вилояти Тошканд барои Тоҷикистон танҳо наздики 40 ҳазор гектар замин ҷудо кард» [137, 71-78].

Ходими сиёсӣ ва донишманди тоҷик Б.Ғафуровро аз ҳисоби обанбори Қайроққум кам шудани заминҳои корами вилояти Ленинобод ором намегузошт. Равшанфикрон ва пеш аз ҳама Б.Ғафуров дар замир ҳамеша фикру андешаи ободии даҳҳо ҳазор гектар заминҳои бекорхобидаи дашти Дилварзинро доштанд, ки дар сарҳади ҶШС Ӯзбекистон воқеъ буд. Ободонии заминҳои нав имконият медод, ки захираи заминҳои корами ҷумҳурӣ зиёд, маҳсулоти кишоварзӣ афзун, қувваҳои корӣ ҷалб шуда, сатҳи зиндаги мардум хубтар гардад ва равобити иқтисодию фарҳангӣ ва техникӣ бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя густариш ёбад.

Масъалаи дигаре, ки роҳбарияти ҷумҳуриро ба андешаи амиқ водор мекард, ин буд, ки таввасути кадом қувва ин заминҳо дар муддати кутоҳ бояд ободу обёрӣ гардонида шаванд. Пас аз таҳлил Б. Ғафуров ба хулосае омад, ки танҳо бо роҳи кӯчонидани аҳолии ноҳияҳои кӯҳии камзамин ва аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ ақибмонда, ин масъалаи ҳаётиро ҳаллу фасл кардан имконпазир аст. Ӯ замони сарвари кишвар буданаш, ба ҳама ноҳияҳои

ҷумҳурӣ сафар кардаву вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва мадании мардумро аз наздик меомӯхт ва натиҷагирӣ мекард, ки кадом ноҳия ба муҳоҷирати дохилии ҷумҳурӣ бештар ниёз дорад.

Б. Ғафуров бо назардошти бисёр омилҳо, масъалаи ба дашти Дилварзин муҳоҷир кардани сокинони ноҳияи кӯҳистони Масчоҳро пеш гузошт. Ин ноҳия, бидуни кӯҳсору рӯдҳояш, бо тамоми сохти маъмурӣ, номҳои ҷуғрофӣ, хоҷагиҳои коллективӣ, мактабу муассисаҳои маданию маърифатӣ, коргузорӣ, пурра ба дашти Дилварзин кӯчонида шуд. Б.Ғафуров бештар аз заҳматкаш будани масчоҳиён ва мардуми бонангу номус буданашон, эътимоду боварӣ дошт. Минбаъд ҷараёни зиндагӣ дар ҳама ҷабҳаҳо ин пешбинии котиби якумро собит кард. Дар пахтакорӣ ва парвариши дигар зироатҳои хоҷагии кишоварзӣ на ҳама хоҷагиҳои ҷумҳурӣ бо масчоҳиён баробар буданд. Эътимоди Б. Ғафуровро масчоҳиён исбот карда, дар шароити номусоиди табиию ҷуғрофии дашти Дилварзин суботкорона заҳмат ба харҷ дода, заминҳои асрҳои аср бекорхобидаро ба макони «тиллои сафед» ва боғу бӯстон табдил доданд.

«Замоне фаро мерасад, пешгӯи карда буд ӯ, - масчоҳиён даштҳои Дилварзинро обод карда, сатҳи зиндагониашонро боло бардошта, баъдан Масчоҳи кӯҳиро ҳам эҳё хоҳанд кард» [68, 132]. Баъдан ин мардуми боиродату меҳнатдӯст кӯҳистони Масчоҳро низ эҳё ва обод карданд.

Дар миёнаҳои солҳои 50-ум асри гузашта масъалаи ба таври нақшавӣ ва сифатноку сари вақт татбиқ намудани сиёсати муҳоҷирати дохиличумҳурӣ вобаста ба азхудкунии заминҳои бекорхобидаи дашти Дилварзини вилояти Ленинобод (Суғд) аҳаммияти зиёде пайдо кард. Маҳз дар ин давра нисбати солҳои гузашта шаклу намудҳои муҳоҷиргардонии дохилӣ такмил ёфта, ноҳияҳои баландкӯҳ, барои азхуднамудани заминҳо аз ҷониби деҳқонон хоҳишу дархостҳои ихтиёран ба водиҳои обӣ кӯчидан хеле зиёд буд ва муҳоҷирон дар баланд бардоштани иқтисодиёт, ҳаёти фарҳангиву маишии деҳотиён саҳмгузор шуданд.

«Мувофиқи қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 25 январи соли 1956 «Дар бораи нақшаи муҳоҷиргардонӣ ва интихоби муташаккилонаи коргарон дар соли 1956» барномаи муҳоҷир намудани колхозчиён ва дигар гурӯҳҳои аҳолии ноҳияҳои кӯҳиву баландкӯҳ ба колхозу совхозҳои пахтакори ҷумҳурӣ тарҳрезӣ гардид. Дар вилояти Ленинобод соли 1956 аз ноҳияи Масчоҳ ба дашти Дилварзин мувофиқи ин нақша бояд 1 200 хоҷагии деҳқонон муҳоҷир карда мешуданд» [67, 221].

27 ноябр соли 1956 бо мақсади азхудкунии заминҳои Дилварзини вилояти Ленинобод мардуми Масчоҳ аз кӯҳистон ба ин гӯшаи диёр кӯчонида шуданд. Муҳоҷирсозии аҳолии Кӯҳистони Масчоҳ тибқи қарори Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон бо имзои раиси ҳамонвақта М. Раҳматов ва котиби Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Д. Гадоев амалӣ гардид [16, 16-17].

То замони ба даштҳои васеи Дилварзин муҳоҷир намудани мардум дар ин митақаи кӯҳӣ, нӯҳ колхози начандон калон арзи вуҷуд доштанд, ки майдони умумии кишти онҳо ба 4 700 га мерасид, ки бештари ин майдонҳои кишти зироатҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ лалмикорӣ буда, бо васоили одитарини меҳнати дастӣ асос ёфта буданд. Дар ин ноҳия саноату сохтмон вуҷуд надошт, ягон намуди техникаи хоҷагии кишоварзӣ мавҷуд набуд, мардуми ин мавзеъ асосан ба зироаткориву боғдорӣ ва чорводорӣ машғул буданд.

Масалан, даромади умумии солонаи колхозҳо танҳо 4 427 рублро ташкил мекард. Арзиши як рӯзи меҳнати кохозчиён дар миқёси ноҳия ҳамагӣ 1 рублу 80 тин буд. Истеҳсоли чунин маҳсулоти соҳаи чорводорӣ, аз ҷумла гӯшт, шир ва пашм дар колхозҳо ниҳоят кам буд. Масалан, «соли 1953 дар ноҳия ҳамагӣ 180 тонна гӯшт, 397 тонна шир, 304 тонна пашм истеҳсол карда шуд» [68, 118].

Ҳар сол давлат ба ноҳияи Масчоҳ ёрдампулӣ (дотатсия) ҷудо мекард, дар фасли зимистон то баста шудани роҳҳо аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба ин ҷо ба таври таъҷилӣ хӯрокворию молҳои саноатӣ меоварданд. Ҳамаи ин

шароитро ба назар гирифта, бо мақсади минбаъд баланд бардоштани сатҳи иқтисодию фарҳангии колхозу колхозчиёни ин ноҳияи баландкӯҳ, КМ ҲК Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҷумҳурӣ меҳнаткашони Масчоҳро даъват карданд, ки ба заминҳои дашти Дилварзин муҳоҷир шаванд. Ин даъвати мақомоти болоии ҷумҳурӣ аз ҷониби меҳнаткашони ноҳия пурра дастгирӣ ёфт.

КМ ҲК Тоҷикистон ва Шурои Вазирони Тоҷикистон дар назди кумитаи ҳизбӣ ва кумиҷроияи вилоятӣ дар бораи ба таври муташаккил ва сари вақт ба дашти Дилварзин кӯчонидани меҳнаткашони кӯҳистони Масчоҳ вазифаҳои ниҳоят масъулиятнок гузоштанд.

Ба ин муносибат кумиҷроияи вилояти Ленинобод 28 марти соли 1956 «Дар бораи чорабиниҳо дар бораи ба заминҳои нави дашти Дилварзин муҳоҷир гардонидани меҳнаткашони кӯҳистони Масчоҳ» қарори махсус баровард.

Хоҳишу дархости заҳматкашони колхозҳои Кӯҳистони Масчоҳ оид ба кӯчонидан ба дашти Дилварзинро ба эътибор гирифта, дар қарори кумиҷроия зикр шуда буд: «Хоҳишу дархостҳои колхозчиёни колхозҳои ба номи «Ленин», «Молотов», «Жданов», «Орҷоникидзе», «Сталин», «Куйбишев», «Ворошилов», «Энгелс»-и ноҳияи Масчоҳ дар бораи кӯчидан ба заминҳои нав азхудкардашудаи дашти Дилварзин ҳамаҷониба дастгирӣ карда мешаванд» [68, 133].

Албатта на ҳамаи аҳолӣ чунин хоҳиш доштанд. Кумитаи ҳизбӣ ва кумиҷроияи Шурои ноҳия дар давоми солҳои 1955-1956 мардумро барои кӯчидан тарғибу ташвиқ карданд. Барои ба муҳоҷират омода кардани колхозчиёни колхозҳои кӯҳистони Масчоҳ саҳми фаъолони ноҳия «Н. Салимов, Сайфуллоев, А. Муллоҷонов, Д. Сафаров, А. Азимов, Н. Охунов, Умаров, Пиров, Раҳимов, Ҷонмуҳаммадовҳо, С. Каримова, Х. Раҳимова ва дигарон хеле назаррас буд» [68, 133].

То охири моҳи «августи соли 1956 барои кӯчонидани 3 058 оила ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба расмият дароварда шуданд ва дар навбати аввал 527

оила ба макони зисти нав кӯч бастанд» [59, 848]. 12 сентябри соли 1956 кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои меҳнаткашон ва кумитаи ҳизбии вилояти Ленинобод «Дар бораи ташкили муҳоҷиркунии колхозчиёни ноҳияи Масчоҳ» қарор қабул намуда, ситоди вилоятии муҳоҷиркунониро ташкил доданд.

Моҳи декабри соли 1956 дар дашти Дилварзин нахустин конференсияи ҳизбии ноҳияи Масчоҳ баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои минбаъд пурзӯр намудани корҳои ҳизбию ташкилӣ ва ҳизбию сиёсиро ҳамчун шарти асосии ба даст овардани комёбиҳои хоҷагӣ, зудтар ба кор андохтани заминҳои ҳосилхези барои колхозчиён ҷудо кардашуда мавриди муҳокима қарор гирифт [137, 74].

Худи ҳамон сол дар ташкили ноҳияи навбунёди Масчоҳ корҳои зиёде анҷом дода шуд. Барои ба роҳ мондани ҳаёти осоиштаи аҳолии ноҳия дар назди кумитаи ҳизбии ноҳияи Масчоҳ комиссияи ташкилӣ барпо гардид, ки ба ҳайати он кормандони ҳизбию шуравӣ, раисони колхозҳо, котибони ташкилотҳои ҳизбӣ дохил гардиданд. Бо хоҳиши кумитаи ҳизб ва кумиҷроияи ноҳияи Масчоҳ барои тезонидани суръати сохтмони хонаҳои истиқоматӣ аз шаҳри Ленинобод ба дашти Дилварзин 50 нафар бинокорон, асосан дуредгарон ва хиштчинҳо, инчунин бисёр масолеҳи бинокорӣ, мошинҳои боркаш ва ғайра фиристода шуданд. То омадани муҳоҷирон мавзеи дашти Дилварзин ба се қитъа тақсим карда шуда буд, ки дар ҳар кадоми онҳо бояд се колхоз ташкил меёфт. Ғайр аз ин барои сохтмони маркази ноҳия низ ҷойи мувофиқ ҷудо гардид [22, в.4].

То ба ноҳияи Масчоҳи нав муҳоҷир кардани деҳқонон як зумра ҷавонон ихтиёран дар «сохтмони се қитъаи дашти Дилварзин бо муваффақият кор мекарданд. Аз ҷумла, аз ному насаби А. Қодиров, Д. Камолов, С. Азизов, Ш. Ниёзов, А. Ҳасанов, С. Охунов, Б. Ғозиев, К. Амонов ва дигарон метавон ёдовар шуд» [68, 133].

Намояндагони колхозҳо якҷо бо бинокорон ба сохтмони хонаҳои истиқоматӣ шуруъ карданд. Бо ёрии доимии ташкилотҳои бинокории шаҳри

Ленинобод тобистони «соли 1956 дар се қитъаи бинокорӣ барои муҳоҷирон қариб 600 хонаи истиқоматӣ сохта ба истифода дода шуд» [112, 36].

Дар ҷараёни муҳоҷиргардонӣ инчунин ба ғайр аз дигар чорабиниҳои маишию фарҳангӣ ба масчоҳиёни муҳоҷиршаванда сари вақт хизмати тиббӣ расонида мешуд. Ба идораҳои дахлдор супориш шуд, ки дар вақти ҳаракати қаторҳои мошинҳои муҷоҷиркаш ду мошини ёрии таъҷили сафарбар карда, дар тӯли роҳи Масчоҳ - Дилварзин нуқтаҳои ёрии тиббӣ кушода шаванд. Дар макони нав бошад, ба муҳоҷирон расонидани ёрии тиббии доимӣ таъмин гардид.

Бояд зикр намуд, ки дар он солҳо ва дар шароити нисбатан душвори кӯҳистон сарфи назар аз баъзе камбудиву норасоиҳо, ҷараёни муҳоҷиргардонии колхозчиёни колхозҳои Масчоҳ аз рӯи нақшаи пешакӣ муайяншуда, мутташаккилона сурат гирифт.

Дар он давра ҷараёни муҳоҷиргардонии сокинони Кӯҳистони Масчоҳ ба дашти Дилварзин дар шароити ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои муҳимми рӯз маҳсуб меёфт ва ба ҳалли мусбати он аз ҷониби ташкилотҳои ҳизбиву давлатӣ ва хоҷагӣ аҳаммияти калон ва пайваста дода мешуд. Масалан, танҳо дар давоми «соли 1957 барои сари вақт ва муташаккилона гузаронидани муҳоҷиргардонӣ ба ноҳияи Масчоҳ 120 млн рубл, дар ҳаҷму андозаи пули он вақт маблағ ҷудо карда шуд. Ин маблағи ҷудогардида барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ, иншооти фарҳангӣ-маишӣ, маъмурӣ ва ғайра сарф гардид» [68, 123]. Барои муҳоҷирати як оила «танҳо хароҷоти нақлиёт ба ҳисоби миёна 112,8 рублро ташкил медод» [156, 25].

Ҳангоми кӯчонидан, ба ҳар як узви оила маблағи яквақта дода мешуд, ки барои сардори оила нисбат ба дигар аъзои он ду баробар зиёд буд. Илова бар ин, давлат барои ҳар як оила ду мошини боркаш ҷудо менамуд [105, 57]. Ғайр аз ин, ба хонаводаҳои муҳоҷиршаванда ёрии пулӣ ва дафтарчаи муҳоҷират дода мешуд, ки ин ҳуҷҷати асосие буд ва соҳиби он ба гирифтани манзилу ҷой, заминҳои наздиҳавлагӣ, истифодаи имтиёзҳои дигари муқарраркардаи ҳукумат ҳуқуқ пайдо мекард. Дар солҳои «1956-1967 давлат ба муҳоҷирон ба

тарикӣ ёрии якбораи пулӣ 433,7 ҳазор рубл (ба ҳисоби миёна ба ҳар оила 85,5 рубл) дод» [156, 26].

Аҳолии рустоҳои гуногун, аз ҷумла «47 деҳаи Кӯҳистони Масчоҳ ба Дилварзин муҳоҷир шуданд. Масоҳати байни ноҳияи кӯҳистон ва ноҳияи нав аз 243 то 300 километрро ташкил мекард, Дар солҳои 1956-1967 барои ба ноҳияи нав овардани хонаводаи сокинони кӯҳистони Масчоҳ 654,9 ҳазор рубл ё ба ҳисоби миёна ба ҳар оила 119 рубл сарф гардид» [156, 26].

Умуман, раванди комили муҳоҷиркунӣ, харҷи нақлиёт ва ёрдампулӣ дар ноҳияи Масчоҳ «1088,6 ҳазор рубл ё худ ба ҳисоби миёна ба ҳар оила 265 рублро ташкил кард, ки ин ба андозаи хароҷот ва имтиёзи муҳоҷиркунии пешниҳод намудаи Институти таҳқиқоти илмии хоҷагии қишлоқи Осиёи Миёна мувофиқ буд» [112, 39].

Тибқи маълумоти шуъбаи Ленинободии муҳоҷират ва сафарбар намудани коргарон то санаи 15 июни соли 1959 аз 1 516 оилаи муҳоҷирон 967 оила дар хонаҳои истиқоматии тайёр ҷойгир шуданд, 579 хоҷагӣ чунин хонаҳо надоштанд ва 220 оила дар хонаҳое ҷойгир шуданд, ки ҳанӯз дар асоси санад ба ихтиёри колхозҳои навтаъсис нагузашта буданд [63, 271-272].

Баъзе муҳаққиқон дар асоси санадҳои бойгонӣ рафти муҳоҷиркунонии аҳолии кӯҳистонро дар шакли ҷадвал тасвир намуда, таъкид менамоянд, ки дар давраи солҳои 1956–1962 ба колхозҳои навтаъсиси ноҳияи Масчоҳ ҳамагӣ 2929 хоҷагӣ кӯчонида шуданд.

**Ҷадвали 1. – Кӯчонидани хоҷагиҳо ба колхозҳои ноҳияи нави Масчоҳ дар солҳои 1956–1962** [63,196].

| **Ҷойгиркунии муҳоҷирон дар колхозҳо** | **1956** | **1957** | **1958** | **1959** | **1960** | **1961** | **1962** | **Шумораи умумии муҳоҷиршудагон** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Куйбешев | 67 | 128 | 146 | 60 | 33 | 37 | 5 | 476 |
| Сталин | 35 | 41 | 56 | 27 | 7 | 12 | 16 | 194 |
| Орҷоникидзе | 12 | 30 | 35 | 19 | 22 | 15 | 7 | 102 |
| Комсомол | 67 | 106 | 104 | 184 | 87 | 12 | 207 | 767 |
| Жданов | 19 | 112 | 69 | 63 | 10 | 14 | 18 | 305 |
| Ленин | 69 | 99 | 63 | 107 | 89 | 34 | 188 | 649 |
| Калинина | 110 | 132 | 92 | 64 | 21 | 6 | 1 | 426 |
| Совхози боғу мева | | | 10 | | | | | 10 |
| **Ҳамагӣ** | | | | | | | | **2929** |

Умуман, «заминҳои дашти Дилварзин дар се навбат азхудкарда шуданд. Дар навбати аввал 15 356 гектар, навбати дуюм 11 549 гектар ва навбати сеюм 3 397 га азхудкарда шуданд» [92, 39].

Азхудкунии заминҳои бекорхобидаи Дилварзин барои ташкили ноҳияи нав, пеш аз ҳама бо мақсади рушди соҳаи пахтакорӣ дар ҷумҳурӣ таъсис ёфт. Вобаста ба ин фаъолияти тамоми ташкилоту сохторҳо ва сокинони ноҳия аз ибтидо ба рушди пахтакорӣ равона гардид. Барои расидан ба ин мақсад дар як муддати кӯтоҳ ташкили хоҷагиҳои нави дастаҷамъона-колхозҳо ва дастгоҳи идораи онҳо ба роҳ монда шуд. Ба гурӯҳи вазифаҳои аввалдараҷа инчунин азхудкунии 3 ҳазор гектар замини обӣ ва ба пахтакорӣ мувофиқ сохтани он, ташкили Пойгоҳи мошину тракторӣ (ПМТ)-и нав, дарёфти техникаи нави хоҷагии қишлоқ, муҳайё сохтани шароити мувофиқ ба кор ва зиндагии сокинони муҳоҷиршуда низ шомил буд.

Пас аз чанд соли ба дашти Дилварзин муҳоҷир шудани сокинони Масчоҳ ва комилан азхудкардани заминҳои солҳо бекорхобида ва ташналаб, қисме аз аҳолӣ дубора ба деҳаҳои кӯҳистони Масчоҳ боргаштанд. Ба ин рафтори аҳолӣ роҳбарияти онвақтаи ҷумҳурӣ, вилоят ва ноҳия сади роҳ нашуданд, зеро онҳо низ бар он ақида буданд, ки маданияти зироаткорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ, анъанаҳои бобоӣ аз байн нараванд ва насли оянда аз онҳо бархӯрдор гардад. Онҳо мутаносибан барои ободу зебо гардонидани ду ноҳия дар навбати аввал Кӯҳистони Масчоҳ ва Масчоҳи нав кӯшиш ба харҷ дода, минтақаи кӯҳистонро ба ноҳияи чорводорӣ, боғдорӣ ва кишти сабзавот табдил доданд. Имрӯз байни мардуми кӯҳистони Масчоҳ ва Масчоҳи нав алоқаи ногусастаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мавҷуд аст.

### 1.2. Ташкилёбии ноҳияи нави Масчоҳ

Солҳои 50-уми асри XX, дар натиҷаи азхудкунии заминҳои навкорами дар қаламрави Тоҷикистон, муҳоҷирати аҳолӣ аз минтақаҳои кӯҳӣ ба водиҳо сурат гирифт. Аз ҷумла, аҳолии кӯҳистони Масчоҳ ба дашти Дилварзин кӯчонида шуданд. Азхудкунии заминҳои бекорхобида ва ба он ҷо кӯчонидаи

хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 50-ум дар рушди истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва, махсусан соҳаи асосии он пахтакорӣ нақши муҳим бозид. Дар ин давра ташкили колхозҳои калон, болоравии дараҷаи истеҳсолот водор намуд, ки муҳоҷиркунии аҳолӣ аз минтақаҳои кӯҳӣ ба водиҳо ба роҳ монда шавад

27 ноябр соли 1956 бо мақсади азхудкунии заминҳои Дилварзини вилояти Ленинобод мардуми Масчоҳ аз кӯҳистон ба ин гӯша диёр кӯчонида шуданд. Дар қарори Раёсати Шурои Олии ҶШС омадааст:

«Ба муносибати ба заминҳои нави азхудкардашавандаи мавзеи Дилварзин муҳоҷир кардани ҳамаи колхозчиёни ноҳияи Масчоҳ Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Ноҳияи Масчоҳ ба мавзеи Дилварзин кӯчонида шуда, Шурои деҳоти Авзикент, деҳҳои: Бегулӣ, Ҷингилиқ, Капали, Катта- Оличалӣ, Қоқ, Оккур, Сарой Мардон, Тераклӣ, Тохмоқ, Тол ва Ӯткансой, Шурои деҳоти Унҷӣ, деҳаҳои: Ҷингилиқ, Дӯнг Булоқ, Қатор-Булоқ, Катта-Айрӣ, Қизбибӣ, Қичи-койрӣ, Машараф, Мирзоработ, Ҳамработ, Ҳулба-Булоқ ва Четики Шурои деҳоти Ёва ва шаҳракҳои: Консой, Такелӣ, Олтин Топкан ва Қуруқсой ноҳияи Ленинобод ба ҳайати он дохил карда шаванд.

Маркази маъмурии ноҳия Масчоҳ дар деҳаи Янтоқ муқаррар карда шавад. Сарҳади маъмурӣ ҳудуди байни ноҳияи Масчоҳ ва Ленинобод мувофиқи харитаи замимашуда муқаррар карда шавад.

2. Шурои деҳоти Ғузн, Ланглиф, Масчоҳ, Исиз, Обурдон, Падрох ва Палдораки ноҳияи Масчоҳ барҳам дода шаванд.

3. Дар мавзеи Дилварзини ноҳияи Масчоҳ Шурои деҳоти зерин ташкил карда шаванд:

Шурои деҳоти Масчоҳ – дар ҳудуди шаҳраки №1, ба ин шаҳрак номи деҳаи Масчоҳ дода шавад:

Шурои деҳоти Обурдон -дар ҳудуди шаҳраки №2, ба ин шаҳрак номи деҳаи Обурдон дода шавад.

Шурои деҳоти Палдорак - дар ҳудуди шаҳраки №3, ба ин шаҳрак номи деҳоти Палдорак дода шавад.

4. Дар ҳайати ноҳияи Масчоҳ Шурои деҳоти Янтоқ бо марказаш дар деҳаи Янтоқ ташкил карда шуда, ба ҳайати он деҳаҳои: Бегулӣ, Ҷингилик, Дӯнг, Булоқ, Капалӣ, Катта-Оличалӣ, Қатор-Булоқ, Катта-Айрӣ, Қизбибӣ, Кичиқойрӣ, Кок, Машараф, Мирзоработ, Оккур, Сарои мардон, Тераклӣ, Тохмоқ, Тол, Ӯткансой, Ҳамработ, Ҳулба-Булоқ, Четик ва Янтоқ дохил карда шаванд» [16, 16-17].

Ба қарори мазкур раиси Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон М. Раҳматов ва котиби он Д. Гадоев 27 ноябри соли 1956 имзо гузоштаанд. Аммо дар баъзе таълифот қарори мазкур бо имзои Н. Додхудоев ҳамчун раис оварда шудааст, ки ин комилан нодуруст аст, зеро Н. Додхудоев аз 25 майи соли 1956 аллакай ба вазифаи раиси Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон таъин шуда буд.

Соли 1955 як гурӯҳ фаъолони ҳизбии ноҳияи Масчоҳ бо хоҳиши ба дашти Дилварзин кӯчидан ба мақомоти болоии давлатӣ муроҷиат карданд. Кумитаи ҳизбии вилоят ин масъаларо муҳокима намуда муқаррар намуд, ки дар байни меҳнаткашони ноҳия корҳои оммавӣ-тарғиботиро ба роҳ монда, аҳолиро барои иҷрои ин маъраки муҳим сафарбар намоянд.

Кумитаи ҳизбии ноҳия ва кумиҷроияи Шурои вакилони меҳнаткашони ноҳия дар солҳои 1955-1956 бо ёрии ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ва фаъолони ғайриҳизбӣ дар ҳамаи деҳаҳо ва маҳаллаҳо дар бораи манфиатҳои ба водии Дилварзин кӯчонидани мардуми ноҳия ва дар шароити нав баланд бардоштани сатҳи ҳаёти моддӣ ва фарҳангии аҳолӣ, ташкил намудани майдони нави иловагии кишти пахта кори васеи фаҳмондадиҳӣ гузарониданд. Дар ҳамаи ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии колхозҳо ва дигар муассисаҳо ҷамъомадҳои умумӣ баргузор намуда, доир ба шартҳо ва шароиту вазифаҳои асосии муҳоҷиркунонӣ корҳои тарғиботӣ бурданд. Ҷаҳду талошҳои мақомоти хизбию давлатӣ, ширкати фаъоли намояндагони ноҳия натиҷаи муфид ба бор овард ва дар ҳама ҷамъомад сокинони ноҳия андешаи

аз кӯҳсор ба дашти васеъ фаромада, бо ҳамон хоҷагиҳои худ, нигоҳ доштани номҳои деҳаву ташкилотҳо ва дар заминҳои ҳосилхези нав азхудшуда маскун шуданро тарафдорӣ намуданд.

Ин ташаббуси аҳолиро КМ ҲК Тоҷикистон, Ҳукумати ҷумҳурӣ ва дигар ташкилотҳои давлатию ҳизбии вилоят дастгирӣ карданд. Намояндагони гурӯҳҳои муҳоҷирон ба деҳаҳо фиристода шуданд. То охири моҳи август «ҳуҷҷатҳои кӯчонидани 3058 хоҷагӣ ба анҷом расид, ки аз он 527 хонавода бояд дар навбаи аввал фиристода мешуданд» [137, 74].

Соли 1956 дар дашти Дилварзин дар бобати бунёди таҳкурсии нави ноҳияи Масчоҳ кори бузург анҷом дода шуд. Барои барқарор намудани ҳаёти муътадили ноҳия дар назди кумитаи ҳизбии ноҳияи Масчоҳ комиссия ташкил карда шуд, ки ба ҳайати он кормандони ҳизбӣ, шуравӣ, раисони колхозҳо, котибони ташкилотҳои ҳизбӣ дохил буданд. Мувофиқи талаби кумитаи ҳизбии ноҳияи Масчоҳ ва кумиҷроияи ноҳия аз вилояти Ленинобод ба дашти Дилварзин барои вусъат ёфтани сохтмони биноҳои истиқоматӣ 50 нафар, ки аксарияташон дуредгару хиштчинон буданд, инчунин масолеҳи иловагии сохтмонӣ, мошинҳои боркаш ва ғайра фиристода шуданд. Бо ёрии ҳаррӯзаи ташкилотҳои вилоятӣ, ҳизбӣ, шуравӣ ва сохтмонии вилояти Ленинобод дар мавсими «тобистони соли 1956 дар се қитъаи сохтмонӣ барои муҳоҷирон зиёда аз 600 хонаи истиқоматӣ сохта шуд» [112, 36].

Кумиҷроияи Шурои вакилони меҳнаткашони вилояти Ленинобод дар қарори худ «Дар бораи ташкили кӯчонидани колхозчиён аз ноҳияи Масчоҳ» аз 12 сентябри соли 1956 кумитаҳои ҳизбӣ ва як қатор муассисаҳои дахлдори ноҳияҳои Масчоҳ, Айнӣ, Ӯротеппа, Новро вазифадор намуд, ки ба овардани муҳоҷирон, молу ашёи рӯзғор ва моликияти онҳо аз деҳаҳои кӯҳӣ то ба маконҳои таъиншуда бо наклиёт таъмин намуда, ташкили нуқтаҳои нақлиётӣ дар роҳи Масчоҳ-Айнӣ-Дилварзин, бо молҳои зарурӣ таъмин намудани муҳоҷирон ва муҳайё намудани дигар шароити зарурӣ барои кӯчондани масчоҳиён дар сатҳи баланд гузаронанд. Барои роҳбарии умумӣ ба кори

муҳоҷирон ситоди вилоятӣ ташкил карда шуд, ки ба ҳайати он 9 нафар кормандони намоёни ҳизбии вилоят дохил мешуданд.

Бо фармони Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 1956 ба майдони нави пахтакории дашти Дилварзин номи ноҳияи Масчоҳ дода шуд. Дар баробари ин як қисми зиёди ҳудуди ноҳияи Ленинобод, ки дар он ҷо комбинати Консой, ПМТ-и Қурамазор, мавзеи Сардоб ва як қатор нуқтаҳои аҳолинишин ва қитъаҳои ҷустуҷӯии геологӣ воқеъ буданд, ба ихтиёри Масчоҳ дода шуданд.

Моҳи сентябри соли 1956 аввалин масчоҳиён ба Дилварзин омаданд. То омадани сокинон ин майдонро ба се қитъа тақсим карда буданд, то ки дар ҳар кадоми онҳо се колхоз ҷойгир бошад ва ғайр аз ин барои сохтмон марказ майдони махсус ҷудо карда шуд. Намояндагони колхозҳо бо ҳамроҳии сохтмончиён ба сохтмони биноҳои истиқоматӣ шурӯъ намуданд.

Дар аввал бархе аз афроди муҳоҷир дар хаймаҳо зиндагӣ мекарданд. Канали асосӣ ҳанӯз то омадани сокинон тайёр набуд, оби нушокӣ намерасид. Баъд қарор дода шуд, ки сохтмони хатти об аз чашмаи кӯҳистон то маҳаллаи Янтоқ, ки дар ин ҷо маркази ноҳия барпо карда шудааст, тезонида шавад, то об аз он ҷо бо зарфҳо ба ҳамаи қитъаҳо бурда шавад.

Масъалаи раванди азхудкунии заминҳои нав ва ҳосилхез ҳанӯз дар конференсияи якуми ҳизбии ноҳия (декабри соли 1956) мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Раиси кумитаи ҳизбии ноҳия Султонов ва баромадкунандагон таъкид карданд, ки барои азхуд намудани 4 ҳазор гектар замини обӣ дар соли 1957, баҳору тобистон ҳамаи колхозчиёнро ба Дилварзин кӯчонидан зарур аст. Дар ин конференсия дар бораи дер ба анҷом расидани сохтмони биноҳои истиқоматӣ сухан ронда шуд. Роҳбарони ташкилоти сохтмонии №5 ва қитъаҳои он, кооператсияи матлубот зери танқиди сахт гирифта шуданд.

Конференсия кумитаи ҳизбии ноҳияро вазифадор намуд, ки дар назди кумитаи вилоятӣ дар бобати ба амал баровардани тамоми тадбирҳои ташкилӣ, кӯчонидани аҳолӣ аз деҳоти кӯҳистон ба Дилварзин, расонидани

ёрии зарурии ҳаррӯза, таъмини пурраи ташкилотҳои сохтмонӣ бо қувваи корӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва бо таҷҳизот таъмин намудани идораҳои сохтмонӣ, дар бораи тезонидани суръати сохтмони биноҳои истиқоматӣ барои қисми боқимондаи муҳоҷирон, колхозчиён, коргарон ва хизматчиёни ташкилотҳои вилоятӣ; дар бобати ба колхозҳо додани замин барои бо суръати тез тараққӣ додани иқтисодиёт, дар бораи тезондани сохтмони биноҳои маишию маданӣ ва ғайра маълумот диҳанд.

Дар назди кумитаи ҳизбии ноҳияи тозатаъсиси Масчоҳ барои муҳайё кардани шароити зарурии маданию маишии муҳоҷирон вазифаҳои вазнин меистод. Пеш аз ҳама онҳоро бо хона, сӯзишворӣ, хӯрокворӣ ва дигар лавозимоти зарурӣ таъмин кардан зарур буд. Сохтмони маҳаллаҳои колхозӣ, аз ҷумла барои ободонии онҳо ба анҷом расондани корҳои зиёдро талаб мекард.

Дар байни сокинони Масчоҳ низ ватандӯстони ҳақиқӣ бисёр буданд, ки тамоми қувваи худро ба кори ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама бунёди хонаҳои анъанавии куҳистонӣ, дуредгарӣ ва дигар корҳо равона намуда, ба мардуми муҳоҷиршуда кӯмаки ҳаматарафа мерасониданд. Аз ҷумла, «дуредгар Мазбут Аҳмадов бо ҳунари устоии худ шӯҳрати баланд пайдо кард буд ва бо иштироки ӯ дар қитъаи дуюми маҳаллаи колхозӣ садҳо хонаҳои истиқоматӣ сохта шуданд. Дар қитъаи сеюм, ки ба он ҷо сокинони колхози Палдорак кӯчида буданд, номи чинакчӣ ва дуредгари 75 сола Ашӯр Олимов аз колхози «Правда» маъруф буд. Ба пирии худ нигоҳ накарда А. Олимов бо меҳнати фидокоронааш ба ҷавонон намунаи ибрат буд. Зиёда аз 20 нафар аъзоёни оилааш ҳамроҳи ӯ ба водӣ кӯчида омаданд» [130, 207-208].

Сокинон бесаброна мунтазири ба воситаи канал баровардани об ба минтақаҳо буданд ва барои амалӣ шудани он, тезондани суръати кор худашон низ фаъолона ширкат намуда, дигаронро, аз ҷумла 200 нафар гидротехникҳоро ба ёрӣ даъват намуданд. Масалан, бригадаи бетонрезони Ғафор Сангинов дар қитъаҳои ҳалкунанда кор карда, меъёрро ҳамеша барзиёд иҷро мекард. Меҳнати сокинони Масчоҳ дар сохтмони истгоҳи

насосӣ, дар сохтмони роҳҳо ва дар маркази ноҳия як қатор иншооти дигари иҷтимоию фарҳангӣ равона карда мешуд.

То солҳои 50-ум ҶШС Тоҷикистон аллакай барои аз кӯҳистон кӯчонидани мардум ба водиҳои пахтазор таҷрибаи кофӣ пайдо карда буд, вале дар он давра танҳо гурӯҳҳои алоҳида ё колхозҳои хурди аз 50-100 хоҷагӣ иборат буда, кӯчонида мешуданд [130, 208]. Аммо муҳоҷиркунонии сокинони кӯҳистони Масчоҳ хусусияти дигар дошт. Бори аввал дар таърихи Тоҷикистон қарор шуд, ки сокинони як минтақаи том ва ба замми он ба заминҳои беоб ва то ҳол беодам кӯчонида шаванд. Хусусияти дигар дар он аст, ки новобаста аз кӯмакҳои саривақтии давлат ба муҳоҷирон, махсусан дар самти таъминот бо масолеҳи сохтмонӣ ва таҷҳизот, душвориҳо ва мушкилоти дигар низ вуҷуд доштанд. Пеш аз ҳама мутобиқшавии муҳоҷирон ба дашт, ки аз макони кӯҳна тафовути калон дошт ва гузаштан аз ғаллакорӣ ба пахтапарварӣ раванди душвор буд.

Ба замми он тирамоҳи соли 1956 идораю хоҷагиҳои 9 колхоз кӯчонида шуда бошанд ҳам, вале баъзеи онҳо анбор ва ҳавлии хоҷагӣ надоштанд. Аксариати аъзоёни ин колхозҳо аз сабаби набудани биноҳои истиқоматӣ муваққатан дар Кӯҳистони Масчоҳ маскан доштанд. Вале бо вуҷуди ин ҳамаи колхозҳо тирамоҳи соли 1956 дар заминҳои нав ба кори хоҷагӣ шурӯъ намуда, дар заминҳои лалмӣ зироати ғалладона коштанд, майдонҳои кишти пахтаро муайян карданд ва кишти якуми баҳориро соли 1957 ба анҷом расониданд. Сокинони Масчоҳ бори аввал дар корҳои хоҷагии қишлоқ бо ёрии «мошинҳо, 165 трактор ва 350 тракторчии аз Қурамазор ва ПМТ-и навташкили Дилварзин буда, ба кор сар карданд» [130, 209].

Фатҳкунандагони ин дашт дар ҷои нав зуд дониш андӯхтанд, дар кишту кори зироати нав таҷриба бардоштанд, бригадир ва деҳқонони пахтапарвар шуданд. Меҳнати сокинони Масчоҳ ҳанӯз тирамоҳи соли 1957 натиҷаҳои хуб ба бор овард. Ба давлат 4 830 тонна ва соли 1958 қариб ду баробар зиёд пахта фурӯхта шуд [56, 202]. Ин ба баъзе шаккокон, ки ба муваффақияти пахтакории мардуми Масчоҳ бовар надоштанд, зарбаи ҷиддӣ зад.

Дар қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз «6 феврал соли 1957 «Дар бораи сохтмони хоҷагиҳо дар ноҳияи Масчоҳи вилояти Ленинобод» ба кумиҷроияи вилояти Ленинобод супориш дода шуд, ки то қабули барномаи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ дар соли 1957 барои сохтмони маркази ноҳияи Масчоҳ дар маҳаллаи Янтоқ ба миқдори 20 миллион рубл аз фонди асосӣ маблағ гузаронад» [130, 209]. Дар ин қарор вазоратҳои сохтмон, хоҷагии қишлоқ, инчунин нақлиёт ва роҳҳои ҶШС Тоҷикистон вазифадор шуданд, ки соли 1957 супоришҳои банақшагирӣ ва хуҷҷатҳои лоиҳавиро оид ба бо об, неруи барқ, телефон ва ободонии маҳаллаҳои колхозӣ ва маркази ноҳия, инчунин барои сохтмони роҳҳои байниноҳиявии Бегобод-Янтоқ ва Янтоқ-Ленинобод омода созанд.

Соли 1957 барои ба амал баровардани ин тадбирҳо кори калони сохтмонӣ оғоз ёфт, вале аз сабаби ҳаҷми зиёди корҳо обод гардонидани маркази ноҳия ва маҳалҳои колхозӣ, сохтмони ҳамаи объектҳои пешбинишуда, сарфи назар аз маблағҳои мавҷуда пурра ба охир нарасид. Гарчанде қонеъ гардондани талаботи маданию ҳаррӯзаи одамон, махсусан дар ҳудуди мавзеҳои навкорам яке аз вазифаҳои асосии ташкилотҳои ҳизбӣ ва мақомоти маҳаллии шуравӣ буд, онҳо дар аввали солҳои 1956-1958 ба эҳтиёҷоти муҳоҷирон диққати зарурӣ намедоданд ва аҳолӣ ба манзил ва сӯзишворӣ эҳтиёҷ доштанд.

Вобаста ба ин Ҳукумати Иттифоқ, КМ ҲК Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҷумҳурӣ расондани ёрии амалӣ ба аҳолии ноҳияи навро зери назорат гирифта, маблағҳои калон ҷудо карданд ва ду ПМТ ташкил намуда, онҳоро бо тракторҳои нав ва дигар техникаи зарурии хоҷагии қишлоқ муҷаҳҳаз гардониданд.

Соли 1957 давлат барои сохтмони биноҳои истиқоматӣ беш аз 75 миллион рубл пул ҷудо кард. Ба ғайр аз ҷудо кардани чунин маблағи калон колхозу колхозчиёне, ки ба заминҳои нав кӯчида буданд, ба муддати 3 сол аз тамоми андозҳо озод карда шуданд [130, 209].

Барои пешравии муътадили корҳои сохтмонӣ ва бо озуқаю молҳои саноатӣ таъмин намудани ноҳия нақлиёт аҳаммияти калон дошт. Соли 1957 дар ноҳия барои порки мошинҳо (автобаза) замин ҷудо карда шуд, вале ба сохтмони он сари вакт шурӯъ накарданд. Мошинҳое, ки аз вилоят фиристода шуда буданд, хеле бад кор мекарданд, 50% онҳо бо сабаби нуқсони техникӣ корношоям буданд, хароҷоти зиёдро талаб мекарданд ва ба ронандагон ба ғайр аз музди кор барои сафари хизматӣ, ёрдампулӣ ва хароҷоти ҳаррӯза маблағ дода намешуд.

Сохтмони иншооти обёрӣ ва шаҳрвандӣ аввал ба ӯҳдаи Вазорати хоҷагиҳои об ва ташкилоти сохтмонии Ленинобод ва баъдан, аз октябри соли 1958 ба зиммаи ИСВ-ҳои № 23 ва 24 гузашта шуд. Ин ташкилотҳо кори зиёдеро анҷом дода бошанд ҳам, вале аз имкониятҳои мавҷуда пурра истифода бурда натавонистанд. Илова бар ин, бо сабаби нарасидани қувваи корӣ ва нақлиёт қариб ҳар сол маблағҳои барои обёрӣ ва сохтмони манзил ҷудо шуда, пурра аз худ карда намешуданд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар шароити Дилварзин бо оби нушокӣ таъмин намудани сокинон буд. Ба воситаи каналҳо ба дашти Дилварзин овардани об масъаларо ҳал накард, зеро ин каналҳо дар фасли зимистон баста мешуданд, танҳо дар давраи солҳои 1961-1962 дар ҳамаи маҳаллаҳо қубурҳои обгузар гузаронда шуда, сокинон бо оби хуби нушокӣ таъмин карда шуданд.

Бо қарори Шурои Вазирони ИҶШС аз 24 сентябри соли 1956 ҳукумат ба ихтиёриён ва аъзоёни оилаи онҳо, инчунин ба хоҷагиҳои муқимӣ имтиёзҳои зиёде дод. Барои коргарон ва мутахассисоне, ки дар азхудкунии заминҳои ташна кор мекарданд, маблағи сохтмончиёни дараҷаи якум бо ҳаққи суғуртавӣ 15% муқаррар карда шуда, ба ҳамаи коргарон ва хизматчиёни ташкилотҳои сохтмонӣ, совхозҳо ва муассисаҳои маданию маишӣ ду сол бепул хобгоҳ дода мешуд. Давлат ба сокинон дар сохтани хона, харидани чорво ва додани қарзҳои дарозмуддат ёрии калон мерасонид ва онҳоро аз додани андози хоҷагии қишлоқ ва даромад ба муддати якчанд сол озод кард.

Ғайр аз ин, ба ҳар як аъзои оила барои кӯчидан кӯмаки пулии яквақта низ дода мешуд.

Аммо новобаста аз ин имтиёзҳо ва назорати ҷиддии мақомоти ҳизбию давлатӣ дар кори роҳбарӣ ва иҷрои нақшаҳои таҳрезишуда нуқсонҳои зиёд ҷой доштанд. Аз ҷумла, роҳбарияти ИСВ барои иҷрои нақшаҳои сохтмон чораҳои зарурӣ намеандешиданд, суръати сохтмони манзилҳо ба талабот ҷавоб дода наметавонист ва ин барои кӯчидани колхозчиёни кӯҳистони Масчоҳ ба заминҳои нав монеа мегардид. Масалан, аз «соли 1956 то соли 1958 муддати ду сол аз 4 ҳазор хоҷагии ба нақша гирфта шуда, танҳо 2 150 хоҷагӣ кӯчонида шуд» [130, 214].

Чунин вазъияти ногувор борҳо дар маҷлисҳои бюрои кумиҷроияи вилояти Ленинобод, кумиҷроияи ноҳияи Масчоҳ муҳокима шуд, якчанд қарорҳо ҳам қабул карда шуд, вале натиҷаи мувофиқ надод. Дашти Дилварзин асосан барои истеҳсоли пахта аз худ карда мешуд ва дорои барномаи пешбинишуда буд. Роҳбарони ташкилоти ССДГ бештар ба азхуд кардани заминҳои нав мароқ зоҳир менамуданд ва мақомоти ҳизбӣ асосан ба иҷрои барномаҳои давлатии пахтасупорӣ машғул мешуданд. Пахтазор бештар ба воситаи заҳбурҳои «муқаррарӣ» обёрӣ карда мешуд, сохтмончиёни ИСВ-23 ҳатто дар тобистон имконият надоштанд, ки дар заминҳои пахта кор карда, низоми муҳандисиро гузаронанд ва дар зимистон ин гуна корҳо дар заминҳои шудгоршуда боз ҳам душвортар буд. Ҳодисаҳое низ ҷой доштанд, ки баъзе хоҷагиҳои пахтакор ба гузарондани хатти баландшиддати барқ аз байни пахтазор монеъ мешуданд,

Масъалаи муҳимми дигар сохтмони биноҳои истиқоматӣ барои муҳоҷирон буд. Дар ин самт суръат ниҳоят суст буд, масолеҳи сохтмонӣ сари вақт оварда намешуд, ки ин дар сохтмони биноҳои истиқоматӣ ва дигар иншооти маданию маишӣ душворӣ пеш меовард.

Пас аз андешидани тадбирҳои иловагӣ ва гузаронидани корҳои назоратӣ «соли 1958 ИСВ 781 хонаи истиқоматиро барои муҳоҷирон ба истифода дод» [67, 249]. Дар маҳаллаҳои колхозӣ 5 хонаи сипаршакл, дар маркази ноҳия

бинои кумитаи ноҳиявии ҳизб, дармонгоҳ, боғчаи бачагон, биноҳои истиқоматии 8 ва 4 ҳуҷрадор, ду хобгоҳи 18 ҳуҷрадор сохта шуданд.

Баъдан дар давоми солҳои 1959-1960 барои муҳоҷирон 1 475 бинои истиқоматӣ, дар маркази ноҳия 14 бинои 8 ҳуҷрадор ва 41 бинои якҳуҷрадор, ду хобгоҳ, беморхона, бинои кумиҷроияи ноҳия, даҳҳо мағоза, ошхонаю чойхона ба истифода дода шуданд [130, 217]. Баробари ин корҳои дигар, аз ҷумла сохтмони роҳҳои байниноҳиявӣ, кабудизоркунӣ, бо об таъмин намудани маҳалҳои аҳолинишин, махсусан маркази ноҳия низ ривоҷ ёфтанд. Тибқи маълумотҳо «моҳи сентябри соли 1961 дар ҳудуди ноҳияҳои Масчоҳ, Хуҷанд ва Ӯротеппа ба масофаи 314 километр роҳи мошингард ва зиёда аз 100 километр хатти баландшиддати барқ сохта ба истифода дода шуд» [67, 326].

Баробари корҳои сохтмонӣ азхудкунии қитъаҳои нави замин ва сокинкунии муҳоҷирон низ идома меёфт. Дар ноҳия хоҷагиҳои нави пахтакорӣ ташкил меёфтанд. Аз ҷумла, моҳи октябри соли 1958 дар ноҳияи Масчоҳ совхози нави ба номи В.И.Ленин ташкил карда шуд. Соли 1959 меҳнаткашони ин хоҷагӣ сарфи назар аз 59 нафар қувваи корӣ дар майдони 500 гектар пахта кишт карданд ва ҳосили баланд ба даст оварданд [35 в.32].

Дар аввал хоҷагии ба номи В.И. Ленин совхози пахтакор буд ва соли 1961 бо Омӯзишгоҳи хоҷагии қишлоқи Ленинобод ва совхози ангурпарварию шароббарорӣ (ба русӣ садвинсовхоз) муттаҳид карда шуданд. Дар пойгоҳи ин хоҷагиҳо маркази таълимии омӯзишгоҳ ва пойгоҳи таҷрибавии хоҷагии қишлоқ ташкил ёфтанд. Ҳамин сол ба совхоз барои кишти пахта 1,1 ҳазор гектар ва барои ғалладонагиву навъҳои гуногуни зироатҳои хоҷагии қишлоқ 1,5 ҳазор гектар замин ҷудо карда шуд. Донишҷӯёни муассиса имконият пайдо карданд, ки дар як вақт ҳам таҳсил кунанд ва ҳам дар истеҳсолот иштирок карда, донишҳои гирифтаи худро дар амал мустаҳкам намоянд.

Аммо дар солҳои 1960-1961 хоҷагӣ ба вазъияти вазнин дучор гардид. Ин пеш аз ҳама бо сабаби сари вақт обёрӣ накардан заминҳоро шӯра зер кард ва қисмаш ба ботлоқ мубаддал гардид. Ҳамзамон қувваи корӣ намерасид, ба ҳар

як одами қобили меҳнат 8-10 гектарӣ замини пахта рост меомад. Аз ин рӯ, барои руёндани ҳосили баланд роҳи механиконии комплексии парвариши пахта интихоб карда шуд.

Дар хоҷагии навташкил дар рафти сохтмони биноҳои истиқоматӣ, таълимӣ ва маъмурӣ бештар диққат дода шуд, барои донишҷӯён биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои умумӣ, таҷҳизоти барқӣ ва телефон, бошишгоҳҳои саҳроӣ ва хонаҳои зиёди истиқомати сохта ва ба истифода дода шуданд.

Хоҷагии давлатии навташкил аз соли 1963 сар карда, тибқи нақшаи хуби тарҳрезишуда ба сохтмон шурӯъ намуд, ки вобаста ба он барои қитъаҳои истеҳсолии хоҷагии қишлоқ 6 бошишгоҳи саҳроии дорои хонаҳои хизмати маишӣ, ошхона ва идораҳо сохта шуданд. Дар ҳар як қитъаи хоҷагӣ панҷ бригадаи муттаҳидаи саҳроӣ бо бошишгоҳҳои саҳрои болопӯшида ҷойгир мешуданд. Биноҳои истиқоматии коргарон ва хизматчиёни совхоз-техникум, биноҳои таълимӣ мактаб-интернат барои 600 нафар талаба, беморхона барои 100 кат, устохонаи таъмири механикӣ барои 400 нафар дар маркази хоҷаги ҷой гирифтанд. Таъмини аҳолӣ бо сохторҳои маишию фарҳангӣ, газ, қувваи барқ ва низоми гармидиҳии марказ низ идома дошт.

Ҳукумат барои иҷрои корҳои мазкур иловатан «10,9 миллион рубл ҷудо кард. Баробари он майдони киштукори совхоз низ зиёд гардида ба 9,6 ҳазор гектар расид, ки 8,5 ҳазор гектараш замини обӣ буд» [130, 220].

Самти ниҳоят мухим дар хоҷагиҳои ноҳияи навташкил ба роҳ мондани низоми мураттаби иҷрои ҳаёти иҷтимоӣ маҳсуб меёфт. Аз ҷумла, дар ноҳияи Масчоҳ аз ибтидо кори ёрии тиббӣ ба аҳолӣ ба таври ҷиддӣ ба роҳ монда шуд. Ба ҳама мушкилоти давраи ташкилӣ нигоҳ накарда, кормандони соҳаи тиб солҳои 1957-1958 кӯмаки аввалии тиббиро ба аҳолӣ беҳтар намуда, дар байни онҳо кори васеи профилактикӣ ба роҳ монданд. Дар кӯҳистони Масчоҳ танҳо як беморхонаи дорои даҳ кат ва шаш нуқтаи тиббӣ мавҷуд буд ва дар ноҳия фаъолияти васеи табибони халқӣ зиёдтар ба назар мерасид. Дар ноҳияи нав дар солҳои аввали муҳоҷиркунонӣ беморхонаи дорои бисту панҷ кат ва панҷ нуқтаи тиббӣ ташкил карда шуд. Ғайр аз ин, беморхонаҳо ва нуқтаҳои

ёрии таъҷилии конҳои маҳаллии Консой ва Қуруқсой низ истифода мешуданд.

Баробари рушди ноҳия дар низоми нигаҳдории тандурустӣ ҳам пешравиҳо мушоҳида мешуд. Солҳои 1961-1962 беморхонаи минтақавии дорои панҷоҳ кат, инчунин биноИ бемориҳои сироятӣ сохта шуданд, ки ҳуҷраҳои табобатӣ ва озмоишгоҳӣ доштанд ва бо мутахассисони соҳибкасб таъмин буданд. Ғайр аз ин дар маҳаллаҳо се беморхонаи колхозӣ ташкил карда шуд ва то соли 1964 дар ноҳия 18 нуқтаи тиббӣ амал мекард.

Соҳаи маорифи ноҳияи навташкил низ аз ибтидо тибқи нақшаи муҳоҷиршуда ба фаъолият шурӯъ намуд. Дар ноҳия шумораи мактабҳо, боғчаю яслиҳо мунтазам меафзуд.

Ғайр аз ин дар маркази ноҳия хонаи маданият, дар маҳаллаҳои колхозӣ даҳҳо клубу китобхонаҳо амал мекарданд. Дар ноҳияи кӯҳистони Масчоҳ танҳо як клуби хурд мавҷуд буд. Соли 1960 дар ноҳияи нав 12 клубу қасри фарҳанг, китобхона, 12 чойхона, 2 муассисаи синамо фаъолият менамуданд [130, 221]. Дар ҳудуди вилоят зиёда аз 40 китобхона, ки зиёда аз 30 ҳазор нафар хонанда дошт, мавҷуд буд. Дар Масчоҳи нав 18 маҳфили ҳаваскорони бадеӣ, шумораи зиёди шоирони намоён, ба монанди Усмон Олим, Латиф Одина, Н. Насриддинов ва дигарон ба тараннуми меҳнату заҳмати фатҳкунандагони заминҳои нав машғул буданд.

Дар ҳар колхоз гурӯҳи калони зиёиён, табибон, муаллимон, муҳандисону механизаторон кор мекарданд. Мактабҳои ноҳияро ҳар сол садҳо нафар писарону духтарон хатм намуда, дар мактабҳои олии Душанбе, Ленинобод, Тошканд, Москва, Ленинград ва дигар шаҳрҳо таҳсилро идома медоданд. Дар маҳаллаҳои колхозӣ яслию боғча, ошхона, мағоза ва бисёр муассисаҳои хизмати маишии умумӣ ба аҳолӣ хизмат мекарданд.

Аз тарафи дигар буҷаи ноҳия барои эҳтиёҷоти маданию маишӣ сол то сол зиёд гардида, барои рушди минбаъдаи маориф, нигаҳдории тандурустӣ ва фарҳангӣ мусоидат менамуд.

Симои ноҳияи нави Масчоҳ ба таври ношинохтанӣ тағйир меёфт. Роҳи асосии Тошканд-Ленинобод бо даҳҳо автобус, аз ҷумла хатсайрҳои Масчоҳ-Ленинобод, Масчоҳ-Бегобод, Консой-Ленинобод ва ғайра фаъол буданд. Тамоми кӯчаю роҳравҳо асфалтпӯш карда шуданд, ки ин ба рушди инфрасохтор ва беҳтар шудани шароити зиндагӣ кӯмак мекард. Шахсе, ки бори аввал ба маркази ноҳия меояд, бовар намекард, ки дар шаш-ҳафт сол ин дашти беоб симои худро комилан тағйир медиҳад

Дар муддати «як ҳафтсола аз соли 1956 то соли 1963 ба Масчоҳи нав 4 108 оила бо 18 548 нафар аҳолӣ аз Кӯҳистони Масчоҳ муҳоҷир карда шуд» [130, 222].

Баробари муваффақиятҳо дар рафти ташкилёбии ноҳияи нав, раванди муҳоҷиркунонӣ, сохтмони иншооти зарурӣ камбудию нуқсонҳои ҷиддӣ ҷой доштанд. Бисёри ин нуқсонҳо аз тарафи ташкилотҳои лоиҳакаш, фармоишгару сохтмончиён, истифодаи масолеҳи пастсифат роҳ ёфта буданд. Масалан, як миқдор хонаҳо барои муҳоҷирон сохта шуда, пас аз 2-3 сол дар натиҷаи баланд шудани обҳои зеризаминӣ фурӯ мерехтанд. Дар соли 1962, шумораи чунин хонаҳои харобу фарсуда ба 2 000 адад расид, ки барои барқарор кардани онҳо корҳои зиёди иловагӣ гузаронида шуд. Дар сохтмони канали магистралӣ солҳои 1955 ва 1963, ки лоиҳааш аз ибтидо бебарор буд, маблағи зиёд сарф гардид вале канал зуд-зуд корношоям мегардид, ҳар сол дар фасли зимистон аз нав бетонрезӣ мешуд.

28 июли соли 1966 тибқи қарори Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, маркази маъмури ноҳияи Масчоҳ, ки пештар Янтоқ номида мешуд, шаҳраки Бӯстон номгузорӣ шуд. Ин қарор бо имзои раиси вақти Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон М. Холов ва котиби он Д. Гадоев қабул гардид [17, 5-6].

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз декабри соли 1995 Кӯҳистони Масчоҳ ноҳияи мустақил эълон карда шуд. Бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «аз 2 феврали соли 1996 таҳти

№249-а расман ноҳия эълон гардида, маркази маъмурӣ дар деҳаи Мадрушкат таъсис дода шуд» [15, 39-40].

Хулоса, дар натиҷаи азхуд намудани заминҳои солҳо бекорхобидаи дашти Дилварзин, сохтмони неругоҳи барқи обии Қайроққум ва обанори он, гузаронидани корҳои зиёди ирригатсионию мелиоративӣ ва муҳоҷир намудани сокинони минтақаи Масчоҳи кӯҳӣ як ноҳияи нав бо колхозу совхозҳои калон ташкил дода шуд. Дар натиҷаи нақшаҳои амиқи тарҳрезишудаи мақомоти болоии ҳизбию давлатӣ, меҳнати шабонарӯзӣ ва садоқатмандонаи сокинони муҳоҷиршуда дар як муддати ниҳоят кӯтоҳ майдони васеи заминҳои бекорхобида ба киштзор ва боғу токзор табдил ёфта, аллакай дар соли дуюми сокиншавӣ ба кишти зироати муҳимми техникии саноати шуравӣ-пахта шуруъ намуда, ҳосили хуб ба даст овcovarданд. Хусусияти фарқкунандаи муҳоҷирсозии мардуми кӯҳистон ба дашти Дилварзин, пеш аз ҳама дар он зоҳир меёфт, ки аввалан бори нахуст дар таърихи ҷумҳурӣ як ноҳия пурра бо аҳолию сохтори маъмуриаш ба ҷойи нав кӯчонида шуд, баъдан азхудкунии заминҳои нав, корҳои асосии ирригатсионию мелиоративӣ ва дигар омодагиҳо то муҳоҷирсозии аҳолӣ шуруъ гардида буданд ва ҳангоми сокиншавии муҳоҷирон то андозае шароити мувофиқ барои кори кишоварзӣ ва зиндагӣ муҳйё гардида буд. Ҳадафи асосии азхудкунии заминҳои нав ва муҳоҷирсозии аҳолӣ аз ҷониби роҳбарияти шуравӣ ва ҷумҳурӣ дар он вақт зиёд намудани майдони кишти пахта, махсусан навъи хуби он пахтаи маҳиннах буд. Новобаста аз мушкилоту мураккаботи раванди азхудкунӣ, ташкили ноҳияи комилан нав ва ҷобаҷосозии аҳолии муҳоҷиршуда, дар як муддати кӯтоҳ минтақаи серзамин ва обёришавандаи хоҷагии кишоварзӣ бунёд гардид, ки баъдан дар рушди ҷумҳурӣ ва, ба вижа соҳаи кишоварзии он нақши муассир гузошт.

# БОБИ II. НОҲИЯИ МАСЧОҲ ВА РУШДИ ОН ДАР ЗАМОНИ ШУРАВӢ (1955 -1991)

## 2.1. Рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Масчоҳ дар солҳои 1955-1991

Дар нимаи аввали солҳои 50-уми асри XX ҶШС Тоҷикистон, мисли дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба масъалаи муҳимми истифодаи заминҳои бекорхобида рӯ овард. Вобаста ба ин, дар ин давра раванди муҳоҷирати дохилӣ, кӯчонидани аҳолӣ аз ноҳияҳои кӯҳӣ ба водиҳо бахри сокин намудани онҳо дар заминҳои нави азхудгардида, суръат гирифт. Ин иқдом бо мақсади беҳтар намудани шароити зиндагии деҳқонон ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ амалӣ карда мешуд.

Аз ин рӯ, дар «Қонуни нақшаи панҷсолаи барқарорсозӣ ва рушди хоҷагии халқи ИҶШС барои солҳои 1946-1950», ки аз ҷониби Шурои Олии ИҶШС 18 марти соли 1946 қабул гардида буд, ба таҳкими ташкилию хоҷагидории колхозҳо ва Пойгоҳҳои мошину трактории мамлакат таваҷҷуҳи махсус дода шуд. Ҳалли ин масъалаи муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ аз раванди барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи истеҳсолоти кишоварзии сотсиалистӣ дар давраи баъдиҷангӣ бар меомад. Дар қонун таъкид гардида буд: «Бо мақсади ҳарчи зудтар барқарор намудани хоҷагии қишлоқ ва рушди минбаъдаи он, таъмини таҳкими ҳамаҷонибаи хоҷагии ҷамъиятии колхозҳо ва таҳкими усули ташкилию хоҷагидории пойгоҳҳои мошину тракторӣ ва совхозҳо зарур аст» [18, 273].

Ҳамзамон бар асари таъсири айёми ҷанг дар соҳаи аграрӣ як қатор мушкилиҳо ба миён омада буданд, ки дар роҳи таҳкими ташкилию хоҷагидории колхозҳо ва совхозҳои кишвар, аз ҷумла хоҷагиҳои заминҳои нав азхудшуда, монеа мегаштанд. Барои бартараф намудани ин мушкилот мақомоти роҳбарикунандаи ҳизбию шуравӣ як қатор тадбирҳои муассир андешиданд. Вобаста ба вазъи ба миён омада, зарурияти islоҳоти соҳа, ворид намудани дигаргунию тағйирот ба низоми идоракунии хоҷагиҳои кишоварзӣ, зиёд намудани заминҳои кишт, таҳкими тартиботи дохилӣ, ҳалли

норасоӣ ва ё кам будани заминҳои киштбоб, ва албатта боз ҳам рушд додани соҳаи пахтакорӣ дар мамлакат ва ҷумҳуриро ба миён овард. Муҳоҷир намудани сокинони минтақаҳои кӯҳӣ ва ё доманакӯҳи камзамин ба заминҳои нав азхудшуда, як ҷузъи барномаи рушди соҳа маҳсуб меёфт.

Раванди муҳоҷирсозии сокинони минтақаҳои кӯҳии камзамин ба водиҳо тибқи нақшаҳои тарҳрезӣ гардида амалӣ мегашт ва ин сиёсати мақомоти ҳибию давлатии шуравиро аҳолии минтақаҳои муҳоҷир шаванда ба тарзи гуногун қабул менамуданд. Албатта на ҳама вақт ин хел маъракаҳо бо тарафдории пурра ва саросари аҳолӣ пешвоз гирифта мешуданд ва ҳамеша ҳам ҷонибдорон ва ҳам муқобилони худро доштанд. Аммо, далелҳои зиёди мавҷуд буда нишон медиҳанд, ки дар ин давра сокинони зиёди манотиқи кӯҳистон мехостанд ихтиёран ва бо хоҳиши худ ба водиҳо ва заминҳои нав ба хотири беҳтар намудани шароити зиндагии худ кӯч банданд. Зеро дар минтақаҳои кӯҳӣ шароити зиндагӣ душвортар ва замин барои кишту кор камтар буд ва мардум дар водиҳо ва заминҳои нав имкониятҳои нави иқтисодию иҷтимоиро соҳиб мегардиданд. Маҳз ҳамин раванд, на танҳо сатҳи иҷтимоии зиндагии аҳолиро тағйир медод, балки боиси рушди соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ низ мегардид.

Чунин ҳолатро мо дар мисоли муҳоҷирсозии сокинони Масчоҳи кӯҳӣ бевосита мушоҳида менамоем. Аз ҷумла, дар зербоби якуми боби аввал таъкид намудем, ки то оғози ба даштҳои васеи Дилварзин муҳоҷир шудани мардум дар ин ноҳияи кӯҳӣ ҳамагӣ «нӯҳ колхози начандон калон вуҷуд дошт, ки майдони умумии заминаҳои кишти онҳо ба 4 700 га мерасид» [68, 118]. Бахши бештари заминҳои кишт дар ин давра барои зироатҳои лалмӣ истифода мешуданд ва, асосан бо меҳнати дастӣ коркард мегардиданд. Азбаски дар ин минтақа саноат ва корхонаҳои саноатӣ тамоман вуҷуд надошт, техникаи кишоварзӣ ба деҳқонон дастрас набуд ва, умуман шароиту инфрасохтори мувофиқ вуҷуд надошт, мардуми маҳаллӣ бо заҳмати зиёд ба кишоварзии начандон сердаромад ва кори дастӣ машғул буданд. Занон, ки қисми зиёди аҳолиро ташкил медоданд, аксаран бекор буданд ва нақши онҳо

дар истеҳсолоти кишоварзӣ маҳдуд буд. Бинобар ин, колхозҳо дар ин минтақаҳо аслан даромади иқтисодии устувор надоштанд ва ин ҳолат зиндагии мардумро мушкилтар мегардонид. Иқтисодиёти минтақа бештар аз ҳисоби кӯшишҳои шахсӣ ва захираҳои маҳдуд устувор буд, ки ин ҳолат равнақи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодиро хеле маҳдуд месохт.

Чи тавре таъкид шуд, дар он давра, даромади солонаи колхозҳои ноҳия «ҳамагӣ 4 427 рублро ташкил медод, ки бо пули он вақта маблағи ночиз ба ҳисоб мерафт. Арзиши як рӯзи меҳнати колхозчиён дар сатҳи ноҳия ҳамагӣ 1,8 рубл буд, ки ин ба талаботи рӯзафзуни зиндагии мӯътадил мувофиқ набуд» [66, 229]. Набудани манбаи даромади хуб ва маоши кам яке аз мушкилоти асосии иқтисодии деҳоти ноҳия маҳсуб меёфт ва ҳаёти мардумро хеле мушкил мегардонид. Соҳаи чорводорӣ низ барои таъмини зиндагии нисбатан шоиста имконияти фаррохро соҳиб набуд.

Мушкилоти иҷтимоию иқтисодии сокинонро ба назар гирифта КМ ҲК ва Шурои Вазирони Тоҷикистон муҳоҷир кардани меҳнаткашонро ба заминҳои дашти Дилварзин ба роҳ монданд, ки доир ба рафти он мо дар боби аввал ба таври муфассал маълумот додем. Воқеан ин иқдом барои баланд бардоштани сатҳи иқтисодию иҷтимоии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва беҳтар кардани шароити зиндагии колхозчиён, рушди кишоварзӣ ва истифодаи самараноки заминҳо роҳандозӣ гардида буд.

Меҳнаткашони ноҳия, ки ба беҳтаршавии шароити зиндагӣ ва ҳаёти иқтисодии худ таваҷҷӯҳ доштанд, ин даъвати КМ ҲК дастгирӣ карданд. Муҳоҷират ба заминҳои Дилварзин, ки барои кишт ва рушди хоҷагии қишлоқ мувофиқ буд, метавонист барои аҳолӣ имкониятҳои нави корӣ ва иқтисодӣ фароҳам оварад. Ҳамзамон, бо ин тадбир, сатҳи ҳаёти колхозчиён ва фарҳанги истеҳсолии онҳо боло рафта, боиси беҳтар шудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ мегардид.

Майдонҳои васеи қисми болоии Дилварзин бо ёрии лоиҳакашон ба се қитъа тақсим ва дар ҳар қитъа якчанд колхози нав ташкил карда шуданд. Мавқеи маркази ояндаи ноҳия низ муайян карда шуд. Сохтмони маҳалҳои

колхозӣ, роҳҳои байниколхозӣ ва коммуникатсияи муҳандисӣ сар шуд. Корҳои асосии сохтмони канали Дилварзини боло ва се истгоҳӣ насосӣ соли 1960 асосан ба охир расиданд. Вале бинокорон ҳар сол дар фасли зимистон корҳои васеъ ва росту ҳамвор кардани ҷойҳои каҷу килеби канал ва бетонпӯш кардани маҷрои онро давом медоданд.

Ҳамин тавр дар солҳои аввали муҳоҷират дар ташкили ноҳияи навбунёди Масчоҳ корҳои зиёде анҷом дода шуд. Барои ба роҳ мондани ҳаёти осоиштаи аҳолии ноҳия дар назди кумитаи ҳизбии ноҳияи Масчоҳ комиссияи ташкилӣ барпо гардид [136], ва бо хоҳиши кумитаи ҳизбӣ ва кумиҷроияи ноҳия барои тезонидани суръати сохтмони биноҳои истиқоматӣ аз вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) ба Дашти Дилварзин бинокорону масолеҳи ссохтмон ва техникаи зарурӣ оварда шуданд [136]. Ҳукумати ҷумҳурӣ ба Идораи сохтмони заминҳои нави Тоҷикистон (ИСЗНТ) дар давоми солҳои 1957-1964 зиёда аз «115 миллион рубл барои сохтмон ва корҳои ирригатсионӣ дар минтақаҳои шимолии кишвар равона кард, ки 100,7 миллион рубли он маҳз барои корҳои сохтмону васл сарф шуданд» [59, 832-833].

Дар натиҷаи чунин сармоягузорӣ 51 ҳазор гектар заминҳои бекорхобида пурра азхудкарда шуданд, ки дар байни онҳо 15 ҳазор гектар дар дашти Дилварзин ҷойгир буданд. Ҳамчунин, барои таъмини шароити зисти аҳолӣ, дар ин давра «117,9 ҳазор метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ, инчунин биноҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва маъмурӣ сохта шуда, ба истифода дода шуданд» [59, 832-833]. Ин равандҳо на танҳо ба афзоиши истеҳсолоти кишоварзӣ мусоидат карданд, балки зиндагии иҷтимоии мардумро низ беҳтар намуданд.

Идораи сохтмони заминҳои нави Тоҷикистон (ИСЗНТ) як ташкилоти сохтмонӣ дар ҶШС Тоҷикистон буд, ки дар замони шуравӣ барои рушди инфрасохтори кишвар, хусусан дар соҳаи ирригатсия ва мелиоратсия, масъул буд. Идораи мазкур вазифадор буд, ки заминҳои бекорхобидаи кишоварзиро тавассути бунёди шабакаҳои обёрӣ ва каналҳои ирригатсионӣ ба истеҳсолот

ворид кунад. Ташкилот дар солҳои 1950-1960 бо сармоягузории назаррас ва истифодаи технологияи замони худ тавонист қисмати зиёде аз заминҳои ҷумҳуриро барои зироаткорӣ омода созад. Масалан, бо кӯшиши ҳамин ташкилот дар заминҳои дашти Дилварзин ва дигар минтақаҳои шимолии кишвар ҳазорҳо гектар замин ба гардиши кишоварзӣ дохил шуда, сохтмон ва барқарорсозии хонаҳо ва иншооти иҷтимоӣ барои таъмини беҳтари шароити зисти аҳолӣ сурат гирифт.

Маркази ноҳия, дар як муддати кӯтоҳ ба таври назаррас рушд карда, сохтмони иншооти нав, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, кинотеатр, клубҳо, китобхонаҳо, мактабҳо ва шифохонаҳо аз ин гувоҳӣ медоданд. Кӯчаҳо, хиёбонҳо ва майдонҳо бо гул ва дарахтон зиннат меёфтанд, ки ин ҳама муҳити бофарҳанг ва ҷолибро ба вуҷуд меорад. Ин ташаббусҳо на танҳо зиндагии мардумро беҳтар мекарданд, балки ба онҳо ҳисси ифтихор ва ҳамбастагии ҷомеаро низ тақвият медоданд.

Барои ободу зебо гардондани ноҳия, маблағҳои калон аз буҷаи давлат сарф карда мешуданд. Ин сармоягузориҳо ба сохтмони иншооти муҳим, рушди инфрасохтор ва беҳбудии шароити зиндагии сокинон равона гардида буданд. Ташаббусҳои давлатӣ на танҳо барои бунёди хонаҳои нави истиқоматӣ, балки барои беҳсозии низоми таъмини об, барқ, радио ва телефон низ равона шуда буданд.

Тавре, ки маълумоти бойгонӣ нишон медиҳанд, то соли 1959 барои сохтмони биноҳои истиқоматии «маркази ноҳия 3 миллиону 405 ҳазор, барои таъмини хатти радио ва телефон 12 ҳазор рубл, барои таъмини об 12 ҳазор рубл, барои таъмин бо барқ 545 ҳазору 400 рубл, барои сохтмонҳои гуногуни маишии ноҳия 4 миллиону 202 ҳазор рубл, инчунин барои сохтмони хонаҳои колхозчиён 36 миллиону 147 ҳазор рубл, барои азхудкунии заминҳои нав ва хоҷагии қишлоқ 18 миллиону 173 ҳазор рубл, барои сохтмони канали Дилварзини боло 78 миллиони 526 ҳазор рубл маблағ ҷудо гардида буд» [34, в.21-22].

Танҳо «дар зарфи солҳои 1957-1959 дар дашти Дилварзин 2 284 хонаҳои истиқоматӣ барои колхозчиёни муҳоҷиршуда аз Масчоҳи кӯҳӣ сохта шуданд. Бояд тазаккур дод, ки дар замини тамоман холӣ ва янтоқзор бо кӯшишу ғайрати коргарон ва муҳандисон дар муддати начандон тулонӣ маркази ноҳияи нави заминкушоён-Янтоқ бо 4 мактаби сохти замонавӣ, беморхона бо таҷҳизоти навтарин ва бисёр дигар манбаъҳои фарҳангӣ-маишӣ, ки то ин дам мардуми Куҳистони Масчоҳ надида буданд, бунёд шуданд» [65, 170].

Аз маълумоти бойгонӣ бармеояд, ки дар солҳои 1959-1960 дар маҷмӯъ дар ноҳия «2 798 хонаи истиқоматӣ бунёд гардид, ки барои сохтмони онҳо 46,2 миллион рубл маблағ сарф шудааст. Танҳо дар соли 1959 776 хонаи истиқоматӣ бо арзиши умумии 14,4 миллион рубл сохта шуд. Дар панҷ моҳи аввали соли 1960 бошад, 240 хонаи истиқоматӣ бунёд ёфта, маблағи сарфшуда барои онҳо 4,5 миллион рублро ташкил медод» [35, в.68].

Дар асоси маълумоти дастрасшуда маълум мешавад, ки меҳнаткашони ноҳия, новобаста аз мушкилоти зиёд ва шароити комилан нав дар заминҳои нави Дилварзин бо заҳмат ва иродаи қавӣ тавонистанд натиҷаҳои назаррасро ба даст оваранд. Бо камтарин таҷриба сокинони минтақаи кӯҳӣ бори нахуст соли 1957 ба кишти зироати барои онҳо комилан нави пахта дар заминҳои нав азхудшуда шуруъ намуданд.

Ноҳияи Масчоҳи нав, пеш аз ҳама ҳадафмандона бо мақсади рушди соҳаи пахтакорӣ дар ҷумҳурӣ таъсис ёфт. Вобаста ба ин фаъолияти тамоми ташкилоту сохторҳо ва сокинони ноҳия аз ибтидо ба рушди пахтакорӣ равона гардид. Барои расидан ба ин мақсад дар як муддати кӯтоҳ ташкили хоҷагиҳои нави дастаҷамъона-колхозҳо ва дастгоҳи идораи онҳо ба роҳ монда шуданд. Ба гурӯҳи вазифаҳои аввалдараҷа инчунин азхудкунии 3 ҳазор гектар замини обӣ ва ба пахтакорӣ мувофиқ сохтани он, ташкили Пойгоҳи мошину тракторӣ (ПМТ)-и нав, дарёфти техникаи нави хоҷагии қишлоқ, муҳайё сохтани шароити мувофиқ ба кор ва зиндагии сокинони муҳоҷиршуда шомил буд.

Аз ибтидои ташкилшавии ноҳия дар як вақт баробари иҷрои корҳои ташкилӣ, ҷойгирнамоии аҳолии муҳоҷиршуда, кишти пахта низ дар заминҳои нав оғоз гардид. Соли 1957 сокинони ноҳияи Масчоҳ бори нахуст ба кишти пахта шурӯъ намуданд [150]. Новобаста аз кишти нахуст дар заминҳои нав ва ҷой доштани мушкилоти зиёд меҳнаткашони ноҳия «соли 1957 ба давлат 4 830 тонна ва як сол пас, соли 1958 ду баробар зиёд пахта супориданд» [112, 39].

Ба сокинони Масчоҳ парвариши зироати комилан бегона, тарзу усули нигоҳубини он, махсусан азхудкардани техникаи обёрии пахта хеле душвор буд. Аз ин рӯ, ҳар сол гурӯҳи калони обёрикунандагон аз курсҳои махсус гузашта, ба колхозу совхозҳои гирду атроф ва ҶШС Ӯзбекистон барои таҷрибаандӯзӣ фиристода мешуданд. Ҳамзамон аз дигар хоҷагиҳои вилояти Ленинобод (Суғд) ва Нов (Спитамен) низ пахтакорони соҳибтаҷриба даъват мегардиданд ва усулҳои обёрии пахтазорро дар амал нишон медоданд. Бо ин роҳ обёрикунандагон тадриҷан якчанд усулҳои обёрӣ, аз ҷумла шакли маъмули дар як вақт об мондани майдони 10-15 гектар пахтазорро азхуд намуданд.

Аз солҳои аввали муҳоҷиркунӣ сокинони ноҳия ба азхудкардани усули нави пахтакорӣ-усули чоркунҷа - лонавӣ диққат дода, аз соли 1961 сар карда, дар майдонҳои асосӣ пурра бо техника кишт намудани пахтаро ба роҳ монданд. Усули кишти чоркунҷа, усули лонавӣ ин кишти пумбадона дар масофаи якхела мебошад, ки дар натиҷа қатори пахта аз ҳар чор тараф якхела буда, коркарди замин аз ибтидо яъне кишт то охир ҷамъоварии ҳосил бо техника анҷом меёбад. Ин буд, ки ҳамин сол ҷамъоварии пахта бо мошинҳо ба 2 ҳазор тонна расонида шуд [130, 251]. Махсусан, дар ин самт дастовардхои беҳтаринро дар ноҳия И. Раҳимов аз совхози ба номи Куйбишев, М.Муллоҷонов аз колхози ба номи Орҷоникидзе ва чанд нафари дигар соҳиб гардиданд.

Ҳосили баланди пахта боиси мустаҳкам гардидани пойгоҳи иқтисодиву молиявии колхозҳо ва ҳамзамон даромади колхозчиён гардид. Агар соли

1956 дар кӯҳистони Масчоҳ даромади умумии 9 колхоз баробар ба 5 миллиону 921 ҳазор рубл буд, соли 1957 даромади умумии колхозҳо дар ноҳияи нав қариб 28 миллион рубл, аз ҷумла танҳо аз пахтакорӣ 18, 4 миллион рублро ташкил медод [130, 251]. Агар колхози ба номи Энгелс соли 1956 ҳамагӣ 350 ҳазор рубл аз тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ даромад карда бошад, пас соли 1957 ин хоҷагӣ танҳо аз соҳаи пахтакорӣ 1 миллиону 640 ҳазор рубл даромад ба даст овард. Соли 1957 ба ҳар як рӯзи кории колхозчиён ба ҳисоби миёна 15-20 рубл рост меомад [67, 293], ки ин боиси хеле беҳтар гардидани сатҳи зиндагии онҳо гардид.

Баъди бо иқтидори пураашон ба кор даромадани се истгоҳи насосӣ (истгоҳи якуми насосии Дилварзин ва дуюму сеюми Янтоқ) ва ба Дилварзин омадани об фотеҳони дашт барои ба кишт мувофиқ ва обёрӣ кардани заминҳои бекорхобида шурӯъ карданд. Як қисми техникаи заминканӣ-экскаваторҳо, булдозеру грейдерҳо ба мелиоратсияи замин сафарбар карда шуданд, мошинисту тракторчиён ба тахту ҳамвор кардани замин, кандани шабакаи коллекторию заҳбурӣ сар карданд, колхозчиён заминро ба кишт тайёр ва ба кӯчату кишти зироатҳо шурӯъ намуданд. Ҳазорҳо гектар заминҳои ҳосилхез шодоб шуданд.

Дар хоҷагиҳои ноҳия асосан чигит бо усули қаторӣ кошта мешуд. Баъд аз сабзидан қаторҳоро бурида, дар ҳар 60 сантиметр танҳо як тӯпчаи ниҳол боқӣ мегузоштанд. Ин усул имкон медод, ки зичии ниҳолҳо назорат шуда, имкони ба даст овардани ҳосили баланд фароҳам гардад. Мутобиқи андешаи мутахассисон, зичтар шудани ниҳолҳо дар як гектар ҳосилро зиёд, вақти расидани пахтаро кӯтоҳ ва шароити ҷамъоварии онро осон мекард. Тадбирҳои нав инчунин ба самти истифодаи оқилонаи техникаи кишоварзӣ нигаронида шуда буданд. Агар дар солҳои аввал буридани қаторҳо барои нест кардани алафи бегона ва осон кардани кори техника зарур арзёбӣ мешуд, пас дар солҳои минбаъда бо болоравии сатҳи таҷрибаи деҳқонон ин амалиёт тадриҷан коҳиш ёфт. Бригадаи С. Давлатов, ки яке аз аввалин гурӯҳи

ташаккулёфтаи меҳнатӣ дар ноҳия ба ҳисоб мерафт, ба татбиқи чунин навовариҳо мусоидат намуд [75, 44].

Муқоисаи таҷрибаи пахтакории ноҳияи Масчоҳ бо ноҳияи ҳамсоя, аз ҷумла Зафаробод нишон дод, ки истифодаи усулҳои дақиқтари кишт, аз ҷумла партофтани чигит дар ҳар 15-20 см бидуни зарурати буридани қаторҳо, ба зиёд шудани шумораи ниҳолҳо дар як масоҳат ва афзоиши ҳосилнокӣ мусоидат мекунад. Ҷорӣ намудани чунин таҷрибаҳо дар ноҳия нишондиҳандаи муҳимми болоравии фарҳанги агротехникӣ ва рушди иқтисодии деҳот дар давраи шуравӣ буд

Ин тадбирҳо на танҳо ба баланд шудани ҳосилнокии пахта, балки ба рушди шуғли аҳолӣ, болоравии даромади хоҷагиҳои дастаҷамъӣ ва таҳкими инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот мусоидат намуданд. Ҳамин тавр, солҳои 1960-1980 давраи ташаккули низоми устувори иқтисодиёти деҳот ва фароҳамсозии заминаҳои иҷтимоиву иқтисодии рушди минбаъдаи ноҳия гардиданд.

Муваффақият дар соҳаи пахтакорӣ ва зиёд шудани ҳосил ба таҳкими иқтисоди колхоз оварда расонд. Ҳамин тавр, натиҷаи ин муваффақият на танҳо дар соҳаи пахтакорӣ, балки дар беҳтар шудани вазъи иҷтимоии колхозчиён ва зиндагии онҳо низ ба назар мерасид. Хирмани деҳқон сол то сол меафзуд, дар соли 1958 колхочиёни ноҳия ба давлат «5570,2 тонна пахта супоридаанд, ки 91%-и онро навъи аъло ташкил медод» [34, в.20]. Ин аз он шаҳодат медод, ки колхозчиён тавонистанд бо истифода аз таҷрибаҳои нав, беҳтар кардани усулҳои кишоварзӣ ва ҳамоҳангсозии кори гурӯҳӣ, ҳамкории давлат ва мардум, инчунин истифодаи саҳми калон дар мутобиқсозии кори кишоварзӣ бо шароити маҳал, натиҷаҳои назаррас ба даст оваранд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои барзиёди супоридани пахта, ки дар соли 1958 ба даст омад, намунаи пешрафт ва рушди соҳаи пахтакорӣ дар ин минтақаи навбунёд буд.

Ин буд, ки совхозҳои ноҳия соли 1960 ба давлат 13 176 тонна пахта [56, 202] дода, аз заминҳои дашти Дилварзин 3 645,8 тонна ғалла ва дигар маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ҷамъоварӣ намоянд [56, 194-195]. Соли 1960

совхози навкорами ба номи Ленин дар майдони 1000 гектар бо усули чоркунҷа пахта кишт кард. Дар саҳроҳои совхоз 250 нафар коргарон, ки бо техникаи навтарин таъмин буданд, кор мекарданд ва хоҷагӣ зиёда аз 50 трактор ва 20 мошини пахтачинӣ дошт. Ҳамин сол совхоз аз ҳар гектар 28,6 сентнерӣ пахта ҷамъоварӣ намуд [56, 127]. Ин муваффақият ба туфайли моҳирона истифода бурдани агротехника, дуруст ҷобаҷо гузории кадрҳо ва заҳмати ҳаррӯза ба даст оварда шуд.

Механиконии раванди парвариши пахта аз кишт то ҷамъоварии ҳосил омили асосии ба даст овардани ҳосили баланд дар хоҷагии ба номи Ленин буд. Коргарони ин хоҷагӣ аввалин шуда усули механиконии тоза ва ягонакунии ҷӯякҳои пахтаро ба роҳ монда, меҳнати дастиро танҳо барои аз алафҳои бегона тоза кардан ва обёрии он истифода менамуданд.

Самараи механиконии маҷмӯиро метавон аз натиҷаи кори бригадаи И.Исмоилов баҳо дод. Ин бригадаи 10-нафара охири солҳои 60-ум ташкил ёфта, 115 гектар замин, чор трактор, як мошини боркаш бо ароба ва ду мошини пахтачинӣ дошт. Дар 68 гектар пахта ва дар майдони боқимонда дигар зироатҳо кошта шуданд. «Мо бовар ҳосил намудем, - мегуфт И.Исмаилов, - ки техника дар мубориза барои ба даст овардани пахтаи зиёду арзон ёрдамчии боэътимодтарин будааст» [130, 259]. Соли 1961 ин бригада аз омода намудани шудгор ва дигар корҳо то ҷамъоварии ҳосилро бо мошинҳо гузаронида, дар натиҷа аз ҳар гектар 28 сентнерӣ пахта ба даст овард. Ба як сентнер пахта ҳамагӣ 15,3 соат-меҳнат ё худ 8 рублу 91 тин сарф шуда, ба сари ҳар як коргар 172 сентнерӣ пахта истеҳсол карда шуд [130, 259].

Дар байни тадбирҳое, ки боиси афзоиши минбаъдаи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ гардид, омӯзондан ва тарбияи кадрҳо нақши асосиро соҳиб буд. Бо ин мақсад совхоз-техникум ҳар сол гурӯҳи мутахассисони соҳибихтисосро ба кор равона намуда, бригадаҳои нави комплексӣ ташкил менамуд. Дар техникум таҷрибаи роҳбарии колхозчиёни номдори замон ба монанди, ду маротиба Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, раиси колхози

«Москва»-и ноҳияи Хуҷанд С. Ӯрунхоҷаев, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, раиси колхози ба номи «Ленин»-и ноҳияи Нов (ҳоло Сиптамен) А.Самадов, таҷрибаи роҳбарии бригадаҳои комплексии Ш.Расулов аз колхози ба номи Калинини ноҳияи Регар, Х. Назаров аз колхози «Правда»-и ноҳияи Ашт, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, вакили Шурои Олии ИҶШС Ҳ.Амиров аз колхози ба номи «Куйбишев»-и ноҳияи Масчоҳ ва дигар пешқадамони номдори хоҷагии қишлоқро меомӯзониданд.

Аз ҷумла, «Ҳоҷӣ Амиров соли 1961 бригадаи комплексиро сардорӣ карда, бо мошинҳои пахтачинӣ 89 тонна пахта ҷамъоварӣ намуд ва аз моҳи январи соли 1962 дар заминҳои навкорами ноҳияи Масчоҳ бригадаи намунавӣ ташкил кард» [138, 72]. Натиҷаи меҳнати садоқатмандона ва истифодаи оқилонаи техника буд, ки «бригада соли 1962 ба офатҳои табиӣ нигоҳ накарда, аз 70 гектар замин 140 тонна пахта гирифт, ки аз он 72 тонна бо техника ҷамъоварӣ гардидааст» [138, 72]. Бригадаи комплексии 2-нафараи Ҳ. Амиров соли 1963 аз 100 гектар пахта 320 тонна ҳосил гирифт, ки 214 тоннаи он бо мошин чида шуда буд. Ба як сентнери пахта дар як рӯз 1,5 кас ё худ 8 рублу 60 тин сарф шуд. Ва ба ҳар як нафар колхозчӣ ба ҳисоби миёна 263 сентнерӣ пахта рост меомад [139, 2]. Дар ҷумҳурӣ он солҳо ягон хоҷагии дигар чунин комёбӣ ба даст наоварда буд.

Яке аз хоҷагиҳои аввалини ноҳияи Масчоҳ колхози «Зарафшон» буд, ки дар давоми ҳашт соли мавҷудияташ дар заминҳои навкорами ноҳияи Дилварзин аз хоҷагии камиқтидори пурра бо меҳнати дастӣ, ба хоҷагии калони механиконидашуда табдил ёфт. Колхозчиён ҳанӯз соли 1957 аз ҳар як гектари 346 гектар замини нав 27,1 сентнерӣ пахта гирифтанд [31, в.195]. Соли 1964 «бригадаҳои пешқадами А.Ҳасанов, А.Фатҳуллоев, У.Азимов аз 672 гектар пахтазор 39-41 сентнерӣ ва ба ҳисоби миёна 35,7 сентнерӣ ҳосил гирифтанд, ки ин нишондиҳандаи баландтарин дар байни ноҳияҳои шимоли ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт» [138, 72]. Дар баробари ин соли 1964 васеъ ҷорӣ намудани усули механиконӣ имконият дод, ки «арзиши аслии як сентнер пахта назар ба соли 1957 12,4 рубл арзон шавад» [138, 72]. Бо сардории раиси

хоҷагӣ Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Н.Раҷабов доир ба баланд бардоштани дараҷаи кордонии пахтакорон ғамхории зиёд зоҳир мегардид.

Дар натиҷаи роҳбарии моҳиронаю оқилона, истифода бурдани имконияти техникии коркарди замин, ташкили дурусти меҳнат дар давоми солҳои 1957-1964 даромади колхоз қариб панҷ маротиба зиёд гардид. Соли 1964 даромади умумии хоҷагӣ тақрибан 880 ҳазор рублро ташкил медод ва дар як рӯз ба ҳар кас 5 рублу 20 тин рост меомад [140, 2], соли 1965 бо қарорҳои Раёсати Шурои Олии ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон даҳҳо нафар пахтакорони пешқадами колхозҳо бо мукофот, медалҳо, ифтихорномаҳои фахрӣ ва инъомҳои қимматбаҳо сарфароз гардиданд.

Соли 1961 меҳнаткашони ноҳияи Масчоҳ дар колхозу совхозҳо 57 бригадаи механиконидашудаи комплексӣ ташкил карданд. Дар майдонҳои калон кишти пахта бо усули чоркунҷа гузаронида шуд ва ин имкон дод, ки технологияи нигоҳубини зироатро васеъ истифода бурда, муҳлати коркарди байни қаторҳо кӯтоҳ ва сифати он беҳтар гардад. Гузаштан ба кори якҷояи механиконишудаи пахта ва ҷамъоварии мошинии пахта имконият дод, ки арзиши аслии пахта паст ва ҳосилнокии кори мошинҳои пахтачинӣ баланд ва даромади деҳқонон зиёд гардад.

Тавре ки таъкид шуд, соли 1961 Омӯзишгоҳи хоҷагии қишлоқи Ленинобод ба ноҳияи Масчоҳ кӯчонида шуд ва бо совхози ба номи Ленин муттаҳид гардид. Ин боиси хеле беҳтар шудани пешрафти истеҳсолот дар совхоз ва раванди таълим дар муассиса гардид. Дар натиҷаи муттаҳидшавӣ донишҷӯёни Омӯзишгоҳи хоҷагии қишлоқ на танҳо дониши назариявӣ мегирифтанд, балки ин донишҳоро бевосита ба истеҳсолот пайваст мекарданд. Донишҷӯён дар маъракаи кишт, байни қаторҳо ва обёрӣ, инчунин дар вақти бо доруҳои кимиёвӣ коркард намудани растаниҳо ва, умуман тамоми равандҳои истеҳсолӣ бевосита иштирок карда, малакаи зарурӣ пайдо мекарданд. Ғайр аз ин, дар майдонҳои омӯзишгоҳи совхоз барои гузарондани машқҳои таълимӣ китъаҳои алоҳида ҷудо гардида буданд.

Соли 1963 Омӯзишгоҳи давлатии агросаноатӣ аз майдони 2 300 гектар 4 450 тонна пахта гирифт. Бори аввал дар совхоз 266 гектар чеканкаи механиконида шуда ва дар ҷамъоварии ҳосил 33 мошини пахтачинӣ ба кор андохта шуд. Бо мошинҳо 1028 тонна ҳосил ғундошта шуд, ки дар натиҷа 55,8 ҳазор рубл сарфа гардид [130, 264]. Совхоз соли 1963 ба васеъ истифода бурдани мошинҳои пахтачинӣ, инчунин паҳн намудани таҷрибаи пешқадами истифодаи техника дар хоҷагии қишлоқ шурӯъ намуд.

Аз 35 бригадаи муттаҳидаи совхоз-техникум то 28 ноябри соли 1963 29 бригада нақшаи пахтасупориро пурра иҷро карданд. Дар байни онҳо бригадаҳои Э.Эшбоев, К.Ниёзов, Б.Абдукаримов дар кишти пахта аз механизмҳо истифода бурда, ҳосили зиёдро ба даст оварданд [130, 265].

Соли 1964 дар ноҳияи Масчоҳ қариб тамоми кишти пахта бо усули механиконӣ гузаронида шуд. Дар 80% хоҷагиҳо чеканкаи пахта бо усули механиконӣ амалӣ шуда, зиёда аз сеяки ҳосилро бо мошинаҳои пахтачинӣ ҷамъоварӣ намуданд. Ин имконият дод, то дар як муддати кӯтоҳ 24,4 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ ва ба давлат фурӯхта шавад [140, 1-2]. Аз ин рӯ, меҳнаткашони ноҳияи Масчоҳ пахтапарвариро хуб омӯхта, ҳар сол нисбат ба соли дигар ҳосили зиёд гирифта, технологияи навтарини парвариши пахтаро азхуд мекарданд.

Ҳамин тавр, таҳқиқи масъала нишон медиҳад, ки меҳнаткашони аз манотиқи кӯҳӣ ба ноҳияи навтаъсис муҳоҷир шуда, дар даҳсолаи аввали азхудкунии заминҳои бекорхобида тавонистанд таҷрибаи пешқадамро соҳиб шаванд ва ноҳияро ба як ҳавзаи пешқадами пахтакории ҷумҳурӣ табдил диҳанд. Таҷрибаи пешқадами кишоварзони ин ноҳияро пахтакорони дигар манотиқи ҷумҳурӣ ҳамчун намуна истифода мекарданд.

Солҳои 60-70-уми асри гузашта ноҳияи нави пахтакорӣ бо роҳу воситаҳои гуногун, пеш аз ҳама истифодаи дастовардҳои илму техника ва таҷриба ғуншуда, суръати парвариши пахтаро вусъат дода, натиҷаҳои боз ҳам хубтар ба даст меоварданд. Махсусан, усулҳои гуногуни пешқадами агротехникӣ, аз ҷумла усули шудгор ва кишт, дар як вақт рехтани нуриҳои

минералӣ дар майдони қариб 60-70% киштзор натиҷаи хуб доданд. Вобаста ба ин истифодабарии нуриҳои минералӣ сол аз сол самараноктар мегардид.

Бо мақсади аз касалиҳои гуногун наҷот додани киштзори пахта соли 1974 навъҳои нисбатан тобовари «Тошканд» дар майдони 7424 га кишт гардид, ки ин зиёда аз 60% майдони умумии пахтаро ташкил медод. Дар натиҷаи ба амал баровардани ин тадбирҳо ҳолати майдонҳои кишт хеле беҳтар гардид. Ҳамзамон ба хотири аз вайроншавӣ нигоҳ доштани қабати хок минтақаҳои муҳофизати киштзор ташкил карда шуданд. Масалан, хоҷагиҳо дар зарфи солҳои 1965-1974 ба ин мақсад дар майдони 314 га минтақаи дарахтони муҳофизатӣ бунёд карданд ва барпо намудани ин гуна минтақаҳо дар навбати дуюми азхудкунии заминҳо низ идома ёфт.

Дараҷаи механиконии корҳо дар пахтакорӣ сол аз сол вусъат меёфт. Баргрезонӣ ва бо мошин ҷамъоварӣ намудани ҳосил имконият дод, ки дар як муддати кӯтоҳ ҳосили пахта беталаф ва бо сифати баланд ва «бо тарзи муназзами мошини пахтачинӣ-нақлиёт-нуқтаи пахтақабулкунӣ ғундошта шавад. Соли 1965 дар ноҳия барои ҷамъоварии ҳосили пахта 159 мошини дуқатора истифода шуда, 9 198 тонна пахта ҷамъоварӣ гардид, ки ин 38,8% ҳосили умумиро ташкил медод. Ба ҳар мошин ба ҳисоби миёна дар мавсим 58 тонна пахта рост меомад. Соли 1974 бошад, дар ҷамъоварии ҳосил 231 комбайни пахтачинии дуқатора ва чорқатора истифода шуд ва 22 577 тонна пахта ҷамъоварӣ гардид, ки ин 54,3% ҳосили умумиро ташкил медод» [132, 46-48].

Совхози «Правда»-и ноҳия бошад, 65% тамоми ҳосилро бо мошин ҷамъоварӣ намуд. Дараҷаи механиконии ҷамъоварии пахта дар бригадаҳои ҷудогона аз ин ҳам зиёд буд, масалан, соли 1974 бригадаи Қаҳрамони Меҳнати Сосиалистӣ Ҳ.Амиров (аз колхози ба номи Куйбишев) аз 257 тонна ҳосили пахта 193 тоннаашро бо мошин ғундошт, ки ин 75% ҳосили умумии хоҷагиро ташкил медод [132].

**Ҷадвали 2.** – **Техникаи кишоварзии ноҳия дар солҳои 1971-1973** [48,3].

| № | Ном | Шумора ва солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 1970 | 1971 | 1972 | 1973 |
| 1. | Тракторҳо | 736 | 803 | 787 | 813 |
| 2. | Комбайни ғалладарав | 12 | 17 | 19 | 22 |
| 3. | Тухмпошак барои кишти пахта | 205 | 183 | 191 | 206 |
| 4. | Плуг-шудгоркунак | 200 | 185 | 189 | 185 |
| 5. | Култиваторҳо | 348 | 345 | 356 | 333 |
| 6. | Комбайни пахтчинӣ | 223 | 228 | 207 | 203 |
| 7. | Мошинҳои боркаш | 168 | 234 | 241 | 258 |

Ба мақсади тамоми сол истифода бурдани заминҳои обӣ дар колхозу совхозҳо кишти такрорӣ, байниқаторӣ ва кишти якҷояи ҷуворимакка, лаблабу, юнучқа, ҷав ба роҳ монда шуд, ки ин ҳосили ҳар гектар замини обиро хеле зиёд мегардонд. Махсусан, ҷорӣ карда шудани кишти ҷуворимакка барои дон дар хоҷагиҳои ноҳия натиҷаи хуб дод ва дар як сол колхозу совхозҳо то 300-330 тонна дони ҷуворимакка мегирифтанд.

Бо кӯшиши меҳнаткашони ноҳия танҳо дар давоми солҳои 1957-1970 ба давлат 271 550 тонна «тиллои сафед» супорида шуд. Ҳаҷми умумии маҳсулоти колхозу совхозҳо, ки соли 1955 пеш аз муҳоҷират 463 ҳазор рублро ташкил медод, тибқи нишондиҳандаҳои нави нархгузорӣ, то соли 1970 ба 18,6 миллион рубл расид, яъне 40,2 маротиба афзоиш ёфт. Дар ин муддат даромади софи танҳо колхозу совхозҳо 33,8 миллион рублро ташкил дод. Илова бар ин, агар ба ҳисоб гирем, ки давлат аз ҳар тонна пахта боз 680 рубл даромади соф ба даст меовард, пас даромади софи умумӣ аз фурӯш ва коркарди маҳсулоти ҳосилшуда дар заминҳои Дилварзин зиёда аз 218,4 миллион рублро ташкил медод [47, в.20]. Ин маънои онро дорад, ки хароҷоти умумие, ки давлат барои аз худ намудани заминҳои нав ва кӯчонидани аҳолӣ анҷом дода буд, пурра ҷуброн гардида, фоидаи зиёд ба даст овард.

Ноҳияи Масчоҳ аз қабили он ноҳияҳои ҷумҳурӣ буд, ки на танҳо маблағи аз буҷа ҷудошударо бар мегардонид, балки ба хазинаи давлат низ даромади зиёд меовард. Ноҳия танҳо соли 1962 ба буҷаи ҷумҳурӣ ба маблағи 160,4 миллион рубл даромад овард. Соли 1980, вақте ки марҳалаи дуюми азхудкунии заминҳо бо майдони иловагии 10 ҳазор гектар пурра ба анҷом

расид, ҳосили солонаи пахта ба 40-45 ҳазор тонна расонида шуд яъне давлат ҳамасола на камтар аз 27,5 миллион рубл даромади соф аз ин ноҳия ба даст меовард ва ин ба истисноси даромади софи колхозу совхозҳо буд [47, в.21].

Афзоиши мунтазами даромади пулӣ ба баланд шудани дараҷаи музди меҳнати колхозчиён ва коргарони совхозҳо мусоидат менамуд. Пеш аз кӯчонидани аҳолӣ, сатҳи музди меҳнат хеле паст буд. Соли 1955 даромади умумии пулии ҳамаи колхозҳо ҳамагӣ 463 ҳазор рублро ташкил медод, ки аз он танҳо 174 ҳазор рубл, ё 37% ба музди меҳнат равона мешуд. Музди миёнаи солонаи шахсони қобили меҳнат дар соҳаи гуногуни ҷамъиятӣ 31 рублро ташкил медод, дар ҳоле ки музди меҳнати моҳона аз 2,7 рубл бештар набуд [47, в.21].

Соли 1978 бошад, танҳо колхози ба номи Орҷоникидзе 2 миллиону 800 ҳазор рубл даромад гирифт. Агар соли 1957 пахтакорони ноҳияи дар 2 ҳазор гектар пахта кишт карда, ҳамагӣ 5 600 тонна ҳосил ҷамъоварӣ карда бошанд, пас соли 1977 майдони кишти пахта ба 16 ҳазор гектар расид ва ҳамин сол деҳқонон тавонистанд ба давлат 45 938 тона пахта супоранд [148, 2-3].

Аз маълумоти бойгонӣ бармеояд, ки ноҳия Масчоҳ дар давраи шуравӣ ба яке аз ноҳияҳои пешсафи ҷумҳурӣ ва вилоят табдил ёфта, дар бисёр самтҳо, пеш аз ҳама парвариши пахта баландтарин нишондиҳандаро соҳиб гардидааст. Суръати рушди ноҳия дар солҳои 80-уми асри гузашта, махсусан дар соҳаи пахтакорӣ низ хеле назаррас буд. Аз ҷумла, соли 1980 10 хоҷагии кишоварзии ноҳия нақшаи муқарраршудаи пахтасупориро пурра ва барзиёд иҷро намуданд. Дар ҳоле ки ҳаҷми нақшавии кишти пахта барои ноҳия 43 500 тонна пешбинӣ шуда буд, деҳқонон ба хирман 51 262 тонна пахта супориданд, ки ин нисбат ба нақша 8 262 тонна зиёд буд. Аксари кулли бригадаҳои пахтакорӣ дар ноҳия тавонистанд, ки вазифаҳои ба зиммадоштаашонро бомуваффақият иҷро намоянд. Аз ҷумла, 53 бригада ҳосилнокиро аз ҳар як гектар аз 35 то ба 45 сентнер расониданд [42, в.14].

Дар байни бригадаҳои намунавӣ метавон бригадаи «С.Ҳусейн ва П. Сафаров аз колхози ба номи Орҷоникидзе, бригадаи Қ.Бойчаев аз колхози

«Зарафшон», М.Қурбонов аз колхози «Комсомол», С. Саидов аз колхози ба номи Калинин, О.Қобилов ва Ч.Қурбонов аз колхози ба номи Карл-Маркс, аз совхоз-техникуми ба номи Ленин биргадаҳои Р.Мирзоев, Д. Давронов, аз совхози Правда бригадаи Ӯ.Қозиевро номбар намуд, ки ҳосили гирифтаи онҳо аз ҳар гектар аз 40 то 42,6 сентнерро ташкил медод» [42, в.14].

Умуман соли 1980 кишоварзони ноҳияи Масчоҳ дар самти иҷрои нақшаи давлатии истеҳсоли пахта ба дастоварди назаррас ноил гардиданд. Натиҷаи умумии ҷамъоварии пахта, ки аз нишондоди нақшавӣ зиёд буд, шаҳодати кордонию заҳматписандии деҳқонон ва самаранокии ташкили раванди истеҳсолот буд. Ин комёбиҳо на танҳо саҳми хоҷагиҳои намунавиро дар таъмини нақшаи давлатӣ тақвият бахшиданд, балки таҷрибаи онҳо барои такмили фаъолияти кишоварзӣ дар дигар минтақаҳо низ манфиатовар буд.

Дар доираи иҷрои нақшаи панҷсолаи даҳуми рушди иқтисодиёт (1976-1980) пахтапарварони ҶШС Тоҷикистон ба дастовардҳои хеле хуб ноил гардиданд. Дар маҷмӯъ, дар давраи зикршуда «4 миллиону 510 ҳазор тонна пахта ба хазинаи давлат супорида шуд, ки нисбат ба нақшаи муқарраршуда 231 ҳазор тонна зиёд буд. Аз ин миқдор 1 миллиону 338 ҳазор тоннаро пахтаи маҳиннах ташкил» [42, в.45] медод, ки нишондиҳандаи муҳим дар таъмини саноати бофандагӣ ба шумор мерафт.

Дар ҳамин замина, соли 1980 ноҳияи Масчоҳ дар миқёси ҷумҳурӣ як аз аввалинҳо шуда, то моҳи октябр нақшаи солонаро пурра иҷро намуда, «ба ҷойи 44 ҳазор тонна пахтаи нақшавӣ, аз ноҳия 54 ҳазору 200 тонна пахта ба давлат супорида шуд» [95, 16].

Танҳо дар соли 1980, дар миқёси ҷумҳурӣ 1 миллиону 10 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ ва ба давлат таҳвил дода шуд. Дар ин замина, саҳми пахтакорони вилояти Ленинобод хусусан назаррас буда, онҳо нақшаи панҷсоларо бо иҷрои зиёда аз «1 миллиону 181 ҳазор тонна пахта анҷом доданд, ки аз ҳаҷми муқарраршуда 53 ҳазору 320 тонна зиёд мебошад» [42, в.45]. Ҳосилнокии солонаи пахта дар ин вилоят нисбат ба панҷсолаи нӯҳум ба ҳисоби миёна 36 ҳазор тонна афзоиш ёфта, чиниши механикии пахта «аз

105 ҳазор тонна дар соли 1975 ба 125 ҳазор тонна дар соли 1980 расонида шуд» [42, в.45].

Дар рушд ва пешрафти соҳаи пахтакорӣ ва, умуман ноҳия нақши роҳбарони он низ кам набуд. Аз ҷумла, бо шарофати сиёсати дурандешона ва маҳорати хуб роҳбари ҳамонвақтаи ноҳия Д.Тӯтиев (солҳои 1985-1990) ноҳияи Масчоҳ дар самти иқтисодию иҷтимоӣ ба пешрафти хуб ноил гардид. Дар ин давра, фаъолияти соҳаҳои асосии хоҷагии халқ бо тартибу низоми нав ба роҳ монда шуда, ташкили инфрасохтори истеҳсолӣ, густариши соҳаҳои иҷтимоӣ, тақвияти низоми идории маҳаллӣ ва баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ аз ҷумлаи муҳимтарин дастовардҳо ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон, бо татбиқи чорабиниҳои мақсаднок дар соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, таълим, тандурустӣ ва фарҳанг, минтақа қобилияти истеҳсолӣ ва имкониятҳои рушдии худро ба таври назаррас тақвият дод.

Хоҷагиҳои ноҳияро бо назардошти шароити истеҳсолӣ ба ду гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст. Гарчанде дар ҳар гурӯҳ шароити хок, иқлим, захираҳои меҳнатӣ ва фонди асосии истеҳсолӣ қариб якхелаанд, аз ин рӯ аз ҳар гектар бояд ҳосили якхела гирифта шавад. Аммо натиҷаҳо гуногун буданд. Дар колхози ба номи К. Маркс ҳисоби миёнаи ҳосил 38,6 сентнер аммо дар совхози «Правда» 27,9 сентнерро ташкил медод [32, в.24]. Агар ҳамаи хоҷагиҳо болоравии ҳосилнокии худро таъмин мекарданд, пас танҳо дар давоми солҳои 1963-1970 метавонистанд боз ба таври илова 11,5 ҳазор тонна пахта ба даст оранд. Бо ҳисоби миёна даромади пулии 1 тонна пахта ба 5,4 миллион рубл баробар буд [32, в.24].

Дар колхозу совхозҳо паст шудани ҳосилнокии пахта бешубҳа аз иқтидори замин вобаста буд. Ва самаранокии истифодаи он аз усули коркард, истифодаи нуриҳои қувватбахшанда ва риояи меъёрҳои обёрию дигар тадбирҳои агротехникӣ вобастагӣ дошт. Аз ҷумла «соли 1970 нисбат ба соли 1969 2,5 ҳазор сентнер камтар нуриҳои маъданӣ барои коркарди заминҳои пахта истифода шуд ва дар натиҷа аз ин ҳисоб 85,7 ҳазор рубл маблағ сарфа гардид» [32, в.27].

Аввалин корхонаи саноатии ноҳия заводи пурқудрати тоза кардани пахта дар соли 1980 дар маркази ноҳия поягузорӣ шуда, соли 1985 ба фаъолияти истеҳсолӣ оғоз кард [95, 20]. Ин иқдом ба деҳқонони Масчоҳ имконият фароҳам овард, ки маҳсулоти меҳнати худро ба марказҳои дур, интиқол надиҳанд ва онро дар маҳалли худ коркард намоянд. Қобилияти коркарди завод то 50 ҳазор тонна пахтаро ташкил медод, ки ин омил шароити рушди саноати маҳаллӣ ва тавсеаи ҷойҳои кориро фароҳам овард. Дар натиҷа, садҳо нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин шуданд ва ба буҷаи ноҳия миқдори назарраси маблағ ворид гардид. Ин корхона заминаи ташаккули синфи коргари соҳибкасбро дар ноҳия фароҳам оварда, садҳо нафар соҳибихтисосони нодирро тарбия намуд.

Баробари рушди соҳаи пахтакорӣ дигар самҳои хоҷагии кишоварзӣ низ дар ноҳия ташаккул ва бо суръати матлуб инкишоф меёфтанд. Корҳои зиёди обёрӣ ба деҳқонон имконият дод, ки сол аз сол ҳосили фаровони ғалла, махсусан шолӣ, мева, сабзавот, зироатҳои полезӣ ва хӯроки чорворо ба даст биёранд.

Албатта, рушди иқтисодии ноҳия дар заминаи сиёсати муқаррар намудаи мақомоти олии ҳизбию шуравӣ ба вуқуъ меомад. Аз ҷумла, дар пешрафти хоҷагии кишоварзии мамлакат қарорҳои пленуми мартии КМ ҲКИШ (1965), ки асосҳои сиёсати аграрии ҳизбро муайян намуд, нақши бориз гузошт. Сокинони собиқ кӯҳистони Масчоҳ, ки соли авалли даҳсолаи дуюмро дар дашти Дилварзин пешвоз мегирифтанд, дар заминаи ин қарорҳо барои фатҳи заминҳои навкорам пурмаҳсул меҳнат намуда, симои иқтисодӣ-иҷтимоии хоҷагиҳоро ба таври куллӣ дигаргун сохтанд. Ноҳия ба яке аз пойгоҳҳои асосии пахтакории ҷумҳурӣ табдил ёфт. Соли 1974 назар ба соли 1965 арзиши фондҳои асосии колхозу совхозҳои ноҳия 2,9 баробар, иқтидори энергетикӣ 5,0 ва миқдори тракторҳо 1,7 баробар афзуд.

Маблағгузории асосӣ аз тарафи колхозҳо ва давлат мунтаззам афзоиш меёфт. Агар дар соли 1965-ум 1 миллиону 902 ҳазор рублр аз ҳисоби

колхозҳо ва давлат маблағгузорӣ карда шуда бошад, пас ин рақам дар соли 1974 ба 4 миллиону 253 ҳазор рубл расид.

Масоҳати заминҳои корам аз ҳисоби заминҳои бекорхобида афзуда, навбати дуюми азхудкунии дашти Дилварзин ба анҷом расид. Дар солҳои 1965-1974 ба тавозуни заминҳои хоҷагиҳои ноҳия аз ҳисоби «заминҳои бекорхобида 1935 га, аз ҷумла 532 га заминҳои обӣ дода шуд. Аз ҳисоби навбати дуюми азхудкунии дашти Дилварзин хоҷагиҳои ноҳия соҳиби 6 212 га замини обӣ гардиданд» [132, 46-48]. Зиёд шудани замини обӣ ба колхозу совхозҳо имконият дод, ки ба азхудкунии усули киштгардонии пахтаю юнучқа сар кунанд. Ҷадвлаи зер аз рафти босуръати рушди маҳсулоти хоҷагии кишоварзии ноҳия дар солҳои 60-70-уми асри ХХ шаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали 3. – Истеҳсоли сабзавот ва мевагӣ дар хоҷагиҳои ноҳияи солҳои 1965-1974. (тонна)** [50, в.42-46].

| Сол | Меваҳо | Ангур | Сабзавот | Картошка | Харбуза |
|---|---|---|---|---|---|
| **1965** | 686 | 203 | 15 | 45 | 357 |
| **1966** | 759 | 245 | 143 | 42 | 235 |
| **1967** | 1321 | 165 | 85 | 85 | 349 |
| **1968** | 816 | 192 | 136 | 74 | 351 |
| **1969** | 1454 | - | 218 | 127 | 427 |
| **1970** | 1586 | 106 | 341 | 136 | 838 |
| **1971** | 1383 | 9,1 | 259 | 130 | 1148 |
| **1972** | 1381 | 15 | 329 | 136 | 1234 |
| **1973** | 1615 | 42 | 364 | 180 | 1671 |
| **1974** | 933 | 24 | 573 | 125 | 1730 |

Баробари дастрас шудани маҳсулоти кишоварзӣ ба аҳолӣ нуқтаҳои савдо ва фуруши маҳсулот, хӯроки умумӣ низ сол ба сол меафзуд. Агар соли 1958 ба аҳолии ноҳия 37 нуқтаи савдо, 10 нуқтаи хӯроки умумӣ хизмат мерасонида бошанд, соли 1978 ба сокинони ноҳия 89 нуқтаи савдо, 36 нуқтаи хӯроки умумӣ хизмат мекарданд [147].

Суръати рушди иқтисодии ноҳия дар панҷсолаи нӯҳуми хоҷагии халқи ҷумҳурӣ боз беҳтар гардид. Дар соли якуми панҷсолаи нӯҳум (1971), тибқи маълумоти бойгонӣ, хоҷагиҳои ноҳия ба давлат зиёда аз «28,714 тонна пахта (108,3%-и нақша), 107,3% гӯшт, 141,2% маҳсулоти ширӣ, 111% пашм,

208,5% тухм ва дигар намудҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқро супориданд» [47, в.3].

Афзоиши майдони кишти зироатҳои хӯроки чорво, ҳосил ва ҷамъоварии умумии онҳо ба мустаҳкам шудани захираи хошок ёрӣ мерасонид ва ин имконият дод, ки нисбат ба соли 1965 дар соли 1974 колхозу совхозхои ноҳия «истеҳсоли ширро 2,6 баробар, гӯштро 1,6, тухмро 3,2 ва пашмро 1,1 баробар зиёд карда, ширҷӯширо аз ҳар сар модагов аз 945 килограмми соли 1965 дар соли 1974 ба 1816 кг расонанд. Дар ин муддат саршумори чорвои калон 1,5 баробар, мурғ 4,9 ва гӯсфанду буз 1,2 баробар афзуд» [146, 46-48].

Дар самти марказонидан ва махсусгардонии соҳаи чорводорӣ ҳам тадбирҳои калон амалӣ шуданд. Иқдоми аввалин дар ин самт дар қитъаи кӯҳистони Масчоҳ ташкил шудани аввалин дар ҷумҳурӣ Иттиҳодияи байниколхозии гӯсфандпарварӣ буд, ки қариб 90% саршумори умумии гӯсфандони колхозҳои ноҳияро дар бар мегирифт. Ғайр аз он, дар ноҳия ташкил кардани хоҷагии байниколхозӣ оид ба парвариши дигар намуди чорво низ ба роҳ монда шуд.

Ба мақсади тамоми сол бо сабзавот, ҳосили полезӣ ва мева таъмин намудани аҳолӣ ва ба давлат фурӯхтани ин маҳсулот майдонҳои кишти зироатҳои мазкур хеле зиёд карда шуданд. Соли 1974 нисбат ба соли 1965 ҷамъоварии сабзавот 45 баробар, ҳосили маҳсулоти полезӣ 5,4 баробар ва мева 1,1 баробар афзуд [146].

Баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ва афзудани истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ ва болоравии самаранокии истеҳсолот имконият дод, ки колхозу совхозҳо зиёдтар фоидаи соф ба даст оваранд. Аз ҷумла «даромади умумии колхозҳо дар соли 1974 нисбат ба соли 1965, аз 9 миллиону 345 ҳазор рубл ба 21 миллиону 754 ҳазор рубл афзуда, 2,3 баробар зиёд шуд. Ҳаҷми фурӯши маҳсулот дар совхозҳо бошад, аз 1 миллиону 952 ҳазор рубл ба 6 миллиону 280 ҳазор рубл расид. Фоидаи софи колхозу совхозҳо аз 2 миллиону 736 ҳазор рубл ба 7 миллиону 674 ҳазор рубл зиёд шуда, даромаднокӣ 38,7%-ро ташкил кард» [146, 46-48].

Агар соли 1965 ба ҳар сари як коргар ба маблағи 1849 рубл маҳсулоти хоҷагии қишлоқ истеҳсол мешуда бошад, пас соли 1974 ин нишондиҳанда ба 2712 рубл расид. Музди миёнаи солонаи ҳар як колхозчӣ ва коргари совхоз дар соли 1965-ум 1019 рублро ташкил медод ва соли 1974 ин рақам ба 1657 рубл расид [146]. Дараҷаи музди миёнаи моҳона дар баъзе хоҷагиҳои инфиродӣ назар ба ҳисоби миёнаи ноҳия бамаротиб баландтар буд. Масалан, соли 1968 музди миёнаи моҳонаи Ш.Бобоев аз колхози ба номи Куйбишев 160 рубл ва Н. Авезов аз колхози ба номи Калинин 148 рублро ташкил медод. Чунин мисолҳо доир ба афзоиши музди меҳнат ниҳоят зиёд мебошанд. Афзоиши даромади пулӣ на танҳо мушкилоти моддии муҳоҷиронро ҳал менамуд, балки ба беҳтар гардидани вазъи маишию фарҳангии зиндагии онҳо низ таъсири ҷиддӣ мерасонид.

Агар дар гузашта аксари аҳолии вилоят дар бораи молҳои техникӣ ва маишии муосир, ба мисли телевизор, яхдон, мошини ҷомашӯӣ, автомобилҳои «Москвич» ва «Волга» тасаввури норавшан ё ҳатто манфӣ доштанд, пас то соли 1970 вазъият ба таври куллӣ дигар шуд. Дар ин сол, ба ҳисоби миёна, ба ҳар як хоҷагӣ як радиоприёмник, ба ҳар 6 хоҷагӣ як телевизор ва яхдон ва ба ҳар 8 хоҷагӣ як мошини ҷомашӯӣ рост меомад.

Илова бар ин, ба аҳолӣ «13 автомобили сабукрави «Волга», 44 «Москвич», 277 мотосикл, 4176 мошини дарздӯзӣ, зиёда аз 22 ҳазор соат ва дигар молҳои техникию маишӣ фурӯхта шуданд» [32, в.22].

Дар доираи ин барномаҳо, соли 1961 сохтмони як бинои Хонаи фарҳанг, ду бинои 12-ҳуҷрагӣ ва як бинои 8-ҳуҷрагӣ ба анҷом расонида шуд. Илова бар ин, тибқи барномаи кӯчонидани аҳолӣ, 341 хонаи истиқоматӣ барои колхозчиён бо масоҳати умумии 9500 метри мураббаъ сохта ва ба истифода дода шудааст. Дар доираи барномаи мазкур, дар маҳалҳои деҳот 12,7 километр қубури обгузар насб гардид, ки ба беҳтар шудани шароити зист ва таъминоти оби нӯшокӣ мусоидат намуд [39, в. 26]. Дар колхози Карл Маркс соли 1971 1 клуби дорои 400 ҷой сохта ба истифода дода шуда, ҳамчунин, 1

ҳаммом, 1 мактаб бо 240 ҷой, боғчаи кӯдакон ва беморхонаи дорои 25 кат ба истифода дода шуданд [32, в.4].

Аммо раванди рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия доимо яксон ва дар як маром набуд. Зери таъсири ҳаводиси табиӣ, пеш аз ҳама хушксолию камобӣ баъзан боиси пастшавии натиҷаҳо ва иҷро нашудани нақшаҳо мегардиданд. Таҳлил нишон медиҳад, ки даромаднокии колхозу совхозҳои ноҳия дар баъзе солҳо тамоюл ба пастравӣ доштааст. Масалан, ин нишондиҳанда дар «соли 1960 ба 46,6% баробар буд, вале дар соли 1965 ба 33,3% коҳиш ёфт ва дар соли 1970 боиси каме барқароршавӣ гардида, ба 37,4% расид»[32, в.23].

Норасоиҳо ва ё пурра иҷро намудани нақшаҳо дар дигар самтҳо низ мушоҳида мешаванд. Махсусан, дар самти корҳои сохтмонӣ инро бештар мушоҳида менамоянд. Соли 1970 аз 17 иншооте, ки тибқи нақша бояд сохта мешуданд, танҳо 6-тои онҳо дар муҳлатҳои муқарраршуда ба истифода дода шуданд. Қисми боқимондаи иншоот, мутаассифона, аз муҳлатҳои пешбинишуда дертар сохта шуданд ё корҳои сохтмониашон ба охир нарасиданд.

Аз ҳисоботи мақомоти иҷроияи ноҳия бар меояд, ки бо сабабҳо ва омилҳои гуногун дар бисёр самтҳои хоҷагидории ноҳия норасоиҳо ва камбудиҳо, махсусан дар самти иҷрои нақшаҳои корҳои сохтмонӣ дар ибтидои солҳои 70-ум ҷой доштанд. Ҷадвалҳои дар зер оварда гувоҳӣ медиҳанд, ки сохтмони як қатор иншооти соли 1970 дар вақти муайяншуда ба анҷом нарасидаанд [40, в.13-14].

**Ҷадвал 4. –Иншооти солҳои 1969-1970 ба истифода додашуда:**

| Номи иншоот | Оғоз шуд | Нархи смета (ҳазор рубл) | Муддати ба истифода додан | Ба истифода дода шуд |
|---|---|---|---|---|
| Сехи мебел (50 ҷой) | X-1968 | 76,220 | кв. II-1969 | II-1970 |
| Хонаи истиқоматии дорои 32 ҳуҷра | XI-1968 | 217,96 | кв. IV-1969 | УП-1970 |
| Боғчаи бачагона бо 140 ҷой | XI-1968 | 204,5 | кв. II-1969 | III-1970 |
| Амбор барои поруи минералӣ (200 т.) | IV-1968 | 19,6 | кв. IV-1969 | VIII-1970 |

**Ҷадвал 5. –Мншооти соли 1971 ба истифода додашуда** [40, в.14].

| Номи иншоот | оғоз шуд | Нархи смета (ҳазор рубл) | Муддати ба истифода додан |
|---|---|---|---|
| Фурӯшгоҳи марказӣ барои 24 ҷой | апрели1969 | 230,5 | Семоҳаи III с. 1971 |
| Хатти оби шаҳраки Бӯстон | июли 1970 | 279,1 | Семоҳаи IV с. 1971 |
| Говхонаи совхози ба номи Ленин (барои 400 сар) | майи 1970 | 662,0 | Семоҳаи IV с. 1971 |

Махсусан сохтмони фурӯшгоҳи маркази ноҳия (универмаг), хатти оби нӯшокии шаҳраки Бӯстон, мактаби миёнаи колхози ба номи Карл Маркс барои 960 ҷой сари вақт ба анҷом расонида нашуданд. Сабабҳои пурра иҷро нашудани нақшаро мақомоти дахлдор, пеш аз ҳама дар ташкили нокифояи раванди меҳнат, сатҳи пасти истифодаи техника ва механизмҳо, коэффисенти пасти истеҳсолот ва вақти зиёди бекории коргарон, ки он аз таъминоти номуназзами нақлиёти автомобилӣ ва набудани масолеҳи сохтмонӣ мебинанд. Ғайр аз ин, камбудиҳои ҷиддӣ дар лоиҳакашӣ ва муҳосиботи хароҷоти сохтмонӣ ҷой дошта низ ба раванди кор таъсири манфӣ расониданд [40, в.15].

Масъалаи сустии раванди сохтмон дар дигар бахшҳо низ баръало эҳсос мешуд. Мувофиқи маълумоти бойгонӣ, корҳои бетонрезӣ ва асфалткунӣ низ бо суръати паст идома меёфтанд. Дар санадҳо таъкид мешавад, ки механизмҳои сохтмонӣ бинобар номукаммалии ташкили меҳнат ва дар ҳолати бекорӣ қарор доштани техника низ таъсири амиқ расонидаанд, аз ҷумла иҷрои кор бо экскаваторҳо ҳамагӣ 40-45%-ро ташкил медод [39, в.27].

Вале, новобаста аз чунин камбудию норасоиҳои ҷойдошта дар самтҳои бештар, пеш аз ҳама азхудкунии заминҳои нав, сохтмони низоми обёрӣ, кандани каналҳо, усулҳои гуногун ва навоварӣ дар парвариши пахта ва дигар зироатҳо дар солҳои 70-уми асри гузашта, ноҳия ба комёбиҳои назаррас соҳиб гардидаст.

Аз ҷумла идораи бинокорӣ ва васлгарии №23 дар аввали декабри соли 1970 дар бораи иҷрои супориши панҷсолаи давлатӣ гузориш дод. Дар ин муддат 38 км канал бетонӣ шуда, 24 км каналҳои тақсимкунӣ, 192 км

қубурҳои обёрӣ ва 145 км заҳбурҳо сохта шуданд. Ҳамчунин майдони 1930 гектар замин ҳамвор гардид ва 50 км роҳ бунёд шуд. Ҳамин идора 3450 метри мураббаъ бинои истиқоматӣ, роҳи мошинагард, муассисаи таълими ПТУ-35 ва дигар иншооти совхозтехникуми ба номи Ленинро сохта ба истифода супорид. Умуман, дар давоми «соли 1970 мувофиқи нақша ин идораи сохтмонӣ 2 447 ҳазор рубл маблағи солонаро 100% азхуд намуд. Илова ба ин муасиса як хобгоҳи дорои 250 ҷойро барои омӯзишгоҳи хоҷагии кишоварзӣ ба истифода дод» [40, в.15].

Солҳои 1970-1974 дар марҳалаи дуюми обёрикунии дашти Дилварзин 3 ҳазор гектар замини нав ба кишт омада карда шуд. Дар ин замина, тибқи маълумоти бойгонӣ, майдони умумии кишти зироатҳо ҳамасола меафзуд: «агар дар соли 1970 он 21 745 гектарро ташкил медод, пас соли 1971-21923 гектар, соли 1972 -22 617 гектар ва дар соли 1973 ба 23 565 гектар расонида шуд. Ҳамчунин дар ин муддат 648 гектар заминҳои ташналаб ва партов ба гардиши кишоварзӣ ҷалб гардиданд ва дар 973 гектар замин корҳои ҳамворсозии агротехникӣ гузаронида шуданд» [41, в.4].

Умуман, солҳои 1970-1974 дар дашти Дилварзин истифодаи усулҳои илман асосёфтаи кишоварзӣ, аз ҷумла мубориза бо алафҳои бегона ва ҳашароти зараррасон, ҳамчунин корҳои мелиоративӣ, ба таври муассир дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли пахта истифода гардиданд.

Бо мақсади пешгирӣ аз шамолбардорӣ ва талафёбии заминҳои кишоварзӣ, инчунин барои ҳифзи зироатҳои кишоварзӣ аз таъсири заҳрҳои шадид ва бодҳои гарму хушк, дар масоҳати 294 гектар ҷангалзори муҳофизатӣ бунёд карда шуд. Ба туфайли ин ва дигар тадбирҳои агротехникӣ, дар истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ пешравиҳои амиқ ба даст оварда шуданд. Ҷадвали зер аз рушди пайвастаи парвариши зироатҳо дар давоми солҳои 1970-1973 гувоҳӣ медиҳанд.

**Ҷадвали 6. – Истеҳсоли маҳсулот (бо тонна)** [41, в.6].

| Сол | Пахта | Ғалладона | Полезӣ | Мева | Сабзавот |
|---|---|---|---|---|---|
| 1970 | 29 119 | 3 370,5 | 341,3 | 1 586,7 | 838,1 |
| 1971 | 28 715 | 1 452,9 | 285,0 | 1 357,1 | 1 660,0 |
| 1972 | 31 120,5 | 1 389,3 | 967,1 | 1 381,0 | 1 265,7 |
| 1973 | 35 323,7 | 3 757,3 | 364,5 | 1 615,4 | 1 871,6 |

Барои рушди устувори соҳаи чорводорӣ низ мақомоти иҷроия диққат дода, барои беҳтар намудани кори селексионерӣ, баланд бардоштани сатҳи механизатсия ва электриконии фермаҳои чорводорӣ, боло бурдани тахассуси кормандони байторӣ ва чорводорон тадбирҳои иловагӣ андешиданд. Яке аз вазифаҳои асосӣ таъмини пойгоҳи устувори хӯроки чорво ба шумор мерафт. Раванди рушди соҳаи чорводории ноҳияро метавон дар ҷадвали зер мушоҳида намуд:

**Ҷадвали 7. Афзоиши саршумори чорвои калони шохдор ва моли майда** [41, в.5].

| Сол | Чорвои калони зотӣ | Шумораи умумии чорво | Аз ҷумла, чорвои майда |
|---|---|---|---|
| 1970 | 6 803 | 42 315 | 28 995 |
| 1971 | 7 146 | 44 890 | 30 027 |
| 1972 | 7 665 | 48 258 | 31 500 |
| 1973 | 8 052 | 47 363 | 37 683 |
| 1974 | 8 471 | 68 646 | 38 586 |

**Ҷадвали 8. – Маълумоти оморӣ оид ба чорводорӣ ва паррандапарварӣ (1970-1973)** [41, в.5].

| Нишондиҳанда | Воҳиди ченак | 1970 | 1971 | 1972 | 1973 |
|---|---|---|---|---|---|
| Чорвои калони шохдор | сар | 6 803 | 7 146 | 7 665 | 8 052 |
| Аз ҷумла, модагов | сар | 1 980 | 2 061 | 2 156 | 2 287 |
| Гӯсфанд ва буз | сар | 45 257 | 48 258 | 47 913 | 50 823 |
| Парранда | сар | 21 869 | 20 705 | 19 445 | 19 053 |
| Аз ҷумла, мурғи тухмдиҳанда | сар | 16 106 | 12 478 | 13 947 | 14 912 |
| Асп | сар | 283 | 279 | 234 | 250 |
| Ҳосилнокии таввалуд - чорвои калони шохдор | сар | 66 | 73 | 82 | 79 |
| Ҳосилнокии таввалуд - гӯсфанду буз | сар | 86 | 83 | 75 | 92 |
| Миқдори солонаи шир аз як модагов | кг | 1 296 | 1 451 | 1 520 | 1 672 |
| Миқдори пашм аз як гӯсфанд | кг | 1,4 | 1,33 | 1,3 | 1,53 |

Таҳлили рақамҳои оморӣ нишон медиҳад, ки солҳои 1970-1973 чорводорӣ ва паррандапарварӣ дар ноҳия як раванди муназзами рушдро

соҳиб гардидааст. Аз ҷумла шумораи чорвои калони шохдор аз 6 803 сар дар соли 1970 то 8 052 сар дар соли 1973 афзоиш ёфтааст, шумораи модаговҳо, ки нишондиҳандаи муҳим барои истеҳсоли шир ва гӯшти босифат мебошад, аз 1 980 сар ба 2 287 сар расида, шумораи гӯсфанд аз 45 257 сар дар соли 1970 ба 50 823 сар дар соли 1973 расидааст.

Сатҳи наслгирӣ аз чорвои калони шохдор ва гӯсфанду бузҳо, ки нишондиҳандаи асосии самаранокии зотпарварӣ мебошад, дар ин давра беҳтар шуд. Масалан, раванди наслгирии чорвои калони шохдор аз 66 сар дар соли 1970 ба 79 сар дар соли 1973 расид, ки ин нишондоди хуби усули зотпарварӣ мебошад.

Дар колхозҳои ба номи Калинин, Куйбишев, Орҷоникидзе, Карл Маркс ва Жданов нуқтаҳои намунавии бордоркунии сунъии модаговҳо сохта шуданд. Дар як қатор хоҷагиҳо, аз ҷумла дар колхозҳои ба номи Куйбишев, Орҷоникидзе, «Комсомол», Карл Маркс, Жданов, инчунин дар совхоз-техникуми ба номи В.И. Ленин ва совхози «Правда» саройҳои механиконидашудаи намунавии чорводорӣ бунёд ёфтанд. Ин саройҳо бо таҷҳизоти тақсимоти худкори хӯрок, дастгоҳҳои кашондани пору ва агрегатҳои доиш муҷаҳҳаз гардонида шуда буданд.

Дар соҳаи чорводорӣ сол ба сол шумораи мутахассисони дорои маълумоти миёна ва олии касбӣ зиёд мегардид. Соли 1974 дар хоҷагиҳо 6 300 техник, 16 байтор бо маълумоти миёна, 15 зоотехник ва 12 байтор бо маълумоти олии касбӣ фаъолият менамуданд [41, в.8]. Чорводорони ноҳия соли 1978 267 тонна гӯшт, 245 тонна шир, 231 ҳазор дона тухм ба даст овардаанд [149, 2].

**Ҷадвали 9. – Нақшаи захира ва омодасозии хӯроки чорво** [41, в.9].

| Намуди хӯрок | 1970 | 1971 | 1972 | 1973 |
|---|---|---|---|---|
| Хӯроки ноҳамвор (ҷамъ) | 14 476 | 16 760 | 21 790 | 23 695 |
| Хошок | 9 333,4 | 10 298 | 14 700 | 12 656 |
| Коҳ | 5 137,6 | 6 085 | 2 593 | 5 245 |
| Сабзавоти хӯрокӣ | 600 | 74 | 5 799 | 14 653 |
| Ғизоҳои решадор | 4 280 | 5 130 | 659 | 1 142 |

Таҳлил ва муқоисаҳои рақамҳои оморӣ доир ба рушди соҳаи чорводорӣ, рафти омода намудани хӯроки чорво дар ноҳия, барзиёд иҷро шудани нақшаҳои солона ва панҷсолаи рушд ва дигар дастовардҳо дар хоҷагиҳои алоҳидаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳанд. Аз ҷумла, «дар байни онҳо механизаторони соҳибтаҷриба ва фаъол аз колхозҳои ба номи Карл Маркс, Куйбишев, Ленин, Комсомол, Жданов, Калинин, Зарафшон, Ордҷоникидзе ва ҳамчунин совхозҳои ба номи Ленин ва «Правда» мебошанд. Аз колхози ба номи Карл Маркс Ҷумаев Ҷ. ва Байзоков Қ., аз колхози ба номи Куйбишев Зарифов З. ва Шоимардонов Р., аз колхози ба номи Ленин Акбаров А. ва Рашидов Н., аз колхози «Комсомол» Ниёзов Н. ва Боев Д., аз колхози ба номи Жданов Шарифов Ш. ва Самиев Ҷ., аз колхози ба номи Калинин Саидов С. ва Саидбеков С., аз колхози «Зарафшон» Сафаров С. ва Хӯҷаев Н., инчунин аз совхози ба номи Ленин Тошбоев Б. ва Ниёзов Ҷ., аз совхози «Правда» Мирзоев З. ва Гулов Ҷ. дар корҳои ҷамъоварии пахта ва иҷрои уҳдадориҳои худ аз зумраи пешқадамон буданд» [33, в.9].

Мақомоти давлатӣ ҳамзамон ба рушди соҳаи обёрӣ аҳаммияти ҷиддӣ медод. Аз ҷумла, дар канали мошинии Дилварзин 2 350 метри мукааб бетонрезӣ анҷом дода шуда, дар қисми асосии канали болои Дилварзин рӯйпӯшкунии асфалту бетон дар масоҳати 5990 метри мураббаъ татбиқ гардид, ки арзиши умумии ин корҳои сохтмонӣ 152 909 рублро ташкил додааст [39, в.26].

Ҳамзамон, дар каналҳои мошинӣ ЯМ-1 ва ЯМ-2 дар маҷмӯъ 9564 метр хати қубурии тақсимкунандаи зичкардашуда гузаронида шуд. Дар маҷмӯъ 57564 метри ҷории қубурҳо аз 103 километр, ки дар лоиҳа пешбинӣ гардида буданд, насб гардиданд ва 258 адад обгузар сохта шуд. Бо вуҷуди ҳаҷми бузурги корҳо, иҷрои нақшаи умумии сохтмонӣ-монтажӣ танҳо 76%-ро ташкил дод (аз 3614 ҳазор рубл 2748,1 ҳазор рубл иҷро гардид) [39, в.27].

Дар ҳамин сол чорводорони вилоят нақшаи истеҳсоли маҳсулоти чорво ва гӯштро пурра ва барзиёд иҷро карданд, ки ноҳияи Масчоҳ дар қатори дигар ноҳияҳои вилоят яке аз пешсафон маҳсуб меёфт [42, в.23].

Яке аз роҳҳои муҳимми зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагӣ ин рушди кишти ҷуворимакка барои дони он ба ҳисоб мерафт. Бо ҳамин мақсад, соли 1980 дар хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Ленинобод дар майдони 4264 гектар кишти ҷуворимакка гузаронида шуд. Бо вуҷуди ин, бар асари камобӣ ва пеш аз ҳама бепарвоии баъзе роҳбарон ва мутахассисон, танҳо дар 3 355 гектар ҳосил ҷамъоварӣ гардид.

Мувофиқи маълумоти оморӣ, «ҳосилнокии миёнаи ҷуворимакка дар миқёси вилоят 44,9 сентнерро дар ҳамин давра ташкил дод. Аммо дар як қатор ноҳияҳо, аз ҷумла Зафаробод, Ғончӣ, Ашт ва Хуҷанд, ин нишондиҳанда хеле паст буда, аз 22,8 то 34,7 сентнерро ташкил медод» [42, в.40]. Вале ноҳияи Масчоҳ нисбат ба аксари ноҳияҳои вилоят ҳосилнокии баландтари ин навъи зироатро ба даст оварда, аз ҳар гектар 23,4 сентнер ҷуворимакка ҷамъоварӣ намуд [42, в.40].

Дар як шароити иқлимӣ ва истеҳсолии монанд, ҳосилнокии зироатҳои хӯроки чорво дар ноҳияҳои гуногуни вилоят яксон набуд. Масалан, агар мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 1980 аз ҳар гектар, ба ҳисоби миёна, 279,1 сентнер баргу пояи сабзи ҷуворимакка гирифта шуда буд. Дар ноҳияҳои Зафаробод, Ашт ва Нов танҳо 108 то 154 сентнер ҳосил ҷамъоварӣ гардид. Дар колхозҳои ба номи Калинин ва ба номи Дмитрови ноҳияи Нов - 33 то 91,5 сентнер, дар колхозҳои ба номи Жданов ва «Комсомол»-и ноҳияи Масчоҳ – 137-139 сентнер ва дар колхозҳои ба номи Рӯдакӣ ва «Зарафшон»-и ноҳияи Панҷакент – 126-159 сентнер ҳосил ба даст оварда шуд [42, в.40-41].

Ҳамчунин, ҳосилнокии юнучқаи хӯроки чорво низ дар ноҳияҳо фарқ мекард. Дар ҳоле ки ҳосили миёна дар «вилоят 255,4 сентнерро ташкил медод, дар ноҳияҳои Ашт, Конибодом, Ӯротеппа ва Панҷакент ин нишондод дар ҳудуди 123 то 166,9 сентнер буд. Дар колхози ба номи Сатторов (ноҳияи Нов) ва колхозҳои «Москва» ва «Съезди XXII партия» (ноҳияи Пролетар) аз 80 то 175 сентнер, дар колхозҳои «Коммунизм» ва «Ленинград»- и ноҳияи Конибодом аз 63 то 100 сентнер ва дар совхозҳои Навоӣ» ва ба номи

Свердлови ноҳияи Ғончӣ аз 100 то 115 сентнер ҳосили хӯроки чорво рӯёнда шуданд» [42, в.41].

Ин фарқиятҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз шароити умумӣ, омилҳои ташкилии дохилӣ, таҷриба ва масъулияти мутахассисон ва роҳбарият, инчунин татбиқи тадбирҳои агротехникӣ ба сатҳи ниҳоии ҳосилнокӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши таҷрибаи хоҷагиҳои пешқадам ва андешидани чораҳои муассир ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли зироатҳои хӯроки чорво бештар эҳсос мешуд.

Дар баробари ин, афзоиши истеҳсоли дигар маҳсулоти кишоварзӣ низ ба мушоҳида мерасид. Ба ҳисоби миёна, дар муқоиса бо панҷсолаи нӯҳум ҳаҷми солонаи «истеҳсоли ғалладона 39 ҳазор тонна, тамоку 1,5 ҳазор тонна, сабзавот 27,1 ҳазор тонна, маҳсулоти полезӣ 4,6 ҳазор тонна, мева 3,3 ҳазор тонна, ангур 22,3 ҳазор тонна, гӯшт 6,3 ҳазор тонна, шир 23,9 ҳазор тонна, тухм 49,4 миллион дона ва пилла 270 тонна зиёд шудааст» [42, в.45-46].

Ҳамин давра тибқи маълумоти оморӣ ва муқоисаи натиҷаҳои охири солҳои 70 - ибтидои солҳои 1980 нишон медиҳанд, ки вилояти Ленинобод дар соҳаи кишоварзӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада аз ду ҷиҳат арзишманд буданд: аввалан, онҳо сатҳи баланди иҷрои нақшаҳои давлатӣ ва барзиёдсупории маҳсулотро нишон медоданд; сониян, дар заминаи афзоиши иқтидори техникӣ ва такмили усулҳои агротехникӣ, рушди устувори соҳаро таъмин менамуданд.

Дар панҷсолаи даҳум, танҳо ҳаҷми супоридани пахта дар вилоят 263 ҳазор тонна ташкил дод, ки дар таърихи пахтакории минтақа дастоварди бузург арзёбӣ мешавад. Махсусан, соли 1980, ки соли ҷамъбастии панҷсолаи даҳум ба ҳисоб мерафт, тамоми ноҳияҳои пахтакори вилоят, ба истиснои ноҳияи Ашт, нақша ва уҳдадориҳои худро пурра ва бо барзиёд иҷро карданд. Саҳми «ноҳияҳои Масчоҳ, Хуҷанд ва Пролетар (ҳоло Ҷаббор Расулов) дар ин муваффақиятҳо бештар арзёбӣ мегардад, ки ҳар кадом аз 47,2 то 54,2 ҳазор тонна пахта истеҳсол ва таҳвил намуданд. Ноҳияи Масчоҳ, дар ду соли охири

панҷсола, мавқеи аввалро ишғол карда, дар маҷмӯъ зиёда аз 232 ҳазор тонна пахта ба давлат супорид» [42, в.47].

**Ҷадвалӣ 10. – Нишондиҳандаҳои асосии маҳсулоти кишоварзии вилояти Ленинобод дар соли 1980***




Афзудани нишондиҳандаҳои истеҳсоли дигар навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ низ собит месозад, ки рушди соҳа танҳо ба соҳаи пахтакорӣ маҳдуд набудааст. Дар соли 1980, дар ҳудуди «вилоят 55,2 ҳазор тонна ғалладона, 15,7 ҳазор тонна картошка, 87,5 ҳазор тонна сабзавот, 11,8 ҳазор тонна маҳсулоти полизӣ, 48,8 ҳазор тонна навъҳои гуногуни мева, 54,9 ҳазор тонна ангур, 26,4 ҳазор тонна гӯшт, зиёда аз 78 ҳазор тонна шир, 99,9 миллион дона тухм, 4,5 ҳазор тонна пашм ва 17.7 тонна пилла истеҳсол гардид» [42, в.46-47]. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят хусусияти мутавозин ва ҳамаҷониба пайдо кардааст.

Маълумоти оморӣ ва таҳлили воқеияти истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Ленинобод гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии

* Ҷадвал дар асоси ҳуҷҷатҳои Бойгонии давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон (фонди 51, номгӯи 16, бастаи 61) таҳия гардидааст.

қишлоқ сол ба сол рӯ ба афзоиш ниҳода, нишондиҳандаҳои соҳа дар солҳои аввали панҷсолаи ёздаҳум низ тамоюли мусбати рушдро нигоҳ доштаанд.

Махсусан, соли 1983 кормандони хоҷагии қишлоқ ӯҳдадор гардиданд, ки ба давлат «244 ҳазор тонна пахта, 28 ҳазор тонна ғалла, 100 ҳазор тонна сабзавот, 54,7 ҳазор тонна мева, 72 ҳазор тонна ангур, 27,7 ҳазор тонна гӯшт, 83850 тонна шир ва 1233 миллион дона тухм таҳвил намоянд» [42, в.122].

Ҳаҷму таркиби ин вазифаҳо аз як тараф гувоҳи афзоиши имкониятҳои истеҳсолӣ ва неруи иқтисодии вилоят буда, аз ҷониби дигар, сатҳи баланди масъулият, ташкили самараноки меҳнат ва ҷалби ҳамаҷонибаи захираҳои моддӣ, техникӣ ва инсонӣ талаб мекунад. Ин ӯҳдадориҳо, бо вуҷуди мураккаб ва серҷабҳа буданашон, бо шарти истифодаи дурусти таҷриба, роҳандозии механиконии босифат, корбурди усулҳои пешқадами агротехникӣ ва ғайрати меҳнаткашони деҳот иҷрошаванда арзёбӣ мегарданд. Ба ҳамин тартиб, нақшаҳои истеҳсолии соли 1983 пайванди мантиқии муваффақиятҳои панҷсолаи даҳум ва марҳилаи нави рушди хоҷагии кишлоқ ба шумор рафта, шароити мусоиди амалисозии барномаҳои стратегиро фароҳам месохтанд.

Ҳамин тавр, таҳлили рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи тозатаъсиси Масчоҳ дар давоми сӣ соли мавҷудияти ҷомеаи шуравӣ (солҳои 1955-1985) нишон медиҳад, ки дар муддат ноҳия аз як мавзеи заминҳои бекорхобида ва дар натиҷаи муҳоҷирати аҳолии манотиқи кӯҳӣ ба макони зист табдил ёфта, ба яке аз минтақаҳои пешрафтаи ҷумҳурӣ ва вилоят табдил ёфта, унвони яке аз ноҳияҳои асосии кишоварзӣ, махсусан пахтакориро соҳиб гардид. Пешрафти иқтисодию иҷтимоии ноҳия зина ба зина таҳти роҳбарии мақомоти ҳизбию шуравии ҷумҳурӣ, маблағгузории пайваста афзояндаи давлатӣ ва, албатта меҳнату заҳмати сокинони ноҳия ба даст омадааст. Раванди рушди ноҳия ва некуаҳволии аҳолии он, тараққиёти ҳама соҳаҳои кишоварзӣ дар ноҳия ба таври муназзам то миёнаи солҳои 1980 мушоҳида мешавад. Аммо бо оғози бозсозии горбачёвӣ, тадриҷан суст гардидани робитаҳои иқтисодӣ, халалдор шудани низоми ташаккулёфтаи идоракунии

соҳаҳои хоҷагии халқ низоми танзимшудаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия халалдор гардид. Зери шиори ошкорбаёнию гуногунандешӣ, ҳаргуна бозиҳои сиёсии «демократӣ» дастовардҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва, инчунин дурустию нодурустии муҳоҷирсозии аҳолии минтақаи Кӯҳистони Масчоҳ зери шубҳа гирифта шуданд. Ин ҳаводиси ба миён омада, монеаи асосии идомаи рушди ноҳия ва раванди беҳтаршавии шароити зиндагии сокинони он дар нимаи дуюми солҳои 80-аввали солҳои 90-уми асри гузашта гардиданд.

## 2.2. Ҳаёти ҷамъиятию фарҳангии Масчоҳ дар замони шуравӣ

Ҳангоми пажӯҳиши мавзуъ набояд аз мадди назар дур намуд, ки давраи пасазҷангии тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ (1947-1985) ҳамчун як марҳалаи нисбатан муҳим дар рушди ҶШС Тоҷикистон нақши хеле муассирро соҳиб мебошад. Зеро маҳз дар ҳамин давра раванди суръати рушди ҷумҳурӣ вусъати тоза пайдо намуда, ҷумҳурӣ тадриҷан аз минтақаи комилан аграрӣ ба як минтақаи пешрафтаи саноатию аграрии Иттиҳоди Шуравӣ табдил ёфт. Таҳаввулоти иқтисодии бамиёномада имкон дод, ки дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҳама ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияи навташкили Масчоҳ тағйироти назаррас ба амал ояд. Ин давра ибтидои марҳалаи нави ташаккул ва рушди ҳаёти ҷамъиятию маъмурӣ ва фарҳангию маърифатӣ барои сокинони ин ноҳияи навташкил гардид. Пас аз ташкил ёфтани ноҳия ҳамчун воҳиди алоҳидаи маъмурӣ (27 ноябри соли 1956) ва азхудкунии заминҳои бекорхобида, инчунин муҳоҷир намудани сокинони минтақаи кӯҳистон дар ин ҷо бунёди аввалин муассисаҳои ҳизбию давлатӣ, идорию маъмурӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, саросар ҷалб намудани омма ба ҳаёти сиёсиву ҷамъиятӣ оғоз ёфта, зина ба зина симои минтақаи навбунёд дигаргун гардид.

Бо дарназардошти ҳадафҳои идеологӣ ва сиёсати фарҳангии Давлати Шуравӣ, дар ноҳия равандҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар доираи меъёрҳои муқарраршуда ташкил ва ҳамоҳанг шуда, ба ташаккули муҳити нави иҷтимоӣ мусоидат карданд. Ин равандҳо натанҳо ба зинаҳои маорифу фарҳанг, балки

ба шуури омма, шаклгирии муҳити ҳунарӣ ва ҳаёти маънавии мардуми Масчоҳ низ таъсири амиқ расониданд.

**Ташаккул ва рушди низоми маорифи халқи ноҳия**

Мақомоти олии ҳизбӣ ва давлатӣ дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ба рушди соҳаи маориф низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамуд. Ин раванд дар ноҳияи Масчоҳ низ равшан мушоҳида мегардад.

Пеш аз муҳоҷирати сокинони кӯҳистони Масчоҳ дар солҳои 1954-1955, дар ноҳия иншооти таълимии зерин мавҷуд буданд: «1 мактаби миёна, 21 мактаби 7-сола ва 21 мактаби ибтидоӣ. Дар ин муассисаҳои таълимӣ 2 772 нафар хонанда таҳсил мекарданд, ки аз ин шумора 1734 нафарашон духтарон буданд. Дар ноҳия ҳамчунин 3 мактаби махсус барои ҷавонони деҳот амал мекард, ки дар онҳо 190 нафар хонандагон таҳсил доштанд» [49, в.5].

Дар ин сол «шумораи умумии омӯзгорони ноҳия 190 нафарро ташкил медод, ки аз онҳо 5 нафар маълумоти олии пурра, 31 нафар маълумоти олии нотамом, 146 нафар маълумоти миёна ва 8 нафар маълумоти 7-сола доштанд» [49, в.5-6]. Ин омор аз он шаҳодад медиҳад, ки аксарияти муаллимони ноҳия дорои маълумоти миёна буданд, ки нишондиҳандаи маъмул барои он замон мебошад.

Рушди низоми маорифи халқи ноҳияи Масчоҳ аз дигар ноҳияҳо бо он фарқ менамуд, ки пас аз муҳоҷир намудани аҳолӣ аз минтақаи кӯҳӣ ба мавзеи беодам ва заминҳои нав азхудшуда, зарур омад, ки пойгоҳи моддию техникӣ ва ҳатто низоми идоракунии маориф аз ибтидо оғоз ёбад. Баробари муҳоҷиршавии аҳолӣ тадриҷан муассисаҳои таълимӣ низ ба мавзеи нав кӯчонида шуданд. Соли дуюми муҳоҷират, яъне соли 1957 алакай дар «ноҳияи нави Масчоҳ 13 мактаби ибтидоӣ, 30 мактаби ҳафтсола ва 6 мактаби миёна, ки дар онҳо 6 500 нафар хонадагон таҳсил мекарданд, фаъолият менамуданд» [66, 320]. Ин маълумот аз тадриҷан инкишоф ёфтани соҳаи маориф дар ноҳия гувоҳӣ медиҳад. Агар то он замон дар ноҳия танҳо 2 мактаби миёна ва 36 мактаби ҳафтсола мавҷуд буд ва ҳамагӣ 4 000 нафар хонанда таҳсил мекарданд, соли 1975 шумораи муассисаҳои таълимии ноҳия

ба 13 мактаби миёна ва 21 мактаби ҳаштсола расида, теъдоди хонандагон то ба 14 502 нафар афзуд [152, 3].

Соли таҳсили1958/59 дар ноҳия 43 мактаб бо 489 синф фаъолият доштанд, ки дар он 6 545 хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд. Вале аз 43 мактаби мавҷуда, танҳо се мактаби миёна қисман бо асбобу анҷоми таълимӣ ва аёнӣ таъмин буданд. Дар мактабҳои боқимонда маводи таълимӣ барои фанҳои табиатшиносӣ ва гуманитарӣ қариб мавҷуд набуд [46, в.1]. Дар ҳамин соли хониш, 552 нафар хонандагон таҳсилро дар мактабҳои ноҳия тарк карданд, ки аз онҳо 97 нафар духтарон буданд [46, в.7]. Сабабҳои тарки таҳсил намудани хонандагон асосан аз ҳудуди ноҳия баромадан (367 н.), бемории дарозмуддат ва фавт (8 н.), даъват ба сафи артиш (15 н.), набудани нақлиёт барои бачагон (42 н.) ва сабабҳои дигар (120 н.) иборат буданд.

Соли таҳсили 1958/59 дар ноҳия ҳамагӣ 417 нафар омӯзгорон фаъолият доштанд, ки 66 нафаршон дорои маълумоти олӣ, 99 нафар маълумоти олии нопурра, 243 нафар маълумоти миёнаи педагогӣ, 6 нафар дорои маълумоти миёнаи нопурра буданд [46, в.20]. Ин нишон медиҳад, ки сафи омӯзгорони соҳиби таҳсилоти касбӣ низ рӯй ба пешравӣ ниҳодааст. Агар, соли 1956 аз 191 муаллим танҳо 6 нафар дорои маълумоти олии педагогӣ буданд, соли таҳсили 1964/65 аз 374 муаллимон, 110 нафар дорои маълумоти олӣ, 81 нафар олии нопурра, 123 нафар таҳсилоти миёнаи педагогӣ ва 60 нафар дорои маълумоти миёна буданд [43, в.2]. То соли 1975 шумораи умумии муаллимон дар ноҳия ба 816 нафар расид, ки аз ин шумора 360 нафар маълумоти олии пурра, 81 нафар маълумоти олии нопурра доштанд ва 154 нафари дигар дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғоибона таҳсил мекарданд [152, 3].

Самари кори омӯзгорон буд, ки соли 1965 94 нафар хатмкардагони муссисаҳои таълимии ноҳия ба донишгоҳу донишкадҳои олӣ ва омӯзишгоҳҳои касбии кишвар қабул гаштанд. Дар тарбияи онҳо омӯзгорони соҳибтаҷрибаи ноҳия, аз ҷумла «Х.Нодиров, М.Неъматов, Ҳ.Боқиев, Р.Ғуфронов, Б.Одинаев, А.Азимов, Б.Шомуродов, Қ.Иноятов, С.Мирзоев,

А.Раҳматов, В.Н. Френев, Т.С.Марковкин, С. Шаропова, М. Сиддиқова ва Ҳ.Эшонқулов саҳми бориз гузоштанд» [45, в.3].

Соли 1974 шуъбаи маорифи ноҳия дар натиҷаи беҳтар гардидани таъминот бо кадрҳои педагогӣ, беҳбудии сифати корҳои таълиму тарбия ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Дар 37 мактаби таҳсилоти миёна ва ҳаштсолаи ноҳия 730 нафар омӯзгор фаъолият мекарданд. Аз ин шумора, 390 нафар дорои маълумоти олӣ ва нопурраи олӣ буда, 157 нафари дигар маълумоти миёнаи педагогӣ доштанд [44, в.8].

Бо вуҷуди пешравиҳои ба дастомада, мактабҳои миёнаи ноҳия аз як қатор камбудиҳо низ ранҷ мекашиданд. Аз ҷумла, «биноҳои таълимии мактабҳои ҳаштсолаи №12, 18, 19, 20, 23 ва 24 ба талаботи меъёрии сохтмонии муассисаҳои таълимӣ ҷавобгӯ набуданд» [44, в.9]. Пойгоҳи моддӣ-техникии ин мактабҳо дар ҳолати ниҳоят ногувор қарор дошт. Синфхонаҳои таълими меҳнат бо таҷҳизоту ашёҳои зарурии фаннҳои челонгарӣ ва чӯбкорӣ таъмин набуданд. Инчунин, дар фаъолияти китобхонаҳои мактабӣ камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доштанд. Баъзе аз мактабҳо умуман китобхона надоштанд, ки ин ба сатҳу сифати таълиму тарбияи хонандагон таъсири манфӣ мерасонид [44, в.9].

Дар як қатор мактабҳо сатҳи дониши хонандагон ба талаботи нақшаи таълимӣ ҷавобгӯ набуд. Дар соли таҳсили 1973/74 241 нафар хонанда натавонистанд барномаи таълимиро пурра аз худ намоянд ва бинобар ин, такроран дар синфҳои худ монданд. Яке аз сабабҳои асосии паст будани сатҳи дониши хонандагон ба набудани таъминоти кофии китобҳои дарсӣ алоқаманд мебошад. Як қисми хонандагони «мактабҳои миёнаи №2, 3, 4, 5, 6, 8, 9, 10, 11, 13 ва дигарон аз бемасъулиятии маъмурияти муассисаҳои таълимии ноҳия бо китобҳои дарсӣ таъмин нагардиданд» [44, в.11]. Аз ҷумла, онҳо ба китобҳои дарсии забони модарӣ, забони русӣ, математика, биология, физика ва ғайра дастрасӣ надоштанд. Ин ҳолат ба азхуд намудани барномаи таълимӣ аз ҷониби хонандагон таъсири манфӣ расонид. Аз ҷониби дигар, дар бисёре аз мактабҳои миёна ҳолати бесабаб ба дарс ҳозир

нашудани хонандагон низ ба мушоҳида мерасид. Ин масъала, ки бо назорати нокифояи маъмурияти мактаб ва сустии робитаи он бо волидайн алоқаманд буд, ба раванди таълим халали ҷиддӣ ворид мекард [44, в.11].

Новобаста аз ин норасоиҳо, шумораи зиёди хатмкардагони муассисаҳои таълимии ноҳия ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмии ҷумҳурӣ фаъолият менамуданд. Аз ҷумла, чеҳраҳои шинохтаи ҷумҳурӣ, ба монанди «Карим Абдулов, Мирзомуҳаммад Аҳмадов, Асрор Арбобов, Файзиҷон Зикриёев, Ҳаким Қурбонов, Мардон Неъматов ва Хол Сангинов» [152, 3] аз зумраи чунин хатмкардагони ҳамон солҳо ба шумор меравад.

Аз миёни омӯзгорони ноҳия низ ашхоси барӯманде чун С.Азизов, Т.Саидов ва Х. Умаров бо хизмати арзишманди худ дар самти тарбияи насли наврас бо унвони ифтихории «Муаллими хизматнишондодаи мактаби ҶШС Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуданд. Ғайр аз ин, ду нафар омӯзгор бо нишони «Аълочии маорифи ИҶШС» ва 35 нафари дигар бо нишони «Аълочии маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон» қадрдонӣ гардиданд [152, 3]. Омӯзгорони шинохтаи ноҳия, аз ҷумла М. Азимов, Н.Хоҷиев, С.Муҳаммадиев, Ю. Абдуллоев, Н.Охматова, Л. Сафарова ва М. Арчинбоева бо садоқати касбӣ ва фаъолияти намунавии худ миёни ҷомеаи омӯзгорон ва заҳматкашони ноҳия соҳиби эҳтироми хос гардиданд. Ин шахсиятҳо, илова бар кори таълиму тарбия, дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии ноҳия, аз ҷумла дар ташвиқу тарғиби сиёсати давлатӣ миёни заҳматкашон низ фаъолона ширкат меварзиданд.

Падидаи ҷолиб ин аст, ки тадриҷан дар қатори омӯзгорони мард, садҳо духтарону бонувон ҳанӯз аз давраи маъракаи умумииттифоқии «маҳви бесаводӣ» дар ҷараёни густариши таълиму тарбия фаъолона ширкат намуда, дар тарбияи насли наврас саҳми назаррас гузоштанд. Ин омӯзгорон бо фаъолияти худ на танҳо дар баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ, балки дар ташаккули ҷаҳонбинии маънавию ахлоқии аҳли диёр низ нақши муассир бозидаанд. Фаъолияти онҳо далели равшани он аст, ки рушди

маориф дар минтақа танҳо бо заҳмати муштараки мардон ва занон имконпазир гардида, саҳми занон дар ин раванд боиси таҳкими мавқеи иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа гардидааст.

Дар замони шуравӣ, «нахустин намояндагони занони омӯзгори ноҳия, аз ҷумла Ёдгормо Муродова, Ситорамо Мухторова, Муродбегим Сафарова, Иззатмо Азимова, Сабоҳат Нурова, Ояҷон Шарифова, Раъно Муродова, Сарвармо Давлатова, Дилрабо Сафарова, Сурайё Ёқубова, Шаҳодат Шарифова, Ояҷон Шарифова ва даҳҳо нафари дигар мебошанд, ки баъди хатми мактаб, омӯзишгоҳ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба фаъолияти педагогӣ машғул гардида, дар самти тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас хизматҳои шоиста анҷом додаанд» [159, 7].

Бо ҳадафи омода намудани мутахассисон барои соҳаҳои педагогика, хоҷагии қишлоқ ва дигар бахшҳои хоҷагии халқ, ташкилотҳои ҳизбии ноҳия ва кормандони соҳаи маориф корҳои мушаххасро анҷом доданд. Дар натиҷа, соли 1975 495 нафар хатмкардаи мактабҳои миёнаи ноҳияи Масчоҳ дар муассисаҳои таълимии олии ҷумҳурӣ, ҳамчунин дар шаҳрҳои Москва, Днепропетровск, Ленинград ва дигар шаҳрҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба таҳсил фаро гирфта шуда буданд [152, 3]. Ғайр аз ин, 474 нафар ҷавонон дар техникумҳо ва омӯзишгоҳҳои педагогӣ ва тиббии ҷумҳурӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар пайи баррасии доимии масъалаи таҳсили духтарон дар мактабҳои олии касбӣ ва миёнаи махсус дар кумитаи ҳизбию иҷроияи ноҳия, дар зарфи се соли ахир 58 нафар духтарон ба муассисаҳои таълимии касбӣ дохил шуданд. Ин раванд имконият дод, ки сафи муаллимон аз ҳисоби занону духтарон боз ҳам зиёдтар гардида, таъминоти яслию боғчаҳо бо мураббиён ва бемористонҳо бо ҳамшираҳои тиббӣ беҳтар гардад. Танҳо дар давоми 10 сол (1965-1975) аз ҳисоби хатмкардагони мактабҳои ҳаштсола ва миёна зиёда аз 600 нафар мураббиён тайёр карда шуданд.

Роҳбарияти ноҳия дар солҳои охир ба масъалаи интихоб, таъйин ва тарбияи директорон, котибони ташкилотҳои ҳизбӣ ва дигар кадрҳои педагогии мактабҳои миёна ва ҳаштсолаи умумӣ низ диққати ҷиддӣ медод.

Дар 13 мактаби миёнаи ноҳия соли 1975 ва аксарияти мактабҳои ҳаштсола омӯзгорони дорои маълумоти олӣ ва таҷрибаи бойи педагогӣ фаъолият менамуданд. Дар солҳои 1971-1974 аз ҳисоби маблағҳои колхозҳо 2 400 синфхона ва устохонаҳои таълимӣ сохта ва ба истифода дода шуданд. Дар ин самт ташаббуси раёсат ва ташкилоти ҳизбии колхози ба номи Калинин намунаи ибрат буд. Ин хоҷагӣ соли 1973 барои 340 нафар хонандагон бинои нави таълимӣ сохта ба истифода дод [152,3].

Ин пешравиҳо дар соҳаи маориф ва тарбияи кадрҳои баландсифат дар ноҳияи Масчоҳ натиҷаи ғамхории пайвастаи мақомоти ҳизбию давлатӣ буд, ки барои таъмини таълими босифат ва рушди иҷтимоиву фарҳангии ноҳия заминаи устувор фароҳам оварданд. Бо татбиқи нақшаҳои сохтмони мактабҳо ва беҳтар намудани шароити таълимӣ, имконият фароҳам омад, ки сафи омӯзгорон бо кадрҳои соҳибмаълумот ва дорои таҷрибаи хуб афзоиш ёбад.

Пас аз қабули қарори КМ ҲК ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 8 июни соли 1977 дар самти рушди муассисаҳои томактабӣ ва беҳтар намудани сифати таълиму тарбия дар ноҳияи Масчоҳ низ як қатор дигаргуниҳо ба миён омаданд. То соли 1977 дар ноҳия ҳамагӣ 6 муассисаи доимии томактабӣ фаъолият мекард, ки 950 нафар кӯдаконро фаро мегирифт. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда, солҳои 1977-1980 ба ин шумора 3 муассисаи нав илова гардид, ки иқтидори умумии онҳо 280 нафарро ташкил медод. Дар натиҷа, «шумораи умумии муассисаҳои томактабӣ ба 9 адад расид, ки 1185 кӯдакро фаро мегирифтанд» [38, в.25]. Аз ҷумла, «3 муассиса бо 723 кӯдак дар маркази ноҳия (шаҳр) ва 6 муассисаи боқимонда бо 462 нафар кӯдак дар шаҳракҳо ҷойгир буданд» [38, в.25]. Ин нишондод аз афзоиши тадриҷии шабакаи муассисаҳо шаҳодат медиҳанд, вале фарогирии умумии кӯдакон ҳанӯз ҳам дар ҳолати нокифоя боқӣ мемонад.

Вазъи таъмин бо кадрҳои педагогӣ низ ба таври назаррас тағйир ёфт. То соли 1977 дар муассисаҳои томактабии ноҳия 54 нафар корманди педагогӣ фаъолият доштанд, ки аз ин шумора танҳо 3 нафар дорои таҳсилоти олӣ, 24

нафар миёнаи махсус ва 27 нафар дорои маълумоти умумии миёна буданд. Соли 1980 шумораи умумии «кадрҳои педагогӣ ба 67 нафар расид, ки аз онҳо 5 нафар дорои маълумоти олӣ, 42 нафар бо маълумоти миёнаи махсус ва 20 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ буданд» [38, в.25]. Аз 9 муассисаи мавҷуда 3 муассиса дар тобеияти Вазорати маориф қарор дошт, ки ҳамагӣ 578 нафар кӯдаконро фаро мегирифт, идораи хоҷагии қишлоқ 4 муассисаро бо 378 кӯдак ва ду муассисаи дигар, ки тобеи сохторҳои соҳавӣ буданд 280 кӯдакро дар бар мегирифтанд [38, в.25].

Дараҷаи фарогирии кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ миёни сокинони шаҳрак ва деҳот тафовути назаррас дошт. Аз 12 570 кӯдаки синни томактабӣ дар ноҳия, танҳо 1 185 нафар ба муассисаҳо ҷалб шуда буданд, ки 9,4%-ро ташкил медод. Аз ҷумла, дар «маркази ноҳия (шаҳрак) аз 1 919 нафар кӯдаки синни томактабӣ, 723 нафар (37,6%) ва дар деҳот аз 10 651 нафар кӯдак, танҳо 462 нафар (4,3%) ба таълими томактабӣ фаро гирифта шуда буданд» [38, в.25-26].

Барномаи сохтмони муассисаҳои томактабӣ барои солҳои 1977-1979 таъсиси як қатор муассисаҳоро дар колхозу совхозҳо дар назар дошт, аз ҷумла, дар колхози «Комсомол» як муассиса барои 90 ҷой, дар колхози ба номи К. Маркс барои 140 ҷой ва дар колхози ба номи Жданов барои 90 ҷой пешбинӣ гардида буд. Бо вуҷуди ин, сохтмони бинои муассисаи томактабӣ дар шаҳраки Бӯстон, ки аз ҳисоби маблағгузориҳои давлатӣ барои соли 1979 ба нақша гирифта шуда буд, то ба охир дар муҳлати муқарраршуда ба анҷом нарасид.

Ҳамзамон, зарурати таъмини муассисаҳои томактабӣ бо таҷҳизоти зарурӣ, аз ҷумла мебели ҳозиразамон (мизи кӯдакона, курсӣ, ҷевон), таҷҳизоти мулоим (болишт, кӯрпача), лавозимоти варзишӣ (тӯб, курсии гимнастикӣ, лағжишгоҳ), маводи сохтмонӣ ва асбобу таҷҳизоти тиббӣ (тарозуи тиббӣ, сӯзандору, асбоби ченкунии қад ва ғайра) боқӣ монда буд.

Дар шароити мавҷуда муассисаҳои томактабии тобеи колхозу совхозҳо, ба истиснои маҳсулоти ширӣ (творог, панир, сметана) ва карам, аз рӯи

стандартҳои мавҷуда бо маҳсулоти ғизоӣ таъмин мебошанд. Вале низоми расонидани кумаки тиббӣ ба кӯдакон ба таври саривақт ва мунтазам амалӣ намегардад. Муоинаи тиббии кӯдакон, ки бояд соле ду маротиба гузаронида шавад, фақат як маротиба ва танҳо дар баъзе муассисаҳо, аз ҷумла боғчаи рақами 1 дар шаҳракаи Бӯстон, ба роҳ монда шуда буд.

Соли таҳсили 1979/80, 13 нафар кормандони муассисаҳои томактабӣ курси такмили ихтисосро хатм карданд, вале масъалаи омӯзиши таҷриба ва интиқоли таҷрибаи пешқадам ба таври кофӣ амалӣ намегардид [38, 26].

Рушди бо мароми маорифи ноҳия дар нимаи аввали солҳои 80-ум низ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, тибқи маълумотномаи мақомоти идоракунии соҳаи маорифи ноҳия оид ба иҷрои шартҳои мусобиқаи сотсиалистӣ ҷиҳати омодасозии беҳтарини мактабҳо ва дигар муассисаҳои маорифи халқ ба соли таҳсили 1980/81 дар ноҳия 35 мактаби таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла 21 мактаби ҳаштсола ва 14 мактаби миёна мавҷуд буданд. Дар ин муассисаҳо 16 551 нафар хонанда таҳсил мекарданд, ки иҷрои 100% нақшаро таъмин менамуд [37, в.46].

Муассисаҳои таълимӣ дар заминаи татбиқӣ қарорҳои Анҷумани XXV ҲКИШ ва Анҷумани XVIII ҲК Тоҷикистон, муқаррароти Конститутсияи нави Иттиҳоди Шуравӣ (1977) ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон (1978) оид ба маорифи халқ, инчунин қарорҳои КМ ҲКИШ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС «Дар бораи такмили минбаъдаи таълим, тарбияи хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва омодасозии онҳо ба меҳнат», «Дар бораи гузариш ба истифодаи ройгони китобҳои дарсӣ аз ҷониби хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ», ҳамчунин қарор «Дар бораи беҳтар намудани минбаъдаи кори идеологӣ ва сиёсӣ-тарбиявӣ», қарорҳои пленуми моҳи ноябри соли 1979-и КМ ҲКИШ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа, фаъолият намуда, муассисаҳои таълимии соҳаро барои соли нави таҳсил ва рушди маориф омода намуданд. Нишондиҳандаҳои самти таълими «соли таҳсили 1979/80 дар ноҳия хеле хуб арзёбӣ гардида буданд. Аз ҷумла, аз 16 097 нафар хонанда танҳо 60 нафар (дар муқоиса бо 164 нафар дар соли 1979)

барномаи таълимиро азхуд накарданд, ки сатҳи умумии азхудкунии барнома 99,6%-ро ташкил медод» [37, в.46].

Соли 1980 шумораи мактабҳои ноҳия ба 35 адад расид. Агар дар соли таҳсили 1974/75 дар муассисаҳои таълимӣ 13 431 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда бошанду ба онҳо 716 омӯзгор дарс мегуфтанд, пас соли 1980 шумораи омӯзгорон ба 924 нафар ва хонандагон ба 16 097 нафар расид. Аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ, шумораи омӯзгорони дорои маълумоти олӣ ба 592 нафар баробар гардид. Соли таҳсили 1974/75 дар ҳамаи мактабҳои ноҳия 120 кабинет ва 41 устохонаи таълимӣ фаъол буданд, ки ин рақамҳо дар соли 1980 то ба 224 кабинет ва 51 устохонаи таълимӣ афзоиш ёфтанд. Аз шумораи умумии 924 омӯзгор дар соли 1980, 241 нафар занону духтарон буданд, ки дар муқоиса бо соли 1974/75, ки шумораи онҳо 110 нафар буд, афзоиши назаррасро нишон медиҳад [160, 2].

Ибтидои солҳои 80-ум муассисаҳои таълимии ноҳия дорои пойгоҳи хуби моддию таълимӣ буданд ва танҳо дар давоми 9 моҳи соли 1980 ба маблағи 41,1 ҳазор рубл воситаҳои таълимии аёнӣ харидорӣ шуд, ки ин 77,9% нақшаи солонаро ташкил медод. Ҳамзамон, фонди китобхонаҳои мактабӣ бо китобҳои дарсӣ, адабиёти илмӣ-методӣ ва бадеӣ ғанӣ гардонида мешуд, танҳо дар 9 моҳи соли 1980 ба мактабҳо ба маблағи 14,1 ҳазор рубл китоб ва адабиёти гуногуни методӣ дастрас карда шуд. Илова бар ин, барои хонандагони синфҳои I-V китобҳои дарсӣ ба маблағи 9,2 ҳазор рубл ба таври ройгон таъмин гардид [37, в.47].

Дараҷаи таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони соҳиби тахассуси касбӣ низ дар ин давра мувофиқи матлаб ва талаботи соҳаи маориф буд. Шумораи мактабҳое, ки дорои синфхонаҳои фаннӣ ва китобхона, буданд низ хеле афзоиш ёфта, ҷиҳати ҷорӣ намудани таълими истеҳсолӣ барои хонандагон аз рӯи ихтисосҳои гуногун, пеш аз ҳама ронандаи касбӣ ва механизатор-пахтакор корҳои муайяне анҷом дода шуданд. Соли таҳсили 1979/80 омӯзиши тракторронӣ ва соли таҳсили 1980/81 таълими мошинронӣ («автодело») дар аксариати муассисаҳо ба роҳ монда шуд. Фаъолияти 10

бригадаи истеҳсолии хонандагон, ки 315 нафар хонандагони синфҳои VII-X фаро мегирифт низ ба таври муназзам идома меёфт. Аз ҷумла, бригадаҳои истеҳсолии мактабҳои миёнаи №5, №6, №8, №10 ва №11 то 12 октябри соли 1980 нақшаи супоридани «тиллои сафед»-ро иҷро намуда, аз ҳар гектар замини вобасташуда зиёда аз 32 сентнер ҳосил гирифта, дар маҷмӯъ ба давлат беш аз 132 тонна пахта фурӯхтанд. Соли таҳсили 1979/80 бо мақсади такмили корҳои роҳнамоии касбӣ ва тарбияи муҳаббат ба касб дар байни хонандагон, аз рӯйи ихтисосҳои «Механизатори ҷавон», «Ронандаи ҷавон», «Деҳқони ҷавон» ва «Дӯзандаи ҷавон» озмуни ноҳиявии бригадаҳои истеҳсолии хонандагон баргузор гардид [37, в.48].

Бо оғози бозсозии ҷомеаи шуравӣ дар ҳаёти муассисаҳои таълимӣ низ тадриҷан диаргуниҳо ба мал омаданд, вале бархе аз ноҳияҳо, махсусан навоҳии шимоли ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияи Масчоҳ тавонистанд дар ин солҳо ва ҳатто солҳои даргириҳои сиёсӣ то андозае низоми муътадили ташаккулёфтаро нигоҳ доранд. Ислоҳоти мактаби маълумоти умумӣ ва қарорҳои пленуми февралии соли 1988 КМ ҲКИШ ва анҷумани умумииттифоқии омӯзгорон, Консепсияи маълумоти миёнаи умумӣ ҳуҷҷатҳои асосии роҳнамоӣ фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар ин давра буданд ва самтҳои асосии бозсозии соҳаи маорифро нишон медоданд.

Соли таҳсили 1988/89 дар ноҳия 46 мактаб бо 20 296 нафар хонанда фаъолият менамуд, ки аз ин шумора 16 841 нафар дар мактабҳои миёна таҳсил менамуданд. Ғайр аз ин дар ноҳия ду мактаб-интернат мавҷуд буд, ки дар онҳо 174 нафар хонанда тарбия мегирифтанд. Дар панҷ мактаб синфҳои шабона ташкил гардиданд, ки дар онҳо 97 нафар коргарҷавонон таҳсил менамуданд [153, 8]. Ҳамин соли таҳсил дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ва томактабии ноҳия 1394 нафар омӯзгорону мураббиён машғули фаъолият буданд, ки «аз онҳо 1055 нафар дорои таҳсилоти олӣ, 182 нафар малумоти миёнаи махсус ва 112 нафар дорои маълумоти миёнаи умумӣ буданд. Ҳамаи мактабҳои миёнаи ноҳия ва 83% мактабҳои ҳаштсола бо омӯзгорони касбӣ пурра таъмин буданд» [153, 8].

Аммо баробари муваффақиятҳо, вазъи дар мамлакат ва ҷумҳурӣ ба миён омада, ҳолати иқтисодию иҷтимоии ҷомеа ба низоми маориф ва муассисаҳои таълимӣ низ таъсири худро мерасониданд. Пояи моддию таълимии муассисаҳо рӯй ба коҳиш намуда, теъдоди зиёди омӯзгорони касбӣ тарки муассиаҳо ва ҳатто касб намуданд, норасоии асбобу анҷоми таълимӣ, махсусан васоити техникӣ, китобу дигар дастурҳои таълимӣ боиси паст гардидани сатҳи таълиму тарбия дар мактабҳо шуданд.

**Ҳаёти фарҳангии ноҳия дар замони шуравӣ**

Баробари таъсис додани ноҳияи нави Масчоҳ ва тадбирҳои саривақтии рушди иқтисодию иҷтимоии он, мақомоти ҳизбию шуравии ҷумҳурӣ ва вилоят ба масъалаҳои фарҳанг, ташкил ва ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои маданию маърифатӣ низ таваҷҷуҳи зиёд равона менамуданд. Ҳаёти фарҳангии ноҳия ҳам ба мисли ташкилу роҳандозии соҳаи маориф аз ибтидо оғоз ёфта буд ва дар ҳама маҳалҳои аҳолинишин ва хоҷагиҳои кишоварзӣ, аз маркази ноҳия шуруъ намуда, тибқи нақшаи тарҳрезишуда, ба бунёди муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ, беморхонаҳо ва бунгоҳҳои тиббӣ, нуқтаҳои гуногуни хизматрасонӣ ва маишӣ оғоз намуданд. Баъзе корҳо дар ин самт ҳанӯз пеш аз муҳоҷир намудани аҳолӣ, дар давраи азхудкунии заминҳои дашти Дилварзин ва сохтмони иншооти ирригатсионию корҳои мелиоративӣ оғоз ёфта буданд.

Пеш аз ҳама, дар ноҳияҳои навбунёди вилояти Ленинобод (Суғд), аз ҷумла ноҳияи Масчоҳ раванди расонидани ёрии тиббӣ ба мардум, махсусан ба муҳоҷирон ба таври куллӣ тағйир ёфт. Фавран пас аз Масчоҳи кӯҳӣ ба мавзеи нав муҳоҷир кардани аҳолӣ, дар тамоми минтақаҳои заминҳои навкорам ва бекорхобида хизмати тиббӣ ба роҳ монда шуда, бо ёрии молиявӣ ва техникии давлат сохтмони муассисаҳои тиббӣ густариш ёфт. Аллакай соли 1958 дар ноҳия 7 беморхонаи калон, 4 поликлиника, беморхонаи бачагона, 5 таваллудхона, диспансер, 7 боғча, 55 нуқтаи машварату маслиҳати тиббӣ амал намуда, бомуваффақият хизмати муҳоҷиронро иҷро мекарданд. Шумораи умумии духтурони тахассусҳои гуногун 127 нафарро

ташкил мекард, ки аз байни онҳо 30 нафар дорои маълумоти олӣ буданд [155]. Ҳол он ки дар Кӯҳистони Масчоҳ на танҳо аз кормандони тиббӣ ягон шахси маълумоти олидор набуд, инчунин, дорандагони маълумоти миёнаи тиббӣ дар ин ҷо низ ангуштшумор буданд. Дар солҳои аввали азхудкунии заминҳои нав бисёре аз кормандони тиббӣ аз дигар ноҳияҳо ба ноҳияи навбунёди Масчоҳ бо мақсади ба муҳоҷирон расонидани хизмати тиббӣ омада буданд. Солҳои минбаъда кормандони баландихтисоси тиббӣ аз ҳисоби кадрҳои ноҳия афзоиш ёфт.

Ҳамзамон диққати асосӣ барои ташкил кардани истироҳати меҳнаткашони заминҳои навкорам ва бекорхобида дар ҳамон солҳо низ ба роҳ монда шуд. Бо ҳамин мақсад барои пешқадамони истеҳсолот дар истироҳатгоҳҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуда, ба замми он, хонаҳои нави истироҳат, санаторияву пансионатҳо бунёд шуданд, ки фаъолияти онҳо баҳри истироҳат ва барқарор намудани саломатии фотеҳони заминҳои нав равона шуда буд.

Дар ноҳияи ҳар сол шумораи катҳои бемористонҳо зиёд гардида, маблағгузорӣ барои чорабиниҳои беҳдоштӣ афзоиш меёфт. Агар соли 1961 ба беморхонаи марказии Масчоҳ 516,7 ҳазор рубл маблағ ҷудо шуда бошад, пас соли 1962 ин нишондиҳанда то ба 550 ҳазор рубл зиёд гардид [39, в.19]. Нуқтаҳои тиббӣ ва фелдшерӣ 7 адад зиёд гардид, гарчанде ин барои ноҳияи дорои 50 ҳазор нафар аҳолӣ кифоя набуд. Дар маҳалҳои дур аз марказ, мисли нуқтаҳои геологӣ-кафшерии Кандзол ва чанд макони дигар ҳатто нуқтаи тиббӣ вуҷуд надошт. Дар ноҳия норасоии духтурон, аз ҷумла рентгенологҳо 2 нафар, гинекологҳо, пизишки кӯдакон, асабшиносон ва ғайра эҳсос мегардид.

Давлат барои таъмини иҷтимоии аҳолӣ низ ҳар сол маблағи калон ҷудо мекард. Танҳо тибқи маълумоти оморӣ ба ниёзмандон то 1 декабри соли 1961 наздики 504 ҳазор рубл кӯмакпулӣ дода шудааст, ки аз он 196 ҳазор рубл бевосита аз тарафи давлат, аз ҷумла кӯмаки яквақтаина то 70 ҳазор ва кӯмаки ҳар моҳа то 126 ҳазор рублро ташкил медод [39, в.19].

Раванди афзоиши муассисаҳои хизмати маишӣ ва тандурустӣ дар ноҳия дорои сръати ниҳоят баланд буд. Соли 1978 «дар ноҳия 89 нуқтаи савдо, 35 нуқтаи хӯроки умумӣ, 23 сартаршхона, 5 суратгирхона ва 6 ҳаммом» [151, 2], инчунин «6 касалхона, 5 амбулатория ва поликлиника, 20 нуктҳои фелдшерӣ - акушерӣ, 4 дорухона, 69 духтур, 212 корманди миёнаи тиббӣ фаъолият менамуданд» [151,3].

Дар самти корҳои маърифатию тарғиботӣ низ аз ибтидои давраи муҳоҷират корҳои зиёд ба анҷом расиданд. Аз ҷумла, соли 1961 дар ноҳия 12 дастгоҳи кинонамоишдиҳӣ ва 4 нуқтаи намоиши филм фаъолият менамуданд. Ҳамзамон, дар ноҳия 41 китобхона мавҷуд буд, ки фонди умумии онҳо зиёда аз 105 ҳазор нусха китобро ташкил медод. Бо вуҷуди ин, дар баъзе маҳаллаҳои ноҳия китобхонаҳо вуҷуд надоштанд, аз ҷумла дар колхози ба номи Авзикент, совхози боғу ангурпарварӣ ва маҳаллаи Кандзол чунин ҳолат ҷой дошт. Дар ноҳия 20 чойхонаи сурх амал мекард, ки дар як вақт ҳамчун ҷойҳои ҷамъиятӣ низ хизмат менамуданд. 15 декабри соли 1961 бинои Хонаи фарҳанги ноҳия ба истифода дода шуд [39, в.17-18].

Дар ҳамон солҳо сатҳу сифати омодасозии кадрҳо дар соҳаи фарҳанг ба таври назаррас беҳтар гардид ва дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатии ноҳия шумораи мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус рӯ ба афзоиш ниҳод. Шумораи мутахассисони маълумоти олидор дар соҳаи хоҷагии қишлоқи ноҳияи аз 93 нафари соли 1975 ба 109 нафар дар соли 1978 расид [151, 3]. Дар ноҳияи «соли 1978 26 китобхонаи умумӣ бо теъдоди 186,4 ҳазор нусха китоб, 20 клуб, як мактбаи мусиқӣ, 18 кинотеатр, 14 нуқтаи кинонамоишдиҳӣ мавҷуд буданд» [151, 3].

Таҳлили муфассали маълумоти оморӣ, санадҳои расмии бойгонӣ ва матолиби таҳқиқотӣ нишон медиҳанд, ки тағйироти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маърифатие, ки дар замони шуравӣ дар ҳудуди ноҳия ба миён омада, падидаи мавсимӣ ва ё маҳдуд набуданд, балки дорои хусусияти муназзам ва пайдарпай тибқи қонуну барномаи рушд ба вуқуъ меомаданд. Ин равандҳо дар чорчӯбаи сиёсати умумии иҷтимоиву фарҳангии давлатӣ ташаккул ёфта,

бо роҳандозии механизмҳои марказонидашудаи маъмуриву хоҷагидорӣ, таъмини молиявии мунтазам, ҷалби муассисаҳои ҳизбӣ ва иштироки фаъоли аҳолӣ амалӣ мегардиданд. Маҳз ҳамин омилҳо имконият доданд, ки дар муҳлати нисбатан кӯтоҳ шабакаи муассисаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва хадамоти иҷтимоӣ дар ноҳия ташаккул ёфта, пайгирона тавсеа ёбад. Таҳаввулоти ба вуҷуд омада баробари боло бардоштани сатҳи маърифатии аҳолӣ, ҳамчунин ба ташаккули муҳити нави иҷтимоӣ, таҳкими захираҳои инсонии маҳаллӣ ва фароҳамсозии заминаҳои рушди минбаъда мусоидат намуданд.

Дар баробари сохтмони иншооти муҳимми стратегӣ, ки дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ буданд, соли 1961 дар маркази ноҳия бинои Хонаи фарҳанг сохта ба истифода дода шуд [118, 11] ва ҳамин сол шуъбаи фарҳанги мақомоти иҷроияи ноҳия низ фаъолияти худро оғоз намуд. Нақши аввалин «мудирони шуъбаи фарҳанги ноҳия Н.Азизов, Н. Салимов, Д. Низомов, Х.Сафарова ва А.Саидов буданд. Сипас ин вазифаи пурмасъул ба дӯши Н.Ашӯров, Ш.Қосимов ва Ш.Усмонов вогузор гардид» [118, 11].

Дар тӯли фаъолияти шуъба, фидоиёни зиёде дар соҳаи фарҳанг софдилона ва содиқона заҳмат кашиданд, ки номашон дар таърихи фарҳанги ноҳия бо ифтихор сабт ёфтааст. Аз ҷумла, «М.Ризоева, С.Ҳидоева, А.Устоева, М.Назаров, А.Шодиев, М.Шодиев, С.Ёров, З.Раҷабов, Р.Раҷабов, Д.Охунов, Ҳ.Гулов, Р. Бобоев, С.Шарифов, П.Аминов, И. Ғойибов, Л.Д.Мисикова, Р.Бадиев, М.Раҳматов, Э.Неъматов, А.Аҳмадов, Р.Сафаров, Ш.Искандаров, Т.Боймуллоев, Ғ. Насруллоев, И.Солеҳов ва С.Саидов аз ҷумлаи чунин шахсиятҳои шинохтаи соҳаи фарҳанги ноҳия мебошанд. Хидматҳои шоистаи чанде аз ин фидоиён бо қарори Вазорати фарҳанги ҶШС Тоҷикистон бо унвони фахрии «Аълочии фарҳанг» қадршиносӣ гардидааст» [118, 11-12].

Аз байни ҷавонони истеъдодманди ноҳия чанд нафар дар соҳаҳои фарҳанг ва ҳунари сатҳи ҷумҳуриявӣ низ муваффақиятҳои чашмрас ба даст оварданд. Аз ҷумла, «Рустамбек Ботуров ҳамчун солист дар Театри давлатии

опера ва балети ба номи С. Айнӣ ва Ислом Саломов ҳамчун саррежиссёр дар Театри вилоятии ба номи А. С. Пушкин фаъолият доштанд» [152, 3].

Яке аз воҳидҳои муҳим ва муассири шуъбаи фарҳанг ин ҳуҷраи методӣ буд, ки ҳамчун маркази ташвиқу тарғиб, маслиҳатдиҳӣ ва расонидани ёрии амалӣ ба муассисаҳои клубӣ, маҳфилҳои бадеӣ ва китобхонаҳо фаъолият мекард. Ин ҳуҷра масъули ташкили семинарҳо, чорабиниҳои фарҳангӣ, супоридани саривақтии ҳисоботи муассисаҳои фарҳангӣ, такмили воситаҳои аёнии кор, тарбияи мутахассисони соҳа ва баланд бардоштани савияи дониши касбии кормандони фарҳанг маҳсуб меёфт.

Мардуми Масчоҳ табиатан зиндадилу хуштабъанд ва аз замонҳои пеш бо оҳанги хоси худ байт, рубоӣ ва тарона мехонданд. Қариб дар ҳар деҳа як овозхони машҳуре зиндагӣ мекард, ки бо ҳунару овози форамаш маъруф буд. Ҳамчунин, анъанаи «Шоҳномахонӣ», нақли қисса ва ривоёти халқӣ ба тарзи васеъ роиҷ буд. Нақшхонӣ дар маъракаву маросимҳо ҷойгоҳи хоса дошт ва чун суннати фарҳангӣ пазируфта мешуд. Дар оғози асри XX ҳофизи хушовоз Ҳайдарбеки Пакшифӣ дар тамоми қаламрави водии Зарафшон, аз ҷумла Истаравшан, Хуҷанд ва ҳатто то водии Рашт машҳур гашта, бо сабки хоси хеш дили мардумро тасхир карда буд.

Мардуми Кӯҳистони Масчоҳ ба Дилварзин низ бо худ на танҳо маънавият ва меҳнати бузург, балки тамоми хазинаи ғании эҷодиёти шифоҳии мардуми кӯҳистонро оварданд. Аз байни мардум шахсиятҳое ба камол расиданд, ки дар рушду нумӯи фарҳанги тоҷик нақши арзанда гузоштанд. Арбоби шоистаи санъат ва коргардони маъруф Ислом Саломов, Ҳунарпешаи мардумии ҷумҳурӣ Муродбек Насриддинов, Ҳунарпешаи шоистаи ҷумҳурӣ шодравон Рустамбек Ботуров, ки филармонияи халқӣ ва Қасри фарҳанги ноҳия номи ӯро доранд, аз ҷумлаи чунин шахсиятҳо мебошанд. Инчунин варзишгар ва ҳунарпешаи кино Мӯсо Исоев, Ҳунарманди мардумии ҷумҳурӣ Лола Азизова ва ҳофизи операи тоҷик Содиқ Нуруллоев низ бо ҳунару истеъдоди нотакрорашон номбардори миллат гардидаанд.

Баъдан намояндагони насли ҷавон дар гурӯҳҳо ва ансамблҳои гуногун муттаҳид гардида, бо суруду навоҳои дилангезу ҷаззоби худ фазои маънавиёти ноҳияро гарм намуда, маъракаву чорабиниҳои фарҳангии ноҳияро обод месозанд. Аз ҷумла, ансамбли фолклорӣ-этнографии «Нақш», ки соли 1988 дар назди хонаи фарҳанги ҷамоати Масчоҳ таъсис ёфта буд, то имрӯз фаъолияти пурсамар дорад. Ин гурӯҳ бо ҳадафи эҳё ва тарғиби мероси фарҳанги шифоҳии мардумии тоҷик, хосса суннатҳои маросимӣ ва сурудҳои қадимии болооби Зарафшон таҳти роҳбарии оҳангсоз ва ҳунарманди шинохта Маҳмадшариф Шодиев таъсис ёфтааст [118, 14]. Репертуари «ансамбл суруду рақсу маросимҳои суннатиии «Майда», «Нақшхонӣ», «Базми арӯсон», «Гаҳворабандон», «Ҷавлон» ва дигар намунаҳои анъанавии фолклориро дар бар мегирад» [118, 14] ва дар озмунҳои сатҳи маҳаллӣ, вилоятӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла фестивалҳои ҷумҳуриявӣ ширкат меварзад.

Дар пешрафти ҳаёти фарҳангии ноҳия нақши Театри халқии ноҳияи Масчоҳ, ки «соли 1981 бо қарори ҳукумати ноҳия дар заминаи маҳфили драмавии назди Қасри фарҳанги шаҳраки Бӯстон таъсис ёфта буд, хеле муассир мебошад. Соли 1983 бо қарори Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ ба театр унвони «халқӣ» дода шуд» [118, 27-28]. Фаъолияти театрро ҳаваскорони сершумор аз миёни табақаҳои гуногуни аҳолӣ пеш мебаранд.

Мактаби санъати ноҳияи Масчоҳ низ яке аз муассисаҳои муҳимми таълимии фарҳангӣ ба шумор меравад ва дар сохтори мактаб ду шуъбаи асосӣ - «шуъбаи мусиқӣ ва шуъбаи бадеӣ амал мекунанд. Шуъбаи мусиқӣ дорои ихтисосҳои фортепиано, рубоб, най, ғиҷҷак, дойра, мақом, рақс ва чанг мебошад. Дар шуъбаи бадеӣ бошад омӯзиши равияҳои рассомӣ, театри лӯхтак ва театр ба роҳ монда шудааст» [118, 33].

Китобхона ҳамчун як ниҳоди муҳимми фарҳангӣ дар ташаккули маърифати омма, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва ҳифзи мероси хаттии миллӣ нақши калидӣ мебозад. Дар ноҳияи Масчоҳ ин вазифаи муҳимро китобхонаи марказӣ ва китобхонаи бачагона ба дӯш доранд, ки фаъолияти онҳо аз солҳои

аввалини таъсисёбии ноҳия оғоз гардидааст. Китобхонаи маркazии ноҳия соли 1962 таъсис ёфта, дорои 127 407 нусха китоб мебошад [118,36].

Боиси ифтихор аст, ки фарзандони ноҳияи Масчоҳ дар даврai шуравӣ ба ҳайси олимон, донишмандони соҳибхтисос ва муҳаррирони маъруфи илмӣ шинохта шуда, дар рушди илму фарҳанги Тоҷикистон саҳми босазо гузоштанд. Ин шахсиятҳо бо донишу малакаи касбӣ, пайгирӣ ва ҷустуҷӯи эҷодкоронаи худ намуна мебошанд. Докторону номзадҳои илм ва ходимони зиёди соҳаи илм, ки аз ноҳия ба ҳалли масъалаҳои илми муосир машғул гардиданд, на танҳо дар раванди илмӣ-таҳқиқотӣ саҳми арзанда гузоштанд, балки бо фаъолияти пурсамари худ барои таҳкими пояҳои илми тоҷик ва тарғиби фарҳанги миллӣ нақши арзанда гузоштанд.

Яке аз чеҳраҳои шинохтаи адабиёти тоҷик ва ҳаёти фарҳангии ноҳия адиби маъруф Юсуф Вафо буд. Юсуф Вафо воқеан яке аз шоирони хушзавқ, бедордил ва маърифатпарвари адабиёти халқии даврai шуравӣ буд, ки хизматҳои ӯ дар тарғибу ташвиқи ормонҳои нави сохти шуравӣ барҷаста буда, ӯро ҳамчун яке аз сароядагони аслии арзишҳои замони нав мешиносанд [59, 483-484].

Ин адиби маъруф «соли 1888 дар деҳаи Пастиғави ноҳияи Масчоҳ ба дунё омадааст. Таълимоти ибтидоии худро дар маҳалли зист гирифта, пеш аз Инқилоби Октябр дар шаҳрҳои Тошканд, Хуҷанд ва Хӯқанд зиндагӣ кардааст. Пас аз пирӯзии Инқилоби Октябр ба деҳа баргашта, фаъолона дар муборизаи зидди душманони инқилоб ширкат варзидааст. Дар даврai баъдӣ ӯ ҳамчун яке аз тарғибгарони фаъол ва содиқ ба сохти колхозӣ фаъолият намуда, муддати тӯлонӣ вазифаи сардории бригадаро ба ухда доштааст. Хизматҳои Юсуф Вафо дар ташаккули фарҳанги шуравӣ ва таҳкими идеологияи коммунистӣ назаррас мебошанд, ӯ дар сохтмони роҳҳои Масчоҳу Заҳматобод (Айнии ҳозира), Сталинободу (Душанбеи ҳозира) Панҷакент ва Ӯротеппа иштирок доштаст» [59, 484]. Аз ҷумла, ҳангоми кушодашавии «роҳи нави мошингард» ва фатҳи ағбаи Шаҳристон гуфта буд:

«Эй ағба, кунун шунав, ки мо ободем,
Он роҳи туро ба барфу борон додем.

Дар қад-қади Зарафшони чуқури шӯхоб,

Роҳи нави мошинаравак бикшодем» [121, 45].

Адиби дигари шинохта, Ходими Шоистаи фарҳанги ҷумҳурӣ, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва Иттифоқи рӯзноманигорон, Аълочии матбуоти Тоҷикистон Усмон Олим мебошад, ки ҳамчун шоир ва нависанда дар тӯли фаъолияти эҷодияш беш аз 12 асари назмию насрӣ иншо кардааст. Маҷмӯаҳои шеърии «Баландӣ», «Дасти дӯст», «Қиссаи қисмат», «Дуои хайр», «Панди Оли Сомон», повестҳои «Пайроҳаи умр» (бо ҳаммуаллифӣ), «Муроди халқ» (ба русӣ ва тоҷикӣ), «Шаҳри сулҳу оштӣ-шаҳри Хуҷанд» ва ғайра ба қалами ӯ мансубанд. Чеҳраи шинохтаи дигар ин шевашинос, муаллифи як силсила мақолаву очеркҳои публитсистиву адабӣ Гадо Умарӣ мебошад. Ӯ муаллифи беш аз 50 намоишномаҳо, аз ҷумла «Лӯлидухтар», «Дохунда», «Темурмалик», «Дили шоир», «Ҷони ширин», «Борбад», «Модар нигарон буд», «Гавҳари шабчароғ», «Табиби зӯракӣ» мебошад.

Дар хулосаи зербоби дуюми рисола метавон таъкид намуд, ки пас аз муҳоҷират сокинони Кӯҳистони Масчоҳ ба водии Дилварзин тавонистанд дар як муддати кӯтоҳ ҳаёти фарҳангӣ ва низоми ҷадиди маорифи халқро аз ибтидо ташаккул дода ба муваффақиятҳои хуб ноил гарданд. Дар давоми зиёда аз 35 соли замони шуравӣ маориф ва фарҳанг ноҳия мунтазам рӯ ба инкишоф ниҳода, ноҳияи навташкил бо сатҳи рушди иҷтимоию фарҳангии худ ба яке аз минтақаҳои пешрафтаи на танҳо вилоят балки ҶШС Тоҷикистон табдил ёфт. Соли 2016 ҳангоми сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Масчоҳ маросими пардабардорӣ аз муҷассамаи шоҳ Исмоили Сомонӣ сурат гирифт. Ҳангоми пардабардорӣ Президенти мардумӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назаре ба таърихи сокиншавии масчоҳиён ба дашти холии Дилварзин намуда, таъкид карданд: «Мардуми ноҳияи Масчоҳ бо ҳамон ифтихор ва ойини ватандории худ пас аз кӯч бастан ба мавзеи нав ва бунёд намудани диёри шукуфову сабзу хуррам, дар навбати аввал,

суннатҳои аҷдодӣ ва ойинҳои миллии қадимаро ҳамроҳи хеш ба ин сарзамини тозабунёд овардаанд ва то кунун онҳоро бо беҳтарин ваҷҳ идома медиҳанд» [7]. Ҳамзамон қайд намуданд, ки «Мардуми Масчоҳ меросбарони асили фарҳанг ва тамаддуни чандинҳазорсолаи ниёгонамон ҳастанд, ки маҷмӯи суннату падидаҳои таърихии аҷдодамонро бо ойинҳои навини даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистони азиз омезиш дода, бо ин роҳ дар ғанӣ гардонидани фарҳанги миллиамон ҳиссаи арзишманд мегузоранд» [7].

# БОБИ III. НОҲИЯИ МАСЧОҲ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ (1991-2021)

## 3.1. Истиқлол ва рушди иҷтимоию иқтисодии Масчоҳ

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои тамоми кишвар, аз ҷумла ноҳияи Масчоҳ, оғози марҳалаи нави рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиро таъмин намуд. Дар давраи аввали истиқлолият гузариш аз низоми иқтисоди нақшавии шуравӣ ба муносибатҳои бозаргонӣ ва низоми худидоракунии маҳаллӣ рост омад, ки ин раванд бо мушкилоти ҷиддӣ ҳамроҳ буд. Аз як тараф, ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ва буҳрони амиқи иқтисодӣ боиси коҳиши истеҳсолот ва норасоии захираҳо гардид аммо аз тарафи дигар, маҳз истиқлол барои ноҳияи Масчоҳ имкониятҳои нави рушдро фароҳам овард. Сокинони ноҳия, сарфи назар аз мушкилоти рӯзгор, тадриҷан ба ислоҳоти иқтисодӣ оғоз намуданд. Аз миёнаҳои солҳои 1990 заминаи ҳуқуқиву иқтисодии гузариш ба хоҷагидории хусусӣ гузошта шуд ва ислоҳоти аграрӣ амалӣ гардида, хоҷагиҳои деҳқонии шахсӣ ташкил ёфтанд ва нақши соҳибкорӣ дар иқтисоди маҳаллӣ афзоиш ёфт. Ҳамзамон, мардуми маҳаллӣ барои эҳёи инфрасохтори харобгардида, аз ҷумла барқарорсозии роҳу пулҳо, хатҳои обу барқ ва муассисаҳои иҷтимоӣ талош мекарданд.

Таҷрибаи солҳои аввал нишон дод, ки дар шароити нави истиқлолият пешрафти ноҳияи Масчоҳ, пеш аз ҳама ба суботи сиёсӣ ва дастгириҳои давлат марбут аст. Бо шарофати сулҳ ва ваҳдати миллӣ, ки дар охири солҳои 90-ум барқарор гардид, шароити умумӣ барои рушди ноҳия беҳтар шуд. Дар ин раванд мусоидати роҳбарияти олии мамлакат нақши муҳим бозид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба эҳёи ноҳияҳои дурдаст, аз ҷумла Масчоҳ, таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, барои ҳалли мушкилоти онҳо пайваста чораҷӯӣ мекарданд. Маҳз бо ҳидоят ва ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат ва заҳмати содиқонаи сокинон

Масчоҳ тайи солҳои истиқлол ба ноҳияи пешрафта табдил ёфта, симои иқтисодиву иҷтимоии он комилан дигаргун шуд.

**Рушди корхонаҳои саноатӣ**

Яке аз дастовардҳои муҳимми ноҳия дар замони соҳибистиқлолӣ ин рушди соҳаи саноат дар ноҳия маҳсуб меёбад. То замони соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди ноҳияи калони пахтакории ҷумҳурӣ ҳамагӣ ду корхонаи саноатӣ мавҷуд буд, ки аз онҳо корхонаи пахтатозакунӣ дар шаҳраки Бӯстон ва дигаре матбааи ноҳия ҳисоб меёфтанд. Соли 2020 шумораи корхонаҳои саноатии ноҳия ба бештар аз 30 адад расида, ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии ноҳия аз 14,7 млн. сомонии соли 1991 ба 240,7 млн. сомонӣ дар соли 2019 расид, ки ин 16 маротиба зиёд мебошад [166]. Ин нишондиҳандаҳо гувоҳи пешрафти устувори иқтисодиёти ноҳия дар даврони истиқлол мебошанд.

Аз ин шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ «22 адади он корхонаҳои калон ва 8 ададашро корхонаҳои хурдташкил медиҳанд. 10 корхонаи калони саноатии ноҳия бевосита ба коркарди пахта, 4 муассиса ба истеҳсоли равғани растанӣ, 3 корхонаи истеҳсоли ғишт, 1 корхонаи сементбарорӣ, 1 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, 1 кохона ба истеҳсоли халтаҳои полиэтиленӣ машғул мебошанд» [166]. Инчунин дар ноҳия фабрикаи ресандагӣ ва матбаа фаъолият мекунанд. Аз 8 адад корхонаҳои хурд 3 корхона ба истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ, 3 адад ба истеҳсоли ғишти блок, 1 адад ба истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ ва 1 адад ба истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ машғул мебошанд. Дар маҷмуъ, дар корхонаҳои саноатии ноҳия зиёда аз 30 номгӯй маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Дар соли 1991 агар «ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ дар ноҳия 14 миллиону 680 ҳазор сомониро ташкил медода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 240 миллиону 694 ҳазор сомонӣ баробар гардид, ки он 16,4 маротиба зиёд мебошад. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ дар ҳашт моҳи соли 2020 ба 93 млн 5754,3 ҳазор сомонӣ баробар гардид» [166].

Раванди ташаккулу рушди соҳаи саноати ноҳия аз оғози солҳои истиқлол то имрӯз гувоҳи тағйироти куллӣ дар сохтори иқтисодӣ ва иқтидори истеҳсолӣ мебошад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар рушди саноати ноҳия аз якҷониб раванди анъанавии коркарди пахта мавқеи асосии худро нигоҳ доштааст, вале аз ҷониби дигар, истеҳсоли равғани растанӣ, ғишт, семент, маҳсулоти ширӣ, халтаҳои полиэтиленӣ ва дӯхтани маҳсулоти саноатӣ ҳамчун самтҳои нави саноатӣ ташаккул ёфтаанд.

Чи тавре, ки таъкид шуд, тибқи натиҷаҳои оморӣ ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти саноатии ноҳия соли 2019 нисбат ба соли 1991 зиёда аз 16 маротиба афзоиш ёфтааст, ки ин нишондиҳандаи рушди устувори соҳаи саноат мебошад. Илова бар ин, маълумоти ҳашт моҳи соли 2020 низ аз идомаи афзоиши истеҳсолот шаҳодат медиҳад. Ҳамин тариқ, таҷрибаи солҳои соҳибистиқлолӣ собит месозад, ки саноати ноҳия ба марҳалаи диверсификатсия ворид гардида, имкониятҳои нав барои тавсеаи истеҳсолот, коркарди амиқи ашёи хом ва таъмини бозор бо маҳсулоти гуногунро фароҳам овардааст. Танҳо тайи солҳои 2019-2020 дар ҳудуди ноҳия 5 корхона ва коргоҳи нави саноатӣ ба истифода дода шудааст.

Дар самти таъмиру таҷдид ва азнавсозии роҳҳо бо дастгирии Ҳукумати мамлакат дар ноҳияи Масчоҳ тадбирҳои муҳим амалӣ гардида, давоми солҳои соҳибистиқлолӣ 146 км роҳҳо ба маблағи зиёда аз 150 млн сомонӣ пурра таҷдиду азнавсозӣ ва мумфарш гардиданд.

Яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия ин таваҷҷуҳи бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазъи пешрафти ноҳия ва зиндагии некуаҳволонаи аҳолии он мебошад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чанд маротиб, аз ҷумла, солҳои 1996, 2007, 2011, 2016, 2020 ба ноҳияи Масчоҳ сафари корӣ анҷом додаанд, ки бо шарофати ин ташрифҳо дар ноҳияи Масчоҳ даҳҳо иншооти нави иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию маънавӣ ба истифода дода шуданд. Аз ҷумла, ҳангоми сафари кории худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Масчоҳ тобистони соли 2007 бо вазъи иқтисодиву иҷтимоии ноҳия аз наздик шинос шуда, барои рушди ояндаи он дастурҳои муҳим доданд. Супориш шуд, ки барои ноҳия як барномаи махсуси рушди иҷтимоиву иқтисодӣ таҳия ва татбиқ карда шавад. Дар натиҷа, Ҳукумати ҷумҳурӣ бо қарори худ аз 13 августи соли 2008, №399 «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Масчоҳи вилояти Суғд барои солҳои 2008-2015»-ро қабул намуд [6]. Ин барнома чун нақшаи ҳамаҷонибаи давлат барои эҳё ва пешрафти ҳамаи бахшҳои ноҳия тарҳрезӣ шуда, татбиқи он аз соли 2008 оғоз гардид. Дар доираи Барнома садҳо лоиҳаю чорабиниҳо дар соҳаҳои иқтисод, иҷтимоиёт, фарҳанг ва инфрасохтор пешбинӣ ва иҷро шуданд. Танҳо дар марҳалаи аввали татбиқи Барнома (2008-2010) «барои беҳтар намудани низоми роҳҳои ноҳия беш аз 50 млн. сомонӣ ҷудо гардида, 28 км роҳи дорои аҳаммияти байналмилалӣ, ки аз ҳудуди ноҳия мегузарад, пурра таъмиру азнавсозӣ шуд» [6]. Ҳамзамон, ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзиву саноатӣ дар ноҳия босуръат афзоиш ёфт. Муваффақияти калонтарини соҳаи саноати ноҳия оғози сохтмон ва ба истифода додани фабрикаи бузурги ресандагии ҶСП «Олим-Текстайлз» ба ифтихори 20-солагии истиқлоли давлатӣ буд. Ин корхонаи бо технологияи муосир муҷаҳҳаз ва дар минтақаи саноатии Бӯстон бунёд мегардид ва барои коркарди пурраи нахи пахта ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии нассоҷӣ пешбинӣ шуда буд. Арзиши лоиҳавии фабрика тақрибан 140 млн. сомониро ташкил медод [6], ки қисми асосии он аз ҳисоби сармоягузории хориҷӣ ва қарзҳои имтиёзнок пӯшонида мешуд.

Татбиқи барномаи рушд ба пешрафти соҳаи саноат ва зиёд шудани шумораи корхонаҳои саноатӣ такони ҷиддӣ дод. Аз ҷумла, зимни сафари кории Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзҳои таҷлили ҷашни Наврӯзи соли 2011 дар ноҳияи Масчоҳ як қатор муассисаҳои тибқи ин барнома бунёд ёфта, ба вижа калонтарин фабрикаи ресандагии ҶСП «Олим-текстайлз» ба ифтихори 20-солагии Истиқлолияти давлатӣ мавриди истифода

қарор дода шуд. Чи тавре таъкид шуд, «барои сохтмон ва таҷҳизонидани ин корхонаи саноатӣ наздики 140 миллион сомонӣ сарф гардид» [6]

Танҳо барои таҷҳизоти ин корхона ба арзиши 13 миллион евро маблағ сарф гардид ва он бо ҳамкории корхонаҳои Олмон, Британиёи Кабир ва Швейтсария бунёд ёфтааст ва имкон медиҳад, ки шумораи зиёди одамон соҳиби касбҳои нав гарданд.

Зимни маросими ифтитоҳи ин фабрика (марти соли 2011) Пешвои миллат бо сокинону фаъолони ноҳия мулоқот намуда, бо ифтихор изҳор доштанд: «Ман ба нангу номуси баланди миллӣ, ватандориву ватандӯстӣ ва мардонагиву ғурури мардуми Масчоҳ итминони комил дорам ва хуб медонам, ки онҳо ин хислатҳои неку писандидаро дар замири фарзандони худ-наврасону ҷавонон парвариш медиҳанд ва онҳоро ҳамчун насли сазовори номи неки гузаштагон ва давомдиҳандаи суннатҳои волои тоҷикон ба камол мерасонанд» [6].

Дар пешрафти соҳаҳои гуногуни саноати ноҳия нақши бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорони ноҳия дар замони истиқлол низ хеле назаррас мебошад. Аз ҷумла, бо кӯшиши соҳибкорони алоҳида дар ноҳия як чанд муассисаҳои хурду калони саноатӣ сохта шуданд, ки бархе аз онҳо дар ҳамкорони бо шарикони хориҷӣ ва баъзеи он аз маблағҳои ҷамъовардаи соҳибкорони ватанӣ бунёд ёфтаанд. Аз ҷумла, дар ҷамоати Оббурдон ҷамъияти саҳҳомии шакли пӯшидаи «Вализода» (сарвараш Н.Валиев) корхонаи риштабарорӣ, аввалин корхонаи муштараки тракторсозии олими ҷавон М. Кӯчаков «Тошканд-Масчоҳ» дар пайҷои собиқ идораи «Техникаи кишоварзӣ» («Селхозтехника») дар соли 2003, корхонаи равғанкашии ба номи сарвари колхози ба номи Калинин Солеҳ Исоматов дар ҷамоати Палдорак (сарвараш Амирбек Аҳмадов) [59, 750], инчунин корхонаи нонпазии «Бӯстон», сехи ҳасиббарории «Қуруқсой» бунёд ёфтанд, ки дар рушди саноати ноҳия нақши созгор гузоштанд. Даар радифи ин корҳо корхонаи мурғпарварӣ, ки дар қалби қаторкӯҳҳои Қурама бо кӯшиши яке аз

шахсиятҳои шинохтаи Масчоҳ, фотеҳи Дилварзин М.Бобоҷонов бунёд ёфта буд, бо талоши соҳибкор Ҷ.Давлатов аз нав эҳё гардид.

Баъди соҳибистиқлолӣ шумораи чунин корхонаҳо дар ноҳия сол ба сол афзоиш меёфт, ки шумораи бештари онҳо ба самти саноати сабук ва хӯрокворӣ равона шудаанд. Аз ҷумла, «дар як муддати кӯтоҳ корхонаҳои пахтатозакунию равғанкашии ҷамоати Оббурдон ба фаъолият оғоз намуданд, ки ба ширкати «Амир - Шукур» тааллуқ доранд» [59, 750]. Соли 2004 бошад «бо ташаббуси раиси иттиҳоди хоҷагиҳои деҳқонии ба номи Рӯдакӣ М.Раҳимов корхонаи дигари нави равғанкашӣ ба кор андохта шуд. Дар заминаи талаботи аҳолӣ соҳибкори ҷавон Т. Абдулов дар заминаи ҶСП «Дорис» корхонаи нави равғанкаширо бо зиёда аз 100 ҷойи корӣ ба истифода дод» [59, 750-751].

Ғайр аз ин, бо мақсади ба роҳ мондани коркарди пахтаи маҳиннах, ки истеҳсоли он дар ноҳия торафт меафзояд, дар ҳудуди иттиҳоди хоҷагиҳои деҳқонии ба номи Амиров сохтмони корхонаи пунбатозакунӣ ба роҳ монда шуд, ки он деҳқононро аз хароҷоти барзиёди ба Конибодом кашонидани маҳсули меҳнат раҳо менамояд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия низ дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар бобати ба кор андохтани корхонаҳои истеҳсолӣ пайваста чораандешӣ менамояд. Бо истифода аз шароити мусоид шумораи коргоҳҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоиса ба солҳои гузашта бештар гардид. Қисми асосии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҶСП «Олим Текстайл» - корхонаи коркарди нахи пахта ва тавлиди масулоти ниҳоии он ва ҶДММ «Суғд-семент» - коргоҳи истеҳсоли семент рост меояд. Корхонаи «Олим Текстайл» аз Ҷумҳурии Туркия бо маблағи як миллион сомонӣ 5 адад таҷҳизоти кешбофӣ ворид намуда, 20 ҷойи нави кор фароҳам овард. Корхона пас аз насби таҷҳизоти навин дар як шабонарӯз 3 тонна риштаи пахтагин коркард намуда, аз он матоҳои аълосифат мебарорад. ҶДММ «Зарнишон»

таҷҳизоти замонавии коркарди ғалла харида, истеҳсоли ордро дар ноҳия ба маротиб афзун кард [162, 1-2].

Дар самти ба роҳ мондани истеҳсоли техникаи кишоварзӣ дар ноҳия, пеш аз ҳама қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии амволи давлатӣ» ва дар заминаи он хусусигардонии муассисаи «Таъминоти техникаи кишоварзӣ» («Агротехснаб») мусоидат намуд. Чи тавре дар боло қайд шуд, соҳибкор М. Кӯчаков кӯшиш ба харҷ дода, таҷҳизоти аз кор баромадаи онро таъмир намуда, корхонаро бо тамоми иқтидораш ба кор андохт. Дар сехҳои васлкунии қисматҳои тракторҳо, таъмири притсепҳо, оҳангарию фишордиҳӣ, суфтагарӣ, таъмири насосҳои сӯзишворӣ, барқӣ, харротӣ, рангу пардоздиҳии тракторҳо бо тамоми иқтидор ба кор даровард шуданд. Шумораи коргарони корхона аз 14 то ба 80 нафар расид, ки ба таври илова 66 нафар бо ҷойи кор таъмин гаштанд.

Ин корхонаи муштарак дар ҳамкории пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бо мақомоти ҳамтои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ташкил ёфт. Дар корхона «тракторҳои МТТЗ (заводи тракторсозии Масчоҳ-Тошканд), маркаҳои МТТЗ-80-10 (чаҳорчарха) ва МТТЗ-80-11 (сечарха) истеҳсол карда мешаванд» [59, 754].

Инчунин, дар ин ҷо минитракторҳо аз қабили заҳрпошакҳо, сихмола, нурии минералипошак, тухмипошак, алафдарав ва ғайра тибқи супориши гирифтаи корхона дастрас карда мешавад. Дар корхона, ҳамчунин, лапкаи КД-924, наралники НКУ- 547 истеҳсол мегардад, ки ба хоҷагии кишоварзӣ чун обу ҳаво зарур аст. Корхона қодир аст, ин чунин притсепҳои ношоямгашта ва, умуман, техникаи кишоварзиро бо сифати баланд таъмир намояд. Бахшҳои тракторҳо аз Тошканд, Россия, Минск ба ин ҷо меоянд ва маҳз дар ҳамин ҷо онҳо васл карда мешаванд. Дар сехи таъмир инчунин «насосҳои сӯзишвории тракторҳои Т-40, Т-4, Т-28, МТЗ, ДТ-75, ТТЗ-80 ва ғайра таъмир мегарданд» [59, 754]. То соли 2003 ин бахши фаъолияти корхона дар ҳоли сукут қарор дошт. Соли 2004 ин самти корро ҷоннок карда, беш аз 80 притсепи пахтакашонро аз таъмир баровардa, боз ба саҳро

сафарбар намуданд. Корхона минбаъд аз тамоми минтақаҳои вилояту ҷумҳурӣ притсепҳоро қабул карда, онҳоро таъмир менамуд [59, 754].

Соли 2016 Президенти Ҷумҳурӣ, Пешвои миллат ҳангоми сафари кории худ ба ноҳия қайд намуданд, ки «Ман соли 2007 ҳангоми сафари корӣ ба вилояти Суғд ва шиносоӣ бо вазъи иқтисодиву иҷтимоии ноҳия ба Ҳукумати мамлакат дар мавриди таҳияи Барномаи рушди ноҳияи Масчоҳ барои солҳои 2007-2015 дастур дода будам ва ҳамон сол барномаи мазкур ба хотири пешрафти ноҳия қабул гардида, мавриди татбиқ қарор дода шуд. Соли гузашта муҳлати иҷрои барнома ба охир расид ва имрӯз дар ҷараёни сафар мушоҳида кардам, ки ба шарофати татбиқи самараноки барнома ва азму талоши мардуми ноҳия, хосса соҳибкорони маҳаллӣ хеле корҳои созандагиву ободонӣ анҷом дода шудааст» [7]. Ин суханҳо ҷавоб ба рафти татбиқи Барномаи рушди ноҳияи Масчоҳ барои солҳои 2007-2015 мебошад, ки натиҷаи хуб ва созандаро ба бор овард.

Вобаста ба татбиқи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳия зиёда аз 635 иншооти таъйиноти гуногун, бо маблағи умумии зиёда аз 300 миллион сомонӣ сохта ба истифода дода шуданд. Ҳамаи ин дастовардҳо самараи Истиқлол, сулҳу ваҳдати миллӣ ва ғамхорию дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Масалан, дар самти саноат соли соли «2025 шумораи корхонаҳои саноатӣ ба зиёда аз 30 адад расида, ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии ноҳия, дар нӯҳ моҳи ҳамин сол ба 221 млн. 412 ҳазору 100 сомонӣ баробар гардид, ки ин нисбат ба соли аввали соҳибистиқлолӣ беш аз 16 маротиба зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда гувоҳи пешрафти устувори иқтисодиёти ноҳия дар даврони соҳибистиқлолӣ мебошад» [142, 3].

Ҳамзамон дар раванди татбиқи нақшаи сохтмони иншооти гуногун ба истиқболи 30-олагии истиқлоли давлатӣ бунёди Майдони Парчам, Терминали нақлиёти боркашон, Терминали нақлиёти мусофиркашон, марҳалаи дуюми сохтмони корхонаи сементбарории «Ясин МС Суғд», биноҳои маъмурӣ барои 5 сохторҳои маркази ноҳия амали ба анҷом

расонида шуданд. Бо маблағгузории корхонаи сементбарории ҶДММ «Ясин МС Суғд» роҳи автомобилгарди «Азизобод-Спитамен» дар масофаи 16 км бо маблағи 500,0 ҳазор сомонӣ бо сифати хуб таъмир карда шуд.

Доир ба рафти сохтмони иншооти гуногун дар давоми солҳои 2018-2021 вобаста ба ҷамоатҳои ноҳия ҷадвали омории зерин маълумоти амиқ пешниҳод менамояд:

**Ҷадвали 11. – Шумораи бунёди иншоот дар солҳои 2018-2021** [135, 3-4].

| **Номгӯи ҷамоатҳо** | **Шумораи умумии иншооти сохташаванда** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|
| ҷ.д. Масчоҳ | 30 | 13 | 3 | 12 | 2 |
| ҷ.д. Оббурдон | 62 | 19 | 3 | 35 | 3 |
| ҷ.д. Палдорак | 32 | 9 | 3 | 14 | 6 |
| ҷ.ш. Бӯстон | 91 | 21 | 10 | 56 | 7 |
| ҷ.д. Навбаҳор | 34 | 6 | 14 | 12 | 2 |
| ҷ.ш. Обшорон | 8 | 3 | 3 | 1 | 1 |
| **Ҷамъ** | **257** | **71** | **36** | **201** | **21** |

Имрӯзҳо, ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва 70-солагии азхудкунии дашти Дилварзин дар ноҳияи Масчоҳ раванди корҳои созандагию ободонӣ, сабзкорӣ, тозаву озода ва ободу зебо намудани кӯчаву маҳаллаҳо, шаҳраку деҳот, ҳамчунин бунёд, таъмиру таҷдид ва ба истифода додани иншооти таъйиноти гуногун бо суръат идома дорад. Ба ифтихори ҷашни мазкур «дар ноҳия татбиқи 735 иншоот ба нақша гирифта шуда, дар ин замина, давоми солҳои 2022, 2023, 2024 ва нӯҳ моҳи соли ҷорӣ (2025) 682 иншоот ба маблағи 227 млн. 675 ҳазор сомонӣ иҷро шудааст, ки 92,8% нақшаро дар бар мегирад» [142, 3]. Ҳамаи ин дастовардҳо шоҳиди равшани дастгирии давлат ва сиёсати созандагӣ дар замони соҳибистиқлолӣ буда, пешрафту ободии ноҳияро дар тамоми самтҳо таъмин менамоянд.

**Рушди соҳаи кишоварзӣ дар ноҳия**

Ноҳияи Масчоҳ яке аз навоҳии муҳим ва пешрафтаи соҳаи хоҷагии қишлоқи замони шуравии ҶШС Тоҷикистон буд, вале зери таъсири ҳаводиси охири замони шуравӣ ва ислоҳоти низоми аграрии давраи бозсозӣ ва арафаи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ чун дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба ҳолати вазнини бухронӣ гирифтор гардид. Канда шудани робитаҳои иқтисодӣ,

маҳдуд шудани бозори истеҳсолӣ, зери таъсири озодандешию ошкорбаёнӣ ва аз байн бурдани мақоми якказироатии пахта дар хоҷагии кишоварзӣ маъракаи кам кардани заминҳои кишти пахта ва муҳайё кардани имконият барои рушди дигар зироатҳо боиси ниҳоят кам гардидани масоҳати умумии заминҳои кишти ин зироати техникӣ гардид. Гарчанде ноҳия аз минтақаҳои даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дур буд, аммо вазъи умумии хоҷагии халқи ҷумҳурӣ дар ибтидои замони соҳибистиқлолӣ ба он низ таъсири ҷиддӣ расонид.

Соли 1990 масоҳати умумии заминҳои кишти ҷумҳурӣ 914 ҳазор гектарро ташкил медод, вале соли 2003 майдони умумии заминҳои кишт то ба 822,6 ҳазор га кам гардид, яъне дар муддати 13 сол зери ҳаводиси гуногун 91,4 ҳазор га замини корам берун аз истифода қарор гирифт. Аммо, мутаассифона камшавии заминҳои кишт солҳои баъдӣ низ идома ёфта, соли 2006 800 ҳазор гектарро ташкил медод [90, 515].

Баробари ҳаводиси сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба хоҷагии кишоварзӣ раванди ғайридавлатикунонию хусусигардонии амволи давлатӣ, ки дар асоси қонуни ҳамноми соли 1991 қабулшуда, низ таъсир расонид. Нимаи дуюми солҳои 90-уми асри гузашта бисёриҳо умед доштанд, ки ғайридавлатикунононӣ ва хусусигардонӣ вазъи хоҷагии халқ, аз ҷумла соҳаи кишоварзиро беҳтар мегардонад. Аммо вазъи молиявии ҷумҳурӣ ва хисороти ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба ин имконият надоданд, барои ҳамин таназзули иқтисодӣ идома меёфт. Ин ҳолат ба ноҳияҳои аз минтақаи ҷанги шаҳрвандӣ дур буда, аз ҷумла ба вилояти Суғд низ таъсири амиқ расонид. Ба 1 январи соли 1995 дар ҳудуди ҷумҳурӣ 1393 деҳаи партофта, 21 483 га заминҳои бекор мавҷуд буданд. Аз ҷумла, дар вилояти Суғд 1, 844 гектар замин берун аз истифода қарор дошт [90, 516].

Вазъи ба миён омада зарурияти гузаронидани ислоҳоти аграрӣ ва, пеш аз ҳама қабули қонуни нав дар бораи заминро тақозо менамуд. Қонун «Доир ба ислоҳоти замин» бори аввал 5 марти соли 1992 қабул карда шуд, вале вобаста ба талаби замон ва ҷомеа 21 июли соли 1994 ва 9 ноябри соли 1995 ба ин

қонун як қатор тағйирот ва иловаҳо ворид карда шуданд [20, 385-386]. Ба беҳтар гардидани вазъи кишоварзии ҷумҳурӣ ва, умуман сокинони деҳоти кишвар Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба додани қитъаи замин ба аҳолии деҳот барои истифодаи шахсӣ, ки дар байни халқ бо номи «заминҳои президентӣ» машҳуранд, бештар мусоидат намуд. Фармони аввали Президенти Ҷумҳурӣ доир ба тақсим намудани 50 ҳазор гектар замин 9 октябри соли 1995 ва фармони дуюм доир ба ҷудо намудани 25 ҳазор гектар замин барои хоҷагии шахсии сокинон 1 декабри соли 1997 ба имзо расид [20, 404, 414-415].

Дар натиҷаиислоҳоти соҳаи кишоварзӣ муносибатҳои нави заминдорӣ ба миён омада, ба ҷойи хоҷагиҳои калони давлатию коллективӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва алоҳидаи шахсӣ ташкил ёфтанд. Натиҷаи ниҳоии тадбиру чораҳо ва ислоҳоти соҳа боис шуданд, ки тадриҷан аз соли 1997 сар карда соҳаи кишоварзӣ рӯй ба пешравӣ ва истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ рӯй ба афзоиш биёранд. Соли 2003 дар ҷумҳурӣ ба ивази 350 колхозу совхоз ҳазорҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шахсӣ ташкил ёфтанд. Чунин вазъият дар ноҳияи Масчоҳ низ мушоҳида мегардад ва раванди гузариш ба муносибатҳои нави бозаргонӣ дар соҳаи кишоварзӣ босуръат ба вуқуъ меомад.

Маълумоти бойгонӣ нишон медиҳад, ки новобаста аз мушкилот ва мураккаботи ҷой дошта, ноҳияи Масчоҳ дар давраи аввали истиқлол низ ҳамчун яке аз марказҳои муҳимми аграрии вилояти Суғд ва ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт. Дар соли 2003 майдони умумии замини корам дар ноҳия зиёда аз 55,9 ҳазор гектарро ташкил медод, ки аз он 39,7 ҳазор гектар заминҳои обӣ буданд. Дар муқоиса, майдони умумии вилояти Суғд дар ҳамин давра 395,2 ҳазор гектар замини корамро дар бар мегирифт, ки аз он 269,8 ҳазор гектар обӣ буданд. Ин рақамҳо шаҳодат медиҳанд, ки ҳиссаи ноҳияи Масчоҳ дар истифодаи заминҳои обӣ ба ҳисоби миёна 14-15% маҷмӯи заминҳои обии вилоятро ташкил медодааст. Дар солҳои 2003-2010 дар ноҳия афзоиши теъдоди боғҳои нав мушоҳида мегардад ва танҳо дар давраи солҳои 2006-

2009 дар ноҳия беш аз 400 гектар боғҳои нав бунёд гардидаанд [51, в.9-12]. Дар ҳамин давра вилоят дар маҷмуъ зиёда аз 3 200 гектар боғҳои нав ташкил кард ва ҳиссаи ноҳияи Масчоҳ аз ин шумора 12-13%-ро ташкил медод, ки ин мавқеи ноҳияро боз ҳам дар рушди соҳаи боғдорӣ мустаҳкамтар менамуд.

Маълумоти оморӣ собит месозанд, ки то соли 2010 дар ноҳияи Масчоҳ зиёда аз 12 ҳазор сар чорвои калони шохдор ва 29 ҳазор сар гӯсфанд парвариш мешуд. Дар сатҳи вилоят бошад, ин рақам мутаносибан 111 ҳазор сар чорвои калон ва 298 ҳазор сар гӯсфандро ташкил медод ва аз ин рӯ саҳми ноҳияи Масчоҳ дар чорводорӣ ба ҳисоби миёна 10-12% нишондиҳандаи вилоятро дар бар мегирифт. Соли 2010 хоҷагиҳои ноҳияи Масчоҳ зиёда аз 19,1 ҳазор тонна пахта истеҳсол карданд, ки 66,9% нақшаро ташкил медод. Дар муқоиса, вилояти Суғд дар маҷмуъ зиёда аз 191 ҳазор тонна пахта истеҳсол намуд ва ҳиссаи ноҳия дар ин раванд қариб 10%-ро ташкил медод, ки ин низ як нишондиҳандаи назаррас барои як ноҳия ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, муқоисаи нишондиҳандаҳои омории ноҳияи Масчоҳ бо вилоят собит месозад, ки саҳми ноҳия дар рушди аграрии вилояти Суғд дар ибтидои замони соҳибистиқлолӣ хеле назаррас буда, аз ҷиҳати истифодаи заминҳои обӣ 15%, боғдорӣ 12%, чорводорӣ 10% ва истеҳсоли пахта 10%-ро дар бар мегирифтааст. Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки таҷрибаи ноҳияи Масчоҳ дар давраи истиқлол на танҳо барои таъмини амнияти озуқаворие маҳаллӣ, балки барои иқтисодиёти кишоварзии тамоми минтақа аҳаммияти калидӣ доштааст.

Воқеан кишоварзӣ аз ҷумлаи соҳаҳои асосии хоҷагии халқи ноҳия ба ҳисоб меравад ва дар рушди иқтисодии он мавқеи аввалдараҷаро ишғол менамояд, инчунин бахши зиёди аҳолии қобили меҳнат маҳз дар ҳамин соҳа фаъолият доранд. Майдони умумии заминҳои корами хоҷагиҳои кишоварзӣ 23 255 гектарро ташкил медиҳанд. Дар ин заминҳо ҳар сол кишти зироатҳои гуногуни кишоварзӣ гузаронида мешавад. Самти асосии кишоварзии ноҳия пахтакорӣ буда, дар баробари он, инчунин кишти зироатҳои полезӣ, сабзавот, зироатҳои равғандор, ғалладонагиҳо ва хӯроки чорво ба роҳ монда шудааст.

Пахтакорӣ дар ташаккули шуғли аҳолӣ, беҳтар гардидани сатҳи зиндагии деҳқонон ва ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо ашёи хоми саноатӣ нақши муҳим мегузорад. Рушди соҳаи саноати ноҳия низ то дараҷаи зиёд ба пешрафти пахтакорӣ вобаста мебошад, зеро қисми зиёди корхонаҳои саноатии маҳаллӣ ба коркарди маҳсулоти пахта, аз ҷумла нахи пахта, тухми он ва маҳсулоти иловагӣ машғуланд. Аз ин рӯ, таҳкими пояҳои моддиву техникии хоҷагиҳои пахтакор, ворид намудани навъҳои серҳосили пахта ва татбиқи усулҳои муосири агротехникӣ метавонад ба баланд шудани самаранокии иқтисодии ноҳия мусоидат намояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2005-2014 соҳаи пахтакорӣ дар ноҳияи Масчоҳ зери таъсири як қатор омилҳои иқтисодиву иқлимӣ ва ташкилию техникӣ қарор доштааст. Гарчанде майдони умумии кишти пахта нисбат ба солҳои аввали давра коҳиш ёфта бошад ҳам, вале нишондиҳандаи ҳосилнокӣ тадриҷан афзоиш ёфта, самаранокии истеҳсолот беҳтар гардидааст.

Ҷадвали зерин нишондиҳандаи асосии ин соҳа, майдони кишт, ҳосилнокӣ ва ҳаҷми умумии истеҳсоли пахтаро дар давраи солҳои 2005-2014 инъикос менамояд.

**Ҷадвали 12. – Нишондиҳандаҳои соҳаи пахтакорӣ дар ноҳияи Масчоҳ (солҳои 2005-2014)** [57, 24].

| Соли таҳлил | Масоҳати кишт (га) | Ҳосилнокӣ (с/га) | Ҳаҷми умумии истеҳсол (тонна) |
|---|---|---|---|
| 2005 | 16 000 | 19,6 | 31 403 |
| 2006 | 15 496 | 20,6 | 31 933 |
| 2007 | 15 014 | 19,1 | 28 722 |
| 2008 | 12 380 | 16,8 | 20 856 |
| 2009 | 9 793 | 19,7 | 19 315 |
| 2010 | 10 002 | 21,9 | 21 448 |
| 2011 | 12 894 | 23,3 | 29 869 |
| 2012 | 11 244 | 22,6 | 25 400 |
| 2013 | 10 021 | 25,1 | 25 121 |
| 2014 | 10 918 | 21,0 | 22 931 |

Аз ҷадвали мазкур ошкор мегардад, ки масоҳати заминҳои кишти пахта дар ноҳия аз соли 2005 то соли 2014 рӯй ба таназзул оварда, дар ин муддат 5 082 гектар кам шудаанд ва ҳаҷми умумии истеҳсоли пахта низ аз 31 403

тонна дар соли 2005 то ба 22 931 тонна дар соли 2014 (-8472 тонна) поён рафтааст. Аммо, дараҷаи ҳосилнокии пахта аз ҳар як гектар аз соли 2009 тадриҷан рӯй ба афзоиш ниҳода, аз 19,7 сентнер то ба 21,0 сентнер боло рафтааст. Асосан, чунин вазъ дар аксарияти ноҳияҳои пахтакорӣ ҷумҳурӣ мушоҳида мегардад. Масалан, агар соли 1990 истеҳсоли пахта дар ҷумҳурӣ 842,2 ҳазор тонна (ҳосилнокӣ 27,6 сентнер)-ро ташкил медода бошад, соли 1992 ин нишондиҳанда баробар ба 513,2 ҳазор тонна (ҳосилнокӣ-18,0 сентнер) ва соли 1999 ба 313,1 ҳазор тонна (ҳосилнокӣ-12,7 сентнер) буд. Дар миқёси ҷумҳурӣ аз нав болоравии соҳаи пахтакорӣ аз соли 2000-ум ба мушоҳида мерасад ва соли 2004 истеҳсоли пахта ба 556,8 ҳазор тонна (ҳосилнокӣ-19,1 сентнер) расонида шуд, гарчанде ин тамоюл дар солҳои баъдӣ маҳфуз намонд ва соли 2014 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 372,7 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ гардид [111, 178-179].

Дар вилояти Суғд тибқи маълумоти расмии оморӣ заминҳои кишти пахта аз 88,4 ҳазор гектари соли 1991 то ба 43,0 ҳазор гектар дар соли 2015 кам гардида, ҷамъоварии пахта бошад аз 238,0 ҳазор тонна дар соли 1991 ба 76,6 ҳазор тонна дар соли 2015 поён рафт. Ҳамзамон ҳосилнокии ҳосили пахта аз ҳар як гектар аз 26,9 сентнер дар соли 1991 то ба 17,9 сентнер дар соли 2015 кам гардид [53, 317].

Омилҳои асосии кам гардидани замини кишти пахта ва ҳосилнокии он гуногун мебошанд, вале ба назари коршиносон, пеш аз ҳама нарасидани техникаи замонавии кишоварзӣ, гаронии нархи онҳо, арзиши баланди нуриҳои минералӣ ва маводи сӯхт, паст рафтани ҳавасмандии хоҷагиҳои деҳқонӣ ба парвариши ин зироат, бештар ҳамчун ашёи хом ба хориҷа фурӯхтани он ва дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ побанди «шартномаи фючерсӣ» гардидани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва амсоли инҳо ба ҳисоб меравандл [53, 179]. Ҳамин омилҳо дар ноҳияи асосии пахтакори ҷумҳурӣ-ноҳияи Масчоҳ низ мушоҳида мегардид. Ба замми он дар ноҳия ба ивази колхозу совхозҳои калони пахтакории давраи шуравӣ зиёда аз 1070 хоҷагии алоҳида ташкил ёфтанд, ки 1060 адади он хоҷагии деҳқонӣ буданд. Дар ҷумҳурӣ то

ноябри соли 2006 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба 29 ҳазор расида буд [90, 521], соли 2014 дар кишвар 108 ҳазор чунин хоҷагиҳо мавҷуд буданд. Тибқи маълумоти оморӣ соли 2015 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 1 адад хоҷагии давлатии кишоварзӣ (соли 1991-568 адад) мавҷуд буд ва шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ба 140239 адад (соли 1995-1750 адад) расида буд [53, 309].

Соли 2015 дар ноҳияи Масчоҳ ҳамагӣ 4 671 хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 24 хоҷагии ёрирасон мавҷуд буданд. Дар ҳудуди ноҳия «12 ассотсиатсияи истифодабарандагони об ва беш аз 4 700 хоҷагии деҳқонӣ ва кооперативҳои тиҷоратӣ амал мекунанд» [57, 23]. Ин хоҷагиҳо дар шакли инфиродӣ, оилавӣ ва ҷамъиятӣ ба қайд гирифта шудаанд. Дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ соли 2018 дар ноҳия беш аз 5000 хоҷагиҳои хурду калони деҳқонию фермерӣ таъсис ёфта, ҳосилнокии зироатҳо, аз ҷумла пахта, гандум, зироатҳои равғандор ва полизиҳо, сол аз сол афзоиш ёфт.

Иқлими ноҳия хусусияти континенталӣ дошта, зимистонҳо сард ва тобистонҳо гарму хушк мегузаранд. Миқдори камборишӣ барои киштукор мусоид буда, мавсими беҳтарини кишт асосан ба тирамоҳ ва баҳор рост меояд. Заминҳои кишоварзии ноҳия асосан бо усули сунъӣ обёрӣ карда мешаванд. Барои таъмин кардани хоҷагиҳо бо оби полезӣ 17 пойгоҳи обкашӣ бо 73 дастгоҳи пуриқтидор ва ҳамчунин 7 канали магистралӣ фаъолият менамоянд [57, 32].

Иқтисодиёти ноҳия бештар ба соҳаи кишоварзӣ вобаста аст ва қисми асосии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ низ ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ равона шудааст. Ба ҳолати 1 ноябри соли 2015, «масоҳати умумии заминҳои кишоварзии ноҳия 43189 гектарро ташкил медод. Аз ин шумора, заминҳои корам 23 255 га (53,8%), аз ҷумла заминҳои корами обӣ 21 824 га (50,5%), боғҳои бисёрсола 2 134 га (4,9%) ва чарогоҳҳо 8 197 га (18,9%)-ро ташкил медиҳанд» [57, 23].

**Ҷадвали 13. – Истифодаи коммуникатсионии замин [57. 23].**

| № б/т | Истифодабарии заминҳо | Масоҳат, га |
|---|---|---|
| 1 | Майдони умумии заминҳо | 33 868 |
| 2 | Замини корам | 23 255 |
| 2.1 | аз он замини обӣ | 21 824 |
| 3 | Дарахтони бисёрсола | 2 134 |
| 3.1 | аз ҷумла, обӣ | 2 128 |
| 6 | Чарогоҳ | 8 197 |
|  | Ҳамагӣ заминҳои кишоварзӣ | 33 586 |
| 1 | Заминҳои наздиҳавлигӣ | 2 963 |
|  | аз онҳо: заминҳои обӣ | 1 735 |
| 2 | Заминҳои хоҷагии шахсӣ (ҳамаш обӣ) | 1 411 |
| 2.1 | аз ҷумла: обӣ | 1 311 |
| 3 | Ҷангалу бешазор | 403 |
| 4 | Бутазор | 45 |
| 5 | Ботлоқ | 0 |
| 6 | Заминҳои зери об | 1 722 |
| 7 | Роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар | 664 |
| 8 | Заминҳои зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо | 969 |
| 9 | Дигар заминҳо | 1 426 |

Соли 2014 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба соли 2013 ба андозаи 109,4% афзоиш ёфт. Ба ҳисоби ҳар як сари аҳолӣ истеҳсоли ғалладонагиҳо 71 кг, сабзавот 123 кг, шир 166 кг, гӯшт 25,5 кг ва тухм 105 донаро ташкил медод.

Дар соҳаи растанипарварӣ соли 2014 ҳаҷми истеҳсол дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба 294 348,0 ҳазор сомонӣ баробар гардид, ки ин нисбат ба соли 2013 ба андозаи 115,6% зиёд буд. Дар сохтори маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи растанипарварӣ то ба 73% боло рафт. Дар ҳамин давра истеҳсоли маҳсулоти асосии растанипарварӣ чунин буд: пахта-22 931 тонна, ғалладона-7 956 тонна, сабзавот - 13 642 тонна, мева - 596 тонна ва ангур-231 тонна.

**Ҷадвали 14. – Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ дар солҳои 2010-2014 [57, 24].**

| № | Нишондиҳанда | Воҳиди ченак | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2014 бо % нисбат ба 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ | ҳаз. сомонӣ | 250 209 | 269 119 | 338 156 | 346 396 | 407 406 | **162,8** |
| 2. | аз ҷумла, растанипарварӣ | ҳаз. сомонӣ | 178 164 | 195 877 | 247 504 | 254 512 | 294 348 | **165,2** |
| 3. | чорводорӣ | ҳаз. сомонӣ | 72 045 | 73 242 | 90 652 | 91 884 | 113 058 | **156,9** |
| 4. | Ғалладонагиҳо | тонна | 6 617 | 4 743 | 5 685 | 6 378 | 7 956 | **120,2** |
| 5. | Пахта | тонна | 21 448 | 28 596 | 25 400 | 25 121 | 22 931 | **106,9** |
| 6. | Сабзавот | тонна | 11 902 | 11 745 | 11 784 | 12 772 | 13 642 | **114,6** |
| 7. | Картошка | тонна | 1 529 | 1 970 | 2 162 | 2 090 | 1 706 | **111,6** |
| 8. | Меваҷот | тонна | 510 | 502 | 560 | 565 | 596 | **116,9** |
| 9. | Ангурпарварӣ | тонна | 30 | 182 | 221 | 225 | 231 | **770,0** |
| 10. | Хӯроки чорво | тонна | 29 877 | 26 781 | 33 550 | 35 324 | 47 312 | **158,4** |
| 11. | Полезӣ | тонна | 25 204 | 18 779 | 27 910 | 29 438 | 32 276 | **128,0** |
| 12. | Гӯшт | тонна | 2 241 | 2 300 | 2 514 | 2 559 | 2 824 | **126,0** |
| 13. | Шир | тонна | 16 508 | 14 443 | 17 768 | 17 893 | 18 144 | **109,9** |
| 14. | Тухм | тонна | 7 589 | 6 617 | 9 231 | 9 753 | 11 570 | **152,4** |
| 15. | Асал | тонна | 14 | 14 | 15 | 15 | 15 | **107,1** |
| 16. | Пилла | тонна | 6 | 11 | 3 | 7 | 5,4 | **90,0** |
| 17. | Пашм | тонна | 48 | 51 | 54 | 58 | 62 | **129,2** |
| 18. | Моҳӣ | тонна | 0 | 0 | 0 | 2 | 3 | – |

Дар асоси таҳлили маълумоти омории солҳои 2010-2014 маълум мешавад, ки ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти растанӣ бо нархҳои муқоисавӣ 162,8% афзоиш ёфтааст. Дар ин замина, истеҳсоли пахта 106,9%, сабзавот 114,6%, меваҷот 116,9%, ангурпарварӣ 7,7 маротиба, хӯроки чорво 1,6 маротиба ва полезӣ 128% нисбат ба соли 2010 зиёд гардидаанд [57, 24].

Соҳаи кишоварзӣ - яке аз самтҳои афзалиятноки ҳаёти ҷумҳурӣ дар ноҳия сол аз сол беҳбудӣ ёфта, ба рушди бахшҳои саноат, шуғли аҳолӣ, имкониятҳои содиротии ноҳия такони ҷиддӣ бахшидааст. Тибқи дурнамо соли 2016 дар зиёда аз 21 ҳазор гектар зироати баҳорӣ кишт шуд ва кишоварзон аз боду ҳавои мусоид истифода намуда, суръати коштани зироатҳои гуногунро вусъат доданд, ки ба натиҷаи хуб ва дастовардҳои назаррас ноил шуданд. Дар нимаи аввали соли 2016 ҳаҷми маҳсулот дар ҳама

шаклҳои хоҷагидорӣ - ғалла, сабзавот, полезӣ ва меваи донакдор назар ба шашмоҳаи соли гузашта мутаносибан аз 122 то 311% афзудааст. Дар ин давра қариб 800 гектар замини аз гардиши кишоварзӣ берун монда бо қарори алоҳида ба фонди махсуси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ворид карда шуд. Дар майдони 68 гектари он боғи сиёҳолу бунёд ёфт. Рушди кишоварзӣ ва сол ба сол афзудани ҳаҷми маҳсулот барои ҷоннок сохтани бахши саноат имконияти заруриро ноҳия фароҳам овард.

Қабули «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Масчоҳ барои солҳои 2016-2020» ба рушди соҳаи кишоварзии ноҳия низ мусоидат намуд. Тибқи ин барнома солҳои 2016-2018 дар соҳаи кишоварзӣ 15 адад чоҳи амудӣ ба маблағи умумии 6575, ҳазор сомонӣ (дар барнома 10 адад), 83 адад гармхонаҳои парвариши помидор ва бодиринг дар майдони 8,16 га аз ҳисоби маблағҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар доираи 2700,0 ҳазор сомонӣ, марказҳои байторӣ дар ҷамоатҳои Масчоҳ, Оббурдон, Палдорак, Навбаҳор, Суғдиён ба маблағи умумии 350,0 ҳазор сомонӣ, таъмиру барқарорсозии пойгоҳҳои обкашӣ аз ҳисоби маблағҳои Агентии беҳдошти замини ноҳия ва дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ба маблағи 5600,0 ҳазор сомонӣ, барқарорсозии каналҳо ва тоза намудани заҳбурҳо ба маблағи 464,1 ҳазор сомонӣ, ташкили маркази хизматрасонии ҷамоати Палдорак 11000 ҳазор сомонӣ, ташкили токзорҳо аз ҳисоби заминҳои бекорхобида ба маблағи 386,0 ҳазор сомонӣ, чорабиниҳо оид ба ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ доир ба беҳтар намудани фаъолияти Хадамоти мубориза бар зидди ҳашарот - 994,2 ҳазор сомонӣ, ҷамъ 18671,3 ҳазор сомонӣ маблағҳо сафарбар карда шуданд ва иҷрои барнома дар ин соҳа 100,4%-ро ташкил медод [135, 3-4]. Инчунин бо дастгирии роҳбарияти вилояти Суғд дар мавсими корҳои саҳроӣ барои беҳтар намудани таъминоти хоҷагиҳои кишоварзӣ бо оби полезӣ ва харидории 200 метр лӯлаҳои баландфишор барои пойгоҳҳои обкашии «Дилварзин-1» 2300,0 ҳазор сомонӣ маблағ равона гардид ва ин дастгирии саривақтӣ ва бамаврид барои кишоварзони ноҳия буд. Умуман, дар давоми солҳои 2016-2018 дар ноҳия зиёда аз 130

кооператив ва корхонаҳои хурд ташкил ёфтанд. Ин солҳо дар ноҳия зиёда 120 нафар агроном, 60 нафар муҳандис, 32 нафар зоотехник, 52 нафар иқтисодчӣ ва дигар мутахассисон кор мекарданд [135, 3-4].

Тибқи маълумот солҳои охир бозорҳои калонтарини вилояти Суғд ва баъзе бозорҳои пойтахти мамлакат бо сабзавоти хушсифат ва меваҳои ноҳияи Масчоҳ пайваста таъмин карда мешаванд, ки ин, пеш аз ҳама, барои беҳтар шудани некӯаҳволии мардум мусоидат мекунад.

Соли 2021 кишоварзони ноҳияи Масчоҳ «дар майдони 8890 гектар пахта кишт намуданд ва, умуман тибқи маълумоти оморӣ, то 5 ноябри ҳамин сол дар ноҳия 19 143 тонна пахта ҷамъоварӣ гардид, ки 66,9% нақшаро ташкил медод» [168]. Ин нишондиҳанда шаҳодат медиҳад, ки соҳаи пахтакорӣ дар ноҳия дар сатҳи назаррас рушд карда, иқтидори истеҳсолӣ бо талаботи стратегӣ ҳамоҳанг мебошад.

Дар рушди соҳаи кишоварзии ноҳия нақши соҳибкорони маҳаллӣ хеле назаррас мебошад. Таҳлил нишон медиҳад, ки шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар семоҳаи аввали соли 2020 5744 нафарро ташкил медод ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 (5401 нафар) 343 нафар афзоиш ёфтааст, ки ин нишондиҳандаи мусбати таъсири сиёсати дастгирии соҳибкорӣ ва иштироки фаъолонаи бахши хусусӣ мебошад. Ин афзоиш ба тавсеаи имкониятҳои иқтисодӣ, ҷалби сармояи маҳаллӣ ва беҳтар гардонии сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамуд [157, 8].

Умуман, дар «ноҳияи Масчоҳ танҳо дар солҳои 2018-2021 зиёда аз 531 иншоот ва биноҳо бунёд ва азнавсозӣ гардида, то соли 2020 369 иншоот ба истифода супорида шуд. Ҳукумати Тоҷикистон дар давоми 30 соли истиқлол барои рушди устувори иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳия беш аз 565 миллион сомонӣ маблағ ҷудо намуда, илова бар ин 19 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ барои барқарорсозии инфрасохтор, муассисаҳои таълимӣ ва тандурустӣ, роҳҳо, хатҳои интиқоли барқ ва рушди пахтакорӣ бо маблағи зиёда аз 209 миллион сомониро равона намудааст» [12].

То соли 2021 дар ноҳияи «5 ҳазору 500 хоҷагии деҳқонӣ мавҷуд аст. Масоҳати замини корам 23 ҳазору 325 гектарро дар бар мегирад, ки 21 ҳазору 910 гектари он замини обӣ мебошад» [13].

Ҳамин тавр, таҳқиқи нишон дод, ки новобаста аз норасоию камбудиҳо ва мушкилот дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, гузариш аз як низоми марказонидашудаи идоракунӣ ба шакли нави муносибатҳои истеҳсолӣ ноҳияи Масчоҳ ҳамчун яке аз минтақаҳои асосии кишоварзии ҷумҳурӣ мақоми худро аз даст надодааст. Ноҳия дар партави сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи ҳукумати кишвар таҳти сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва таваҷҷуҳу дастгирии бевоситаи мақомоти олии роҳбарии ҷумҳурӣ, тарҳрезии барномаҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддати давлатии рушд, маблағузории ҳадафмандона ва, муҳимтар аз ин таъмини суботу оромии ҷомеаи кишвар тадриҷан рӯй ба инкишоф оварда, дар ду даҳсолаи охир дар самти кишоварзӣ ба дастовардҳои шоён ноил гардидааст.

## 3.2. Ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони истиқлолият

Ба шарофати таъмини сулҳу ваҳдат пешрафти устувори соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва татбиқи пайгиронаи ҳадафҳои стратегии ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ ҷумҳурии соҳибистиқлол ва, аз ҷумла ноҳияи Масчоҳ рӯй ба рушд ниҳод. Пешрафти иқтисодӣ ва фазои орому осоишта барои ҳаёти фаъолонаи ҷамъиятию фарҳангии шаҳрвандон имконоти хуб ва шароити мусоидро фароҳам оварданд. Имрӯз кишвари тозаистиқлол зери парчами сиёсати мудаббиронаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марҳалаи нави рушду пешрафт қарор дошта, баҳри истиқболи сазовори 35-солагии истиқлоли давлатӣ ба корҳои ободонию бунёдкорӣ вусъати тоза мебахшанд. Бо таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҷашни хуҷаста «ҳамчун рамзи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва эҳсоси баланди ватандориву ватандӯстӣ метавонад ба сифати ғояи бузурги миллӣ

ҳар як фарди бонангу номуси миллатро ба ҷодаи ободкориҳои нав ҳидоят намояд» [10].

Ҳаёти ҷамъиятию фарҳангии ноҳия Масчоҳ дар радифи корҳои созандаву бунёдкоронаи замони соҳибистиқлолӣ аз ҳолати карахтии ибтидои давра ва таъсири ҳаводиси сиёсию ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ тадриҷан озод шуда, ба мароми муназзами рушд ворид гардид. Воқеан, пас аз ба даст омадани ваҳдат ва ягонагӣ дар ҷомеаи кишвар, пойдор гардидани зиндагии осоишта, сокинони ноҳияи Масчоҳ дар самти маорифи халқ, тандурустӣ, фарҳангу маърифат ва худшиносию дарки ватандорӣ дастовардҳои назаррасеро соҳиб гардиданд.

**Маорифи халқи ноҳия дар замони истиқлол**

Дар ибтидои замони соҳибистиқлолӣ душворию мураккаботи ба миён омада ба низоми маорифи ҷумҳурӣ, аз ҷумла соҳаи маорифи ноҳияи Масчоҳ низ таъсири амиқи худро расониданд. Дар Масчоҳ низ раванди пастшавии таълиму тарбия, таъминоти мактабҳо бо омӯзгорон, норасоии васоиту адабиёти таълимӣ, ҳодисаҳои мактабро тарк намудани омӯзгорони соҳибкасб, аз таълим берун мондани хонандагон, харобшавии пойгоҳи моддию таълимии муассисаҳои таълимӣ мушоҳида мешуданд. Вале баробари ин бо талоши мақомоти давлатию аҳли ҷамоатчигии ноҳия низоми маориф ва муассисаҳои таълимӣ аз фаъолият боз намонда, новобаста ба мушкилиҳо дар дараҷаи имконият раванди таълиму тарбияро нигоҳ медоштанд.

Дастоварди муҳимми ноҳия дар низоми маориф, пеш аз ҳама дар нигоҳ доштани теъдоди муназзами хонандагони муассисаҳои таълимӣ аз ибтидои замони соҳибистиқлолӣ то инҷониб мебошад. Агар дар ибтидои соли таҳсили1991/92 шумораи хонандагони мактабҳои ноҳия 21,5 ҳазор нафарро ташкил медод, дар солҳои таҳсили 1995/96 -23,0 ҳазор, 2000/01-22,2 ҳазор , 2005/06-22,8 ҳазор, 2010/11-20,5 ҳазор, 2015/16-21,1ҳазор, 2017/18-23,2 ҳазор, 2018/19-24,3 ҳазор ва соли хониши 2019/20 ба 25,2 ҳазор нафар баробар буд. Соли 2021 дар ноҳия ҳамагӣ 47 мактаб амал менамуд, ки дар он 26,6 ҳазор нафар хонандагон таҳсил менамуданд [54, 89]. Таҳлили рақамҳои

овардашуда нишон медиҳад, ки дар шумораи хонандагони мактабҳои ноҳия калавиши бузурге ҷой надорад, асосан, ғайр аз соли таҳсили 2010/11, ки шумораи хонандагон то ба 20,5 ҳазор нафар (2,3 ҳазор нафар камтар аз соли таҳсили 2005/06) кам гардидааст, дигар вобаста ба афзоиши табии аҳолии ноҳия ҳар сол моил ба зиёдшавӣ дорад.

Аҳолии ноҳия дар давоми солҳои 1991-2021 пайваста дар афзоиш буд, агар соли 1991 дар ноҳия 88,6 ҳазор нафар сукунат доштанд, пас соли 2005-ум теъдоди аҳолӣ ба 92,5 ҳазор нафар, соли 2015 -117,0, соли 2020-129,7 ва соли 2021 ба 132,5 ҳазор нафар расида буд [55, 25-26]. Ба ҳисоби миёна ҳар сол аҳолии ноҳия аз 2,5 то 3 ҳазор нафар зиёд мегардид [55, 35-36].

Шумораи омӯзгорони мактабҳои ноҳия низ тибқи маълумоти оморӣ раванди таъминоти муассисаҳои таълимиро бо мутахассисони зарурӣ пурра тасвир менамояд. Соли таҳсили 1991/92 дар макотиби ноҳия 1,5 ҳазор нафар омӯзгорон машғули фаъолият буданд. Соли таҳсили 1995/96 шумораи онҳо то 200 нафар (1,7 ҳазор) зиёд гардида, аммо солҳои оянда (2005-2011) то 1,4 ҳазор нафар кам мегардад ва солҳои дигар аз нав рӯй ба афзоиш меорад. Соли таҳсили 2020/21 бошад дар ноҳия 1,8 ҳазор нафар омӯзгорон кор мекарданд [54, 92].

Тибқи маълумоти овардаи рӯзномаи ноҳиявии «Машъал» [134, 2] соли 1998 дар ноҳия 41 муассисаи таълимӣ фаъолият дошт, ки дар онҳо 19 646 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд ва ин омор аз нигоҳдории шабакаи асосии муассисаҳои таълимӣ шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди мушкилоти молиявӣ ва иҷтимоии давраи гузариш, муассисаҳои таълимӣ асосан бо кадрҳои педагогӣ таъмин буданд, ҳарчанд масъалаи устувории ҳайати омӯзгорон боқӣ монда, қисми омӯзгорон бинобар паст будани музди меҳнат ва вазъи душвори иқтисодӣ тарки фаъолият менамуданд. Албатта, ин раванд хусусияти оммавӣ надошт, вале ба сифати таълиму тарбия таъсири муайян мерасонд ва зарурати андешидани тадбирҳои иловагии ҳавасмандгардонии омӯзгоронро ба миён мегузошт.

Яке аз масъалаҳои мубрами соҳа дар ин давра тарки таҳсил намудани хонандагон буд, агар соли 1995 шумораи тарки хонандагон 235 нафарро ташкил медода бошад, дар соли таҳсили 1996/97 ин нишондиҳанда то ба 118 нафар коҳиш ёфт. Ҷиҳати беҳтар намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ як қатор чораҳо амалӣ шуданд, аз ҷумла соли 1998 бо қарори ҳукумати ноҳия барои муассисаҳои таълими 2-3 гектар ҷудо намудани қитъаи замин ба мактабҳо ва ҷалби хоҷагиҳои деҳқонӣ барои дастгирии онҳо роҳандозӣ гардид. Ҳамзамон, истифодаи техника ва воситаҳои мавҷуда барои беҳтарсозии вазъи иқтисодии муассисаҳо ба роҳ монда шуд, ки ин аз ҷустуҷӯи роҳҳои алтернативии дастгирии соҳа дарак медод [134, 2].

Вазъи мактабҳои ноҳия дар ҳисоботи раиси ноҳия оид ба иҷрои нақшаю барномаҳои тараққиёти хоҷагии халқ дар соли 1997 ва вазифаҳо дар соли 1998 дар иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси вакилони халқи ноҳия низ мавриди баррасӣ қарор гирифт [134, 1-3]. Дар ҳисоботи мазкур вазъи воқеии муассисаҳои таълимӣ муҳокима шуда, камбудиҳои дар фавқ зикршуда як ба як номбар гардиданд. Ҳамзамон таъкид шуд, ки яке «аз масъалаҳои ҷиддӣ, ки аз назари аҳли ҷамоатчигӣ бояд берун намонад, масъалаи аз мактаб берун мондани хонандагон мебошад. Се сол пеш зиёда аз 70 нафар ба талабагони мактаб аз Сарои Мардон ва мавзеи Навобод, хоҷагии ба номи Калинин, қисме аз хонандагон аз деҳаи Сайфиддин, фермаҳои хоҷагиҳои «Правда», «Зарафшон», ба номи Фирдавсӣ, ба номи Ф.Султонов, совхоз-коллеҷ (маҳаллаи лагер) ба мактаб намерафтанд» [134, 1-3]. Масъалаи муҳимми дигаре, ки дар ин ҷаласа баррасӣ гардид, ин идомаи таҳсили духтарон дар синфҳои болоӣ буд. «Бисёр ташвишовар аст, - таъкид мешавад дар маърӯзаи роҳбари ноҳия,- ки дар синфҳои болоӣ хондани духтарон кам шуда истодааст. Ба наздикӣ фармони Президент дар бораи ба мактабҳои ҷумҳурӣ қабул намудани духтарон аз ноҳияҳои дурдаст ба таҳсил ва бо тамоми шароит таъмин кардани онҳо баромад, ки ин бояд роҳбарони хоҷагиҳо, ҷамоатҳо, ташкилоту корхонаҳо супорида шавад, ки ба масъалаи маориф

ҷиддитар машғул шаванд ва хуб мешуд, ки дар нақшаи кори ҳукумат барои соли 1998 ҳисоботи 1-2 хоҷагӣ оид ба ғамхорӣ ба маорифи халқ дар назар дошта шавад» [134, 1-3]. Ҳамзамон роҳбари ноҳия аз кӯмаки муассисаҳои таълимӣ дар ҷамъоварии пахта изҳори минатдорӣ намуда, ҳисобот медиҳад, ки бо кӯшиши хонандагони мактабҳо дар ноҳия наздики 12 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ гардид [134, 1-3].

Соли таҳсили 2003/04 дар ноҳия ҳамагӣ 47 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият менамуд, ки аз он 3-тояш литсей ва 4-тояш гимназияи ғайридавлатӣ буданд. Теъдоди умумии хонандагон 22 713 нафарро ташкил медод ва аз ин шумора 9 980 нафараш духтарон буданд. Дар муассисаҳои таълимӣ 1 549 нафар омӯзгор фаъолият мекарданд, ки 713 нафари онҳоро занон ташкил медоданд. Аз шумораи умумии кормандони соҳаи маориф 802 нафар дорои маълумоти олӣ ва 473 нафар дорои маълумоти миёнаи педагогӣ буданд. Аз ҷумлаи хатмкунандагони синфҳои 11-ум 118 нафар ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ қабул гардиданд, ки 38 нафари онҳоро духтарон ташкил медоданд. Дар ҳамин соли таҳсил нақшаи муқарраршудаи қабул тибқи квотаи президентӣ аз ноҳия пурра иҷро гардид, ки мутобиқи он 15 нафар духтарон ба макотиби олии ҷумҳурӣ қабул гардиданд [158].

Шумораи умумии омӯзгорони ноҳия дар соли таҳсили 2014/15 ба 1 528 нафар расид, ки аз ин 843 нафарро занон ташкил медоданд. Аз ҷумла, 938 нафар омӯзгорон дорои таҳсилоти олӣ, 61 нафар дорои таҳсилоти олии нопурра ва 529 нафар дорои таҳсилоти миёнаи махсуси касбӣ буданд. Дар ҳамин соли таҳсил барои макотиби ноҳия 14 нафар омӯзгорони дорои таҳсилоти олӣ намерасиданд, ки асосан омӯзгорони фанҳои забонҳои хориҷӣ, физика, математика ва технологияи иттилоотӣ буданд [57, 50].

Тибқи маълумоти омории соли 2020, дар ҳудуди ноҳия 45 адад муассисаҳои таълимӣ фаъолият доштанд, ки аз ин шумора 35 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 8 муассисаи таҳсилоти миёнаи асосӣ ва 2 муассисаи шакли литсей ташкил медоданд. Дар маҷмӯъ дар мактабҳои ноҳия 21 068 нафар хонандагон ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда буданд. Зикр

кардан ба маврид аст, ки 38 муассисаи таълимӣ дар минтақаи деҳот ҷойгир буданд. Илова ба ин, дар ноҳия 9 кӯдакистон ва як қатор муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла Литсейи касбии саноатию кишоварзӣ, Коллеҷи кишоварзӣ ва Коллеҷи омӯзгорӣ амал менамуданд [57, 48-49].

Соли таҳсили 2020/21 шумораи муассисаҳои таълимии ноҳия ба 47 адад расид [54, 89], ки аз ин миқдор 42-тои онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 3 муассисаи таҳсилоти асосии умумӣ (нӯҳсола) ва 1 литсей ва 1 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ғайридавлатӣ ташкил медоданд. Дар таълиму тарбияи хонандагон 1 860 нафар омӯзгорон, аз ҷумла 1 339 нафар омӯзгорони дорои таҳсилоти олӣ, 491 нафар омӯзгорон бо маълумоти миёнаи махсус, 543 нафар омӯзгорон бо категория олӣ, 420 нафар омӯзгорон бо категория 1-ум, 1 305 нафар омӯзгорон бо категорияи 2-юм ва 562 нафар омӯзгорони бекатегория машғули фаъолият буданд [52].

Дар рушди низоми мактабу маорифи ноҳия нақши омӯзгорони шинохта ва соҳибтаҷриба хеле муассир мебошад. Номи садҳо омӯзгорони асил, ки ҳамчун машъалафрӯзони дониш ва пешоҳангони фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ шинохта шудаанд, дар саҳифаҳои таърихи ноҳия сабт гардидаанд. Рӯзгор ва фаъолияти маънавии онҳо на танҳо таҷрибаи арзандаи таърихӣ, балки ҳамзамон сарчашмаи ибрат барои наслҳои имрӯзу фардо ба шумор меравад. Маҳз бо хизмату заҳмати омӯзгорон ва фаъолияти бомароми муассисаҳои таълимӣ сатҳи маърифатнокии аҳолӣ, пеш аз ҳама кормандони соҳаи маорифи ноҳия, дорандагони таҳсилоти олию миёнаи касбӣ пайваста дар афзоиш буд, ки аз он ҷадвали зер гувоҳӣ медиҳад.

**Ҷадвали 15. – Сатҳи умумии маълумотнокии кормандони соҳаи маориф (2012-2014)** [57, 25].

| Намуди маълумотнокӣ | 2012 (ҳамагӣ) | 2012 (занон) | 2013 (ҳамагӣ) | 2013 (занон) | 2014 (ҳамагӣ) | 2014 (занон) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Олии касбӣ | 901 | 353 | 938 | 380 | 955 | 392 |
| Миёнаи махсус | 513 | 413 | 529 | 422 | 534 | 435 |
| Миёна | 1414 | 760 | 1467 | 802 | 1489 | 827 |

Яке аз муассисаҳои калони таълимии касбии ноҳия Коллеҷи кишоварзии Масчоҳ мебошад, ки ҳанӯз дар замони шуравӣ ташкил ёфта буд. Ин муассиса

бо қарори Шурои иқтисодии Осиёи Миёна ва Комиссариати халқии ҶШС Ӯзбекистон аз 9 октябри соли 1928 дар шаҳри Хуҷанд ҳамчун техникуми хоҷагии қишлоқ таъсис ёфт ва аз 28 апрели соли 1929 баъди ба ҶМШС Тоҷикистон ҳамроҳшавии округи Хуҷанд номи техникуми марказии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистонро гирифт. Баъдан ин муассиса чандин маротиба ивази ном ва макон намудааст, аз ҷумла соли 1943 техникуми хоҷагии қишлоқи Ленинобод, соли 1960 совхоз-техникуми ба номи В.И.Ленини ноҳияи Масчоҳ, аз 1 августи соли 1993 совхоз-коллеҷи ноҳияи Масчоҳ ва аз соли 1998 коллеҷи кишоварзии ноҳияи Масчоҳ ва билохира, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи кишоварзии Масчоҳ» номгузорӣ шудааст.

Дар ин муассисаи таълимии касбӣ «1 сентябри соли 2015 ба донишҷӯён 39 нафар омӯзгорон, аз ҷумла 4 нафар занон таълим медоданд. Аз шумораи умумии омӯзгорон 31 нафари онҳо омӯзгорони асосӣ, 8 нафар омӯзгорони ҳамкор буданд. Аз ҷумла, 9 нафар Аълочиёни маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25 нафар омӯзгорони дараҷаи олӣ буданд. Дар муассиса 688 нафар донишҷӯён ба таҳсил машғул буданд, ки 71 нафарашонро духтарон ташкил медоданд» [57, 53].

Муассиса дорои пойгоҳи хуби моддию таълимӣ мебошад, аз ҷумла 80 синфхона ва 34 кабинети таълимии мувофиқи имконият таҷҳизонида шуда аст, ки ба талаботи муосир нисбатан ҷавоб дода метавонанд. Кабинетҳои компютерӣ 3 адад буда, бо 25 адад компютер ҷиҳозонида шудаанд. Илова ба таҳсилот дар устохонаҳои таъмирӣ донишҷӯён касбҳои харротӣ, челонгарӣ, кафшергарӣ, таъмири трактору автомобилро меомӯзанд. Ин имконият медиҳад, ки илова ба маълумоти миёнаи касбӣ донишҷӯён соҳиби касбҳои «Челонгар», «Кафшергар», «Ронандаи трактор», «Ронандаи автомобил» гарданд. Ба замми ин муассиса дорои 120 га заминҳои хоҷагии таълимӣ мебошад, ки дар ин майдонҳо зироатҳои гуногуни кишоварзӣ парвариш карда мешаванд. Муҳлати таҳсил дар шуъбаи рӯзонаи коллеҷ баъди таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9) - 4 сол, баъди таҳсилоти умумӣ (синфи

11) - 3 сол; дар шуъбаи ғоибона баъди таҳсилоти умумӣ (синфи 11) - 3 солу 6 моҳ муқаррар шудааст.

Ғайр аз ин дар ноҳия Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Масчоҳ», ки 15 июли соли 1991 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ёфтааст, амал менамояд. Коллеҷ дар бинои собиқи хобгоҳи Омӯзишгоҳи касбии техникии №35-и ноҳия ҷойгир буд ва аз рӯи 6 ихтисос омӯзгор тайёр менамуд. Аз ҷумла, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, забони русӣ, забони англисӣ, забон ва адабиёти тоҷик, биология ва математика тайёр менамуд. Шумораи донишҷӯёни ин муассиса дар гурӯҳҳои хониши рӯзона 305 нафар ва дар шуъбаи ғоибона 314 нафар, ҷамъ 619 нафарро ташкил медод. Коллеҷ ду бинои таълимӣ, 22 синфхона, 1 озмоишгоҳ, 1 китобхона, 1 ҳуҷраи бойгонӣ, маҷлисгоҳ барои 250 нафар, 1 хонаи омӯзгорон, 1 хонаи методӣ ва 10 утоқи корӣ дошт [57, 55].

Илова ба ин ду муассисаи таълимии касбии миёна дар ноҳия Литсейи касбӣ-саноатии кишоварзии ноҳияи Масчоҳ фаъолият дошт, ки ҳанӯз бо қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 3-юми майи соли 1960 ҳамчун Омӯзишгоҳи касбии техникии №35 ташкил ёфта буд. Литсей муассисаи давлатии таълимӣ буд ва аввал дар тобеати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт ва аз соли 2024 ба тобеияти Кумитаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касби ҷумҳурӣ гузашт.

Дар литсей 40 нафар омӯзгорони соҳибдиплом, 25 нафар устоҳои таълимии истеҳсолӣ ва 51 нафар кормандони техникии махсус ба таълими ихтисосҳо ва тарбияи хонандагон машғул буданд. Дар соли хониши 2015/16 литсей 464 нафар хонанда, аз ҷумла 54 нафар духтаронро ба таълим фаро гирифта буд ва ҷавононро аз рӯи ихтисосҳои тракторчӣ-мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ бо касби иловагии ронандаи автомобил (дараҷаи «С»), кафшергар, низоми компютерӣ ва интернет-технология, дӯзанда, муҳосиб (бо донистани компютер), васлгари барқӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизоти барқӣ, челонгар оид ба таъмири муҳаррики

автомобил бо касби иловагии ронандаи автомобил (дараҷаи «С») касб меомӯзонд [57, 56].

Дар литсей утоқҳои таълимӣ аз рӯи ҳамаи ихтисосҳо, устохонаҳои таълими истеҳсолӣ, толори маҷлис барои 200 ҷойи нишаст, толори варзишӣ, майдончаи варзишӣ, ошхона ва хобгоҳ, барои таълими амалии хонандагон 4 адад автомашина, 3 адад тракторҳои гуногунтамғаро соҳиб буд. Ғайр аз ин, литсей 45 гектар замини хоҷагии ёрирасон дошт, ки 40 гектари он замини обӣ буд [57, 56].

Дар замони соҳибистиқлолӣ барои рушди соҳаи маорифи ноҳия, пеш аз ҳама таваҷҷуҳи Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ, ки ҳамеша рушди маориф ва мувофиқ гардонидани он ба талаботи ҷаҳони муосир дар меҳвари фаъолияташон мебошад, ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Ғайр аз ин ҳанӯз аз ибтидои замони соҳибистиқлолӣ ҳадафмандона ислоҳоти низоми маориф дар ҷумҳурӣ ба роҳ монда шуд, ки боиси бештар таҳким ёфтани пояҳои моддию таълимии муассисаҳои самти омӯзишу парвариш, бунёди биноҳои замонавии таълимӣ, таъмири биноҳои мавҷудаи мактабҳо, саросар фаро гирифтани кӯдакони синнусоли мактабӣ ба таълим, ҷалби пурраи духтарон ба хониш ва касбомӯзӣ, ҷорӣ намудани низоми қабули духтарони ноҳияҳои дурдаст тибқи квотаи президентӣ ба макотиби олӣ гардид. Ин сиёсати маорифпарварона ба пешрафти низоми маорифи ҷумҳурӣ на танҳо дар шаҳрҳою марказҳои калони аҳолинишин, балки дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ, ҳатто манотиқи дурдасти кӯҳӣ низ мусоидат намуд.

Як падидаи ҷолиби замони соҳибистиқлолӣ дар он аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раванди рушди ҳар як навоҳии ҷумҳурӣ, махсусан вазъи маорифу ҳаёти фарҳангии ҳар яки онҳо диққат дода, ҳангоми сафарҳои хидматӣ аз рафти иҷрои нақшаву супоришҳо бевосита дидан менамянд. Аз ҷумла, ҳар як ташрифи Президенти ҷумҳурӣ ба ноҳияи Масчоҳ барои пешрафт ва рушди ин ноҳия, ба вижа низоми маорифи он такони ҷиддие мегардид.

Аз ҷумла, ҳангоми суханронии худ дар маросими ифтитоҳи варзишгоҳи асосии ноҳия 14 сентябри соли 2020 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат таъкид намуданд: «Дар замони соҳибистиқлолӣ дар ноҳия 17 муассисаи таҳсилоти умумӣ, 12 муассисаи томактабӣ, 39 муассисаи тиббӣ, 30 иншооти фарҳангӣ, 7 варзишгоҳ, 41 толори варзиш, 28 майдончаи варзиш, 2 меҳмонхона, 130 километр роҳи мошингард, 17 пойгоҳи обкашӣ ва 3 маркази хизматрасонии техникаи кишоварзӣ сохта, ба истифода дода шудааст» [12].

Дар ин сафари худ соли 2011 ҳамчунин Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи «Ҷавонӣ»-и ҷамоати деҳоти Палдорак муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии замонавиро ба истифода супориданд. «Ин муассисаи таълимӣ аз ҳисоби буҷет ба маблағи қариб якуним миллион сомонӣ бунёд гардида, ҳамзамон бо ин, барои сохтмони толори варзишии он иловатан 350 ҳазор сомонӣ маблағ сарф шудааст. Ин муассисаи таълимӣ бо тамоми шароити таҳсил, синфхонаҳои муосири барҳаво, синфи компютерӣ ва утоқҳои омӯзгорон муҷаҳҳаз мебошад ва барои 480 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст» [5].

Моҳи марти соли 2016 зимни сафари навбатии кории худ ба ноҳияи Масчоҳ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Андарваշти ҷамоати деҳоти Оббурдон муассисаи нави таълимиро ба истифода дода, барои бунёди шаҳраки наву замонавии «Меҳробод» санги асос гузоштанд [7].

Барои сохтмони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №36 дар маҳаллаи Андарвашт ба маблағи 5 миллион сомонӣ [9], чоҳи амудии оби нӯшокӣ дар маҳаллаи Ферегет, Ҷамоати деҳоти Оббурдон 300,0 ҳазор сомонӣ маблағ сарф гардидааст. Дар ин давра дар деҳаи Азизободи Ҷамоати деҳоти Масчоҳ аз ҷониби соҳибкор Ф. Шарифов ҳашт синфхонаи иловагӣ ва толори варзишӣ барои МТМУ №38 бунёд шуд. Ҳамчунин, бо маблағгузориҳо аз ҳисоби буҷаи вилоят филиали МТМУ №38 дар деҳаи Азизободи Ҷамоати Масчоҳ барои 240 нафар хонанда ба маблағи 500,0 ҳазор сомонӣ сохта ва ба истифода дода шуд [135, 3-4].

Соли 2021 ҳамчунин Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Ганҷободи шаҳраки Суғдиёни ноҳия муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 42 ба истифода супориданд. Ин муассисаи таълимӣ барои 1200 хонанда дар ду баст пешбинӣ шуда, омӯзгорони соҳибтаҷриба ба хонандагон дарс мегӯянд. Муассисаи таълимӣ аз 3 ошёна ва таҳхона иборат буда, дорои 24 синфхонаи барҳавои таълимӣ, аз ҷумла кабинетҳои фаннии кимиё, физика, математика, биология, табиатшиносӣ, география, озмоишгоҳҳои таълимии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти зарурӣ, синфхонаи компютерӣ, китобхона ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон мебошад. Ҳамчун муассисаи дорои толори барҳавои варзишӣ барои бозиҳои футболи хурд, волейбол ва баскетбол бо 300 ҷойи нишаст, маҷлисгоҳ барои баргузории ҷамъомаду чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ бо 280 ҷой ва ошхона бо 240 ҷойи нишаст мебошад [14].

Ба замми он, барои пешрафти навоҳии гуногуни ҷумҳурӣ, махсусан дар самти маориф ва ҳаёти фарҳангии онҳо ба нақшагирии корҳои созандагию бунёдкорӣ ба ифтихори ҷашни миллии тоҷикон - Истиқлоли давлатии ҷумҳурӣ нақши муассир мегузорад. Масалан, вобаста ба татбиқи нақшаи чорабиниҳое, ки «бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳия зиёда аз 635 иншооти таъйиноти гуногун, аз ҷумла 3 муассисаи томактабӣ, 11 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва синфхонаҳои иловагӣ, 4 қасри фарҳанг, 2 боғи фарҳангу фароғатӣ, 5 маркази саломатӣ, 10 дорухона, 6 ҳаммом, 5 толори кошонаи ҳусн, 14 маркази савдо, 33 маркази хизматрасонӣ, 25 толору майдончаи варзишӣ ва 343 иншооти дигар бо маблағи умумии зиёда аз 300 миллион сомонӣ сохта ба истифода дода шуданд» [142, 3].

Ҳамин тавр, дар сӣ соли замони соҳибистиқлолӣ ноҳия Масчоҳ ба мисли дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар роҳи амалисозии барномаву нақшаҳои ҳадафмандонаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ зери парчами сиёсат маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ташаккули низоми миллии маориф ва рушду мувофиқ гардидани он ба талаботи ҷаҳони муосир муваффақиятҳои шоёнро ба даст

овардааст. Ин дастовардҳо самараи Истиқлол, сулҳу ваҳдати миллӣ ва ғамхорию дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

**Ҳаёти фарҳангии ноҳия дар солҳои 1991-2021**

Дар замони соҳибистиқлолӣ ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангии ноҳия куллан ба сатҳи нав баромада, дар ибтидои асри XXI ба дастовардҳои чашмрас ноил гардид. Дигаргунии назаррас дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъиятию фарҳангии ноҳия мушоҳида мегардад. Баробари рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва соҳаи маориф таҳаввулот дар самти хизматрасонии тиббӣ, хизмати маишӣ, ободии шаҳру маҳалҳои аҳолинишин, санъату ҳунар, сатҳи маърифатии аҳолӣ мушоҳида мегардад.

Ноҳияи Масчоҳ аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар қисми шимолии вилояти Суғд ҷойгир буда, бо ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Сипитамен (Нов), инчунин ноҳияҳои Бекобод, Бӯка, Пискент ва шаҳрҳои Бекобод ва Олмалиқи вилояти Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамсарҳад мебошад. Масчоҳи нав асосан 7 маҳаллаи аҳолинишинро муттаҳид менамояд, ки дар онҳо зиёда 128 ҳазор нафар аҳолӣ (соли 2019) зиндагӣ мекунанд. Дар ноҳия ба 1 январи соли 2019 ҳамагӣ 102 923 гектар замин вобаста буд, ки 28 519 гектари онро заминҳои обӣ ташкил медиҳанд. Ноҳияи Масчоҳ дорои 3 шаҳрак, 4 ҷамоат ва 68 деҳа мебошад.

Дар ноҳия то «соли 2021 48 муассисаи тиббӣ, аз ҷумла 1 беморхонаи марказии ноҳиявӣ бо 275 кат, 4 беморхонаи минтақавӣ бо 310 кат, 1 маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемориҳои сил бо 25 кат, 1 Маркази саломатии ноҳиявӣ, 11 марказҳои саломатии деҳот, 17 адад бунгоҳи саломатӣ, маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, 4 адад марказҳои махсусгардонидашуда дар заминаи Маркази саломатии ноҳиявӣ, Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ва 7 муассисаи хусусӣ мавҷуд мебошанд. Дар муассисаҳои табобатӣ ҳамагӣ 63 нафар табибон, аз ҷумла 12 нафар мутахассисони ҷавон, 50 нафар табибон дорои тахассуси баланд, ки дар маҷмуъ 75%-ро ташкил медиҳанд, машғули табобати сокинони ноҳия

мебошанд. Кормандони миёнаи тиббӣ 350 нафаранд, ки 106 нафари онҳо дорои тахассуси касбӣ мебошанд» [52].

Дар тавозуни бахши фарҳанги ноҳия ду Қасри фарҳанг, Филармонияи давлатӣ, хонаи фарҳанги шаҳрак, 4 хонаи фарҳанги деҳот, 2 клуб, 3 коллективи эҷодии халқӣ, 1 мактаби бачагонаи санъат, китобхонаи марказӣ, китобхонаи бачагона, 17 филиали китобхонаи ноҳиявӣ дар деҳот ва боғи фарҳангию истироҳатӣ амал мекунанд. Дар ин муассисаҳо 153 нафар, аз ҷумла 22 нафар дорои маълумоти олии тахассусӣ, 25 нафар бо маълумоти олии умумӣ, 43 нафар бо маълумоти миёнаи махсус ва 63 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ кору фаъолият доранд. Дар ноҳия рӯзномаи ноҳиявӣ бо номи «Машъал ва Нигоҳи халқ» фаъолият менамояд [52].

Дар ноҳия ба истифода дода шудани Боғи фарҳангию истироҳатӣ идомаи ибтикороти созанда бо мақсади рушди фарҳанги миллӣ ба шумор меравад, зеро сокинони ноҳия дар баробари кишоварзони номдор будан, инчунин суннатҳои беҳтарини фарҳанги аҷдодамонро то ба имрӯз ҳифз намуда, ҳамчун ёдгории беназири ниёгони хеш дар маҳфилу маросимҳои фарҳангӣ тарғиб мекунанд.

Нақши тақдирсози суботи сиёсӣ дар беҳбудии ҳаёту рӯзгори мардум ва рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Масчоҳ низ хеле барҷаста мебошад. Маҳз бо шарофати суботи сиёсӣ дар партави дастгириҳои беназири Пешвои миллат даҳҳо корхонаю коргоҳҳои саноатӣ, марказҳои савдою хизматрасонӣ, мактабҳои замонавӣ ва дигар иншооти муҳимми иҷтимоӣ сохта ба истифода дода шуданд. Танҳо дар рӯзҳои таҷлили 27 - солагии истиқлоли давлатӣ дар ноҳия «4 муассисаи таълимӣ, маркази саломатӣ ва маркази бузурги хизматрасонӣ, дар маҷмӯъ 33 иншоот мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки арзиши умумии онҳо 14 миллиону 700 ҳазор сомониро ташкил медиҳад» [164, 2].

Дар байни сокинони ноҳия то ҳол ойинҳои беҳтарини Наврӯзи куҳан, хосса бозиҳои миллии варзишӣ маҳфуз мондаанд, ки ба василаи онҳо имрӯз аз байни ҷавонони ноҳия даҳҳо варзишгарони номдор ба камол расида,

ифтихори ноҳия ва Тоҷикистон гардидаанд. Дар баробари ин бонувони масчоҳӣ намунаҳои беҳтарини хӯрокҳои миллӣ, ки хоси фарҳанги наврӯзанд, бо ҳамон суннатҳои деринаи ниёгон омода карда, бо ин роҳ ҷиҳати эҳёи падидаҳои неку созандаи фарҳанги Наврӯз саҳм мегиранд.

Дар ҳамаи шаҳру навоҳии вилоят бо мақсади эҳёи ҳунарҳои мардумӣ корхонаву коргоҳҳои дӯзандагӣ, атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ, чӯбкориву гаҷкорӣ, кулолгарӣ ва дигар намудҳои косибӣ ба фаъолият оғоз кардаанд, ки аз ин раванди нек ноҳияи Масчоҳ низ истисно нест. Дар ноҳияи Масчоҳ бонувони ҳунарманд низ хеле зиёданд. Барои ривоҷи санъати мардумӣ бо ташаббуси гурӯҳи ҷавонони боистеъдоди ноҳия ансамбли этнографии «Нақш» фаъолият мекунад, ки дар чандин озмунҳои ҷумҳуриявӣ ғолиб омадааст.

Ба туфайли истиқлолияти давлатӣ ва рушди босуботи иқтисоди миллӣ сол ба сол шумораи аҳолӣ афзоиш ёфта, дар ин замина шаҳраку марказҳои нави аҳолинишин бунёд гардида истодаанд. Дар ноҳия бунёди шаҳраки муосир бо номи Меҳробод оғоз гардид ва бо қарори Ҳукумат барои 2700 нафар эҳтиёҷмандони деҳоти Масчоҳ, Оббурдон, Палдорак ва шаҳраки Бӯстон ҷиҳати сохтмони манзилҳои истиқоматӣ 330 гектар замин тақсим карда шуд. Тибқи лоиҳа дар шаҳраки нав бунёди инфрасохтори муосир, аз ҷумла, се мактаб, се бунгоҳи тиббӣ, беморхона, се кӯдакистон, марказҳои хизматрасонӣ, бозор ва дигар иншооти иҷтимоӣ ба нақша гирифта шуд [7]. Дастоварду пешравиҳои мардуми шарафманди тоҷик, аз ҷумла сокинони ноҳияи Масчоҳ, пеш аз ҳама, аз баракати соҳибистиқлолии кишвар, ваҳдату ягонагӣ, суботу оромии ҷомеа ва сарҷамъии миллат ба даст омада истодааст.

Умуман, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят то моҳи сентябри соли 2021 бунёду азнавсозии беш аз 7 200 иншооту биноҳо ба нақша гирифта шуда буд. Бахшида ба ҷашни 30 - солагии Истиқлоли давлатӣ дар тамоми ҷумҳурӣ беш аз 22 ҳазор иншоот, аз ҷумла дар вилояти Суғд зиёда аз 6 ҳазор ва дар ноҳияи Масчоҳ 300 иншоот [163, 1], сохта ба истифода дода шуд, ки ин бори дигар

аз таъмини рушди босуботи Тоҷикистон таҳти сарварии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳад.

14 сентябри соли 2020 бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи қасри нави фарҳанг дар маркази ноҳия ҳамчун падидаи муҳим дар рушди фарҳангии минтақа, ба авуқуъ омад. Иншооти мазкур, ки аз се ошёна ва таххона иборат аст, дорои тамоми инфрасохтори зарурӣ барои фаъолияти муассир ва ташкили маҳфилҳои гуногуни ҳунарӣ мебошад. Толори асосии бино барои 1000 нафар буда, бо санъати меъмории миллӣ, кандакорӣ, наққошӣ ва нақшу нигори тоҷикона оро ёфтааст, ки нишондиҳандаи пайванди меъмории муосир бо анъанаҳои миллиро инъикос мекунад [119, 356-357].

Дар дохили қаср утоқҳои барҳаво барои маҳфилҳои мусиқӣ (рубобнавозон, доиранавозон, шашмақом), рақс, рассомӣ, ҳунарҳои амалӣ, инчунин китобхонаи бачагона, толори хониш ва бозии шоҳмот ҷойгир гардидаанд. Дар таххона бошад, толори рақс, студияи сабти овоз, нуқтаи нигоҳдории либоси ҳунармандон ва ҳуҷраҳои техникӣ бунёд ёфтаанд.

Ифтитоҳи чунин як маркази фарҳангӣ на танҳо имконияти нав барои рушди ҳунар ва фарҳанги маҳаллӣ фароҳам овард, балки ба густариши ҳаёти маънавии ҷомеа мусоидат намуд. Барномаи пурмуҳтавои ҳунарӣ, ки аз ҷониби аҳли фарҳанги ноҳия дар рӯзи ифтитоҳ пешниҳод гардид, далели равшани иқтидори эҷодии сокинони Масчоҳ ва ҷойгоҳи устувори фарҳанг дар ҳаёти иҷтимоии ноҳия мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи фарҳанг таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Ин ғамхорӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла дар ноҳияи Масчоҳ солҳои охир бо натиҷаҳои назаррас таҷассум ёфтааст.

Баъд аз сафари кории Президенти мамлакат ба ноҳияи Масчоҳ дар соли 2007, дастгирии молиявӣ ба муассисаҳои фарҳангӣ чандин маротиба афзуд. Танҳо барои таъмири китобхонаи маркази ноҳия 300 ҳазор сомонӣ аз буҷаи

давлат ҷудо гардида, биноро бо сифати баланд навсозӣ намуданд. Ҳамчунин, филиалҳои китобхона низ бо шароити мусоиди корӣ таъмин шуданд [118, 3].

Аз ҳисоби маблағҳои буҷаи вилоят бошад 400 ҳазор сомонӣ барои таъмиру таҷдиди Хонаи фарҳанги ноҳия равона гардида, дар натиҷа он ба Қасри фарҳанг табдил ёфт [118, 3].

Кормандони шуъбаи фарҳанги ноҳия, ки аксарашон мутахассисони варзида ва соҳибтаҷрибаанд, ҷавобан ба ин дастгириҳо фаъолияти худро мувофиқ ба талаботи замон ба роҳ монданд. Бо дастгирии Вазорати фарҳанг ва Раёсати фарҳанги вилоят соли 2007 барои харидории компютер, мизу курсӣ 20 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, шароити кории китобдорон беҳтар шуд. Соли 2009 бошад дар доираи Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Масчоҳ барои солҳои 2007-2015 55 ҳазор сомонӣ барои харидории китобҳои нав ҷудо карда шуд [118, 6].

Бо пешниҳоди мақомоти давлатии ноҳия ва дастгирии Вазорати фарҳанг ва Раёсати фарҳанги вилоят соли 2009 дар заминаи театри мардумӣ Филармонияи халқии ба номи Рустамбек Ботуров таъсис дода шуд. Як қатор шахсони маъруф ва соҳибкорони саховатманд низ дар эҳёи фарҳанг саҳми назаррас гузошта, аз ҷумла барои харидории асбобҳои мусиқӣ ва либоси саҳнавӣ маблағ ҷудо карданд.

Соли 2009 дар ноҳияи Масчоҳ Қасри фарҳанг, филармонияи халқӣ, мактаби ибтидоии бачагонаи санъат, китобхонаи марказӣ ва китобхонаи бачагона, 15 филиали китобхона, 8 муассисаи клубӣ ва боғи фарҳангию истироҳатӣ ба сокинон хизмат мерасониданд [118, 8]. Ин муассисаҳо на танҳо марказҳои маърифатӣ, балки ба ҷойҳои муҳимми фароғатӣ ва рушди завқи зебоишиносии мардум, бахусус ҷавонон, мубаддал гаштанд.

Заҳмат ва фаъолияти кормандони соҳаи фарҳанг пайваста аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти дахлдор қадрдонӣ карда мегардид. Аз ҷумла, соли 2009 чанд нафар ҳунармандони ноҳия бо унвонҳои фахрии Ҳунарпешаи шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, медали «Хизмати шоиста», нишони «Аълочии фарҳанги ҷумҳурӣ»сарфароз гардиданд [118, 8].

Фаъолияти чунин шахсиятҳои соҳибтаҷриба ва ҳунармандони асил дар пешрафти ҳаёти фарҳангӣ нақши муассир дошта, ба сатҳу сифати хизматрасонӣ дар ин самт таъсири мусбат мерасонад.

Яке аз муассисаҳои муҳимми таълимии фарҳангии ноҳия ин муассисаи таълимии санъати Масчоҳ ба шумор меравад. Ин муассиса асосан дар самти тайёр намудани кадрҳои соҳаи санъат машғул буда, аз ду шуъба - мусиқӣ ва бадеӣ таркиб ёфтааст, ки дорои ихтисосҳои фортепиано, рубоб, най, ғиҷҷак, дойра, мақом, рақс ва чанг мебошад. Ҳунарҳои рассомӣ, актиёрӣ ва раванди омода намудани намоишҳои театрӣ дар шуъбаи бадеии ин муасисса ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, «соли 2009 дар мактаб 20 омӯзгор фаъолият менамуданд, ки 6 нафари онҳо дорои маълумоти олии тахассусӣ, 3 нафар бо маълумоти олии омӯзгорӣ, 2 нафар бо маълумоти миёнаи махсуси омӯзгорӣ ва 9 нафар бо маълумоти миёнаи тахассусии соҳа буданд» [118, 33].

Мактаби бачагонаи санъати ноҳия ягона муассисаи таълимӣ мебошад, ки ба фарзандони меҳнаткашони шаҳрак ва деҳоти ноҳия аз санъати мусиқӣ сабақ медиҳад, онҳоро бо олами рангини санъат шинос мекунад ва мутахассисони бомаҳоратро тарбия намуда, муассисаҳои фарҳангии ноҳияро бо кадрҳои ҳунарманд таъмин менамояд. Мактаби мазкур соли 1974 таъсис ёфтааст. Дар давоми 41 сол зиёда аз 227 нафар муҳаббату дилбохтагони санъат онро хатм намудаанд. Аксарият онҳо ҳоло дар муассисаҳои фарҳангии ноҳия фаъолият мекунанд.

Дар мактаб тахассусҳои рубобӣ, най, рассомӣ, ғиҷҷак, доира, мақом, фортепиано, омӯзиши компютерӣ ва гурӯҳи театрӣ амал мекунад. Дар ин муассиса «соли 2020 196 нафар, аз ҷумла 52 духтар, сирру асрор ва нозукиҳои санъатро меомӯзанд. Ба онҳо 24 нафар омӯзгорони ботаҷриба аз рӯи 11 ихтисос таълим медоданд, ки аз онҳо 9 нафар дорои маълумоти олии махсус, 14 нафар маълумоти миёнаи махсус ва 1 нафар дорои маълумоти миёнаи мусиқӣ буданд» [57, 61-62].

Муҳимтарин ниҳоди фарҳангии ноҳия китобхонаҳо мебошанд, ки дар баланд бардоштани сатҳи маърифатии омма, тавсеаи ҷаҳонбинӣ, ҳимояи

арзишҳои фарҳангии сокинони ноҳия накши баландро соҳиб мебошад. Китобхонаи марказии ноҳия, ки ҳанӯз дар даврai шуравӣ (1962) ташкил ёфта буд, сол аз сол фонди китобҳои худро авзоиш дода вазифаи маърифатии худро муваффақона иҷро менамояд. Соли 2009 китобхонаи мазкур тибқи баъзе маълумот дорои 127 407 нусха китоб будааст [118, 36].

Дар ҳаёти фарҳангии ноҳия «ансамбли фолклорӣ-этнографии «Нақш», ки аз соли 1988 инҷониб дар назди Хонаи фарҳанги ҷамоати Масчоҳ ва аз соли 2010 дар назди Филармонияи халқии ба номи Рустамбек Ботурови ноҳия фаъолият мекунад, нақши муҳимро соҳиб мебошад. Ташаббускори ин дастаи халқӣ М. Шодиев буд, ки бо дастгирии ҳамкасбонаш санъатдӯстони Хонаи маданияти ҷамоати Масчоҳ А. Шодиев, М.Назаров, А.Қурбонов, муаллима Г.Шодиева ва дигарон, иборат аз 22 нафар, ташкил карда шуд. Номи ансамбл аз сурудҳои мардумии Масчоҳ «Нақш» гирифта шудааст. Чанде нагузашта овозаи «Нақш» дар байни мардуми ноҳия ва берун аз он паҳн гардида, сурудҳои «Майда», рубоихонӣ бо панҷ сабк, рақсҳои «Ҷавлон», «Нақши туёна», «Остин», ки аз нахустин қисмҳои барномаи «Нақш» буданд, ба ҳар бинанда таассуроти амиқ мебахшид» [57, 62]. Мақсади ин гурӯҳ на танҳо эҷод ва пешкаши рақсҳо ва сурудҳои ниёгон, балки тавассути саҳна нишон додани либосҳо, расму оинҳои маҳаллӣ ва анъанаҳои диёр махсуб меёфт. Ҳатто бозиҳои миллии қадимаи тоҷикон ва маросимҳои анъанавӣ бо тамоми хусусиятҳои онҳо аз назари ин гурӯҳ дур намондааст. Бархе аз анъанаҳои санъати миллии мардуми ноҳия бо ташаббуси ансамбли «Нақш» дубора эҳё шуданд.

Ансамбли «Нақш», чун дастаи этнографӣ ва фолклорӣ, бо консертҳо, сафарҳои ҳунарӣ ва ширкат дар озмунҳои мухталиф шӯҳрат ва маъруфият пайдо кардааст. Аз ҷумла, ин гурӯҳи эҷодӣ дар чорабиниҳои мухталиф борҳо дар озмунҳои замони шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ ҷойҳои ифтихориро ишғол намудааст. Масалан, чойи дуюм дар озмуни вилоятии «Ганҷинаҳои эҷодиёти халқ (1988), иштирок дар фестивали байналхалқии шаҳри Москва ба шарафи 70-солагии созмони комсомолӣ (1988), фестивали дастаҳои

мардумӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон (1988), фестивали Осиёмиёнагӣ ба ифтихори 1400-солагии Борбади Марвазӣ, дар шаҳри Панҷакент (1990), ғолиби фестивали ҷумҳуриявии «Нақш ва сурудҳои туёна» дар ноҳияи Масчоҳ (1991, ғолиби озмуни ҷумҳуриявӣ-телевизионии эҷодиёти халқ «Ганҷина» (1994), ғолиби озмуни ҷумҳуриявии телевизионии «Родмардони Ватан» бахшида ба 55-солагии ҷашни Ғалаба (2000), иштирок дар фестивали байналхалқии «Фалак», бахшида ба 2700-солагии шаҳри Бостонии Кӯлоб (2006) ва соли 2008 дар ҷашни 1150-солагии Абуабдуллоҳи Рудакӣ бо унвони «Созу рози ҷавонон» ва фестивал-озмуни телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб-2008» фаъолона ширкат намуд. Соли 2011 гурӯҳи мазкур дар барномаи ҷамъбастии Наврӯз, ки дар боғи миллии вилояти Суғд баргузор гардид, бо сюитаи рақсии «Ҷавлон» баромад намуда, сазовори таҳсину офарини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон гашт. Соли 2013 иштирокчиёни гурӯҳи мазкур С.Зокиров ва Н.Шодиева сазовори тӯҳфаи хотиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардиданд.

Гурӯҳи дигари эҷодии ноҳия ин Ансамбли халқии «Табассум» мебошад, ки соли 1988 дар назди Хонаи фарҳанги ҷамоати Оббурдон таъсис ёфтааст. Ин гурӯҳ дар якҷоягӣ бо театри мардумӣ дар тамоми фестивалҳо, озмунҳо ва чорабиниҳои фарҳангии ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ фаъолона иштирок мекунад.

Соли 1981 бо қарори Ҳукумати ноҳияи Масчоҳ барои фаъолияти хуби маҳфили драмавӣ дар назди Қасри фарҳанги шаҳраки Бӯстон, аз ҳисоби маблағҳои дохилӣ театри халқӣ таъсис дода шуд. Театри халқӣ фаъолияти эҷодии худро бо намоишномаҳои «Меҳмон» ва «Бародарон» оғоз намуд. Фаъолияти эҷодии театри халқиро ба назар гирифта, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 13 сентябри соли 1983 ба он унвони «халқӣ» додааст. Ҳаваскорони театри халқӣ шахсони касбу кори гуногун мебошанд, ки дар пешрафти санъати театр саҳмгузор мебошанд. Аз соли таъсисёбӣ то имрӯз театри мардумӣ зиёда аз 65 асари бисёрпардагию

якпардаги ва саҳнаҳои хурди театриву саҳнаҳои ҳаҷвиро ба саҳна гузоштааст.

Ба муносибати эълон гардидани Соли фарҳанг ва гулҳо (2015) боғи фарҳанги ноҳия, ки солҳои зиёд моҳияти аслии худро аз даст дода, ноозод боқӣ монда буд, дубора ба макони зебо ва муносиб барои истироҳат табдил дода шуд. Барои иҷрои ин кор аз буҷаи вилоят 500 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид.

**Варзиш.** Сиёсати давлат ва ҳукумат дар замони истиқлолият барои рушди варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва солимгардонии оммаи васеи халқ, инчунин тарбияи ватанпарастии ҷавонон натиҷаҳои чашмрасро ба миён овcovered. Дар ҳудуди ноҳия 1 мактаби варзишии бачагону наврасон фаъол мебошад, ки дар он 905 нафар хонандагон машқҳои варзишӣ мегиранд. Ҳамчунин дар ноҳия 55 майдони волейбол, 22 майдони баскетбол, 1 толори чавгонбозӣ, 30 толори варзишӣ, 10 майдони тӯби дастӣ, 11 толори тирпаронӣ, 4 ҳавзи шиноварӣ (ҳамаи онҳо таъмирталаб) ва 2 варзишгоҳи футбол бо 1500 ҷойи нишаст барои варзишгарон мавҷуд мебошад [57, 67].

Дар ноҳия федератсияҳои футбол, дзюдо, муштзании самбо, камарбандӣ ва бозиҳои варзишӣ амал мекунанд. Аз ҷониби як гурӯҳ соҳибкорон, аз ҷумла Ф.Шарифов, Ш.Имориддинов, Ҳ.Тӯйчизода ва Қ.Бердиев толорҳои варзишӣ сохта шуда, ба истифодаи ҷавонон супорида шудааст. Танҳо дар 9 моҳи соли 2015 варзишгарони ноҳия 414 медали тилло, 296 медали нуқра ва 114 медали биринҷӣ ба даст оварданд.

Сохтмони варзишгоҳи калон дар шаҳраки Бустон барои 5000 ҷойи нишаст каме пештар ба нақша гирифта шуда буд, вале бо сабабҳои норасоии маблағ ин нақша амалӣ нагардид. 14 сентябри соли 2020 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Варзишгоҳи марказии ноҳияро бо 10 ҳазор ҷойи нишаст ифтитоҳ карда, дар ҳамин ҷо бо роҳбарон ва фаъолону сокинони ноҳия мулоқот карданд. Майдони умумии варзишгоҳ 3,2 гектарро ташкил дода, корҳои сохтмонӣ дар он аз соли 2016 оғоз гардида буд. Варзишгоҳ бо маблағгузории Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз тарафи пудратчиён Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сохтмон», «Темурҷон» ва «Эъҷози ҳунар» сохта шуд ва аз чор минбари нишастгоҳ ва, ҳамчунин барои меҳмонони олиқадр ҷойи махсус иборат аст. Масоҳати майдон барои бозии футбол бо андозаҳои 105 метр бар 68 метр мебошад.

Дар ҷамъбасти зербоби мазкур метавон таъкид намуд, ки таҷрибаи ноҳияи Масчоҳ дар солҳои 1991-2021 намунаи равшани таъсири нерӯманд ва созандаи истиқлолият ба рушди як минтақаи деҳот мебошад. Он чӣ ки Масчоҳи имрӯзаро аз Масчоҳи замони гузашта фарқ мекунонад, пеш аз ҳама, сатҳи баланди шуурнокӣ ва муттаҳидии мардум дар атрофи ормонҳои миллӣ аст. Маҳз ҳамин иттиҳод ва ҳадафмандии коллективӣ имкон дод, ки мардуми заҳматқарини ноҳия дар муддати начандон тӯлонӣ ба яке аз ноҳияҳои ободу пешрафтаи ҷумҳурӣ табдил ёбад. Ноҳияи Масчоҳ дар даврони истиқлол маҷмӯан ба дастовардҳои бузурги ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ ноил гардидааст. Ин комёбиҳо самараи заҳмати содиқонаи халқи ноҳия, татбиқи босамари сиёсати давлатии рушди минтақаҳо ва ғамхориҳои Пешвои миллат маҳсуб мешаванд. Тавре худи Сарвари давлат зимни сафари кориашон ба ноҳия таъкид доштанд: «ба шарофати татбиқи самараноки барнома ва азму талоши мардуми ноҳия, хосса соҳибкорони маҳаллӣ, хеле корҳои созандагиву ободонӣ анҷом дода шудааст» [7].

Дар ҳақиқат, мардуми сарбаланди Масчоҳ бо меҳнату иродаи қавии худ исбот карданд, ки метавонанд диёри худро ба як гӯшаи шукуфони Тоҷикистон табдил диҳанд. Ҳоло онҳо бо сарбаландӣ ба сӯи ҷашни 35-солагии истиқлолияту даврони нав менигаранд, зеро хуб дарк мекунанд, ки дастовардҳои сӣ соли охир на нуқтаи анҷом, балки оғози марҳалаҳои боз ҳам баланди рушд ва шукуфоии Ватани маҳбуб мебошад.

Дар хулосаи боби сеюм метавон қайд намуд, ки дар тӯли сӣ соли истиқлол ноҳияи Масчоҳ роҳи душвор, вале пурбаракатеро тай карда, тағйироти бузургеро дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёт аз иқтисод то фарҳанг ва аз маориф то инфрасохтор, нақши ин ноҳияро дар рушди вилоят ва ҷумҳурӣ ба

таври чашмрас боло бурд. Солҳои 2000-2010 давраи эҳё буд: заминҳо бештар кишт мешуданд, боғҳо эҳё мегардиданд, чорво зиёд мешуд, инфрасохтор аз нав сохта мешуд. Имзои Барномаи рушди ноҳия барои солҳои 2008-2015 ба болоравии иқтисодӣ такони бузург дод ва даҳҳо иншооти иҷтимоӣ, роҳҳо, корхонаҳои хурд ва баъдан корхонаҳои бузург ба кор даромаданд.

Дар даҳсолаи охир (2010-2021) Масчоҳ ба як маркази ҷиддии агросаноатӣ табдил ёфт, шумораи корхонаҳо афзуд, истеҳсолот боло рафт, садҳо ҷойи корӣ пайдо шуд. Дар соҳаи кишоварзӣ истеҳсоли пахта, сабзавот, мева, боғдорӣ, чорводорӣ ва дигар самтҳо рушди устувор нишон доданд. То соли 2021 инфрасохтори ноҳия ба таври ҷиддӣ дигар шуда, даҳҳо километр роҳ мумфарш, низоми обёрӣ ва оби ошомиданӣ навсозӣ шуданд, мактабҳои нав, боғчаҳо, бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои хизматрасонӣ бунёд гардиданд.

Ҳаёти фарҳангӣ дар ин давра ранги тоза гирифт. Қасри фарҳанг, варзишгоҳи 10-ҳазорнафара, майдончаҳои варзишӣ, ҷашнвораҳо, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва иштироки фаъолонаи ҷавонон шаҳодати он аст, ки фарҳанг дар Масчоҳ танҳо гузаштаи таърихӣ нест, балки нерӯи зиндаи пешрафти ҷомеа мебошад. Анъанаҳои наврӯзӣ, ҳунарҳои дастӣ, фаъолшавии занон дар эҷодкорӣ ва корхонаҳои хурд, густариши варзиш – ҳамаи ин ба рӯҳи ҷамъиятӣ ранги нав бахшид. Болоравии сатҳи зиндагӣ, зиёд шудани маош ва ҷойҳои корӣ ва беҳтар шудани хизматрасонии маорифу тандурустӣ нишон медиҳад, ки Масчоҳ аз марҳалаи пасошӯравии пурмушкил ба як давраи нави субот ва рушд ворид шудааст.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба омӯзиши комплексии таърихи ноҳияи Масчоҳ дар ду марҳалаи таърихи навтарини халқи тоҷик - 36 соли охири давраи шуравӣ (1955-1991) ва 30 соли замони истиқлоли давлатӣ (1991-2021) бахшида шудааст. Таҳқиқ нишон дод, ки воқеан дар ин муҳлати зиёда аз нимасра дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дигаргуниҳои ҷиддӣ ва ҳаводиси зиёди таърихӣ ба вукуъ омадаанд. Чаҳорчӯбаи замонавии таҳқиқот бар он асос солҳои 1955-2021 интихоб шуд, ки оғози он давраи азхудкунии заминҳои бекорхобидаи дашти Дилварзин ва ташкилёбии як ноҳияи нав буда, охири он ҷамъбасти дастовардҳои сӣ соли замони сохибистиқлолӣ мебошад. Ин марҳалаи нисбатан кӯтоҳи таърихӣ аз як тараф барои халқи тоҷик ва ҷумҳурӣ давраи пешравию созандагӣ, ободкунии заминҳои бекорхобида, ба даст овардани натиҷаҳои хуби иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, беҳтаршавии некуаҳволии шаҳрвандон бошад, аз ҷониби дигар марҳалаи озмоишҳои вазнину сангин, гузариш аз як низоми сиёсию ҷамъиятӣ ба низоми дигар, даргириҳои сиёсӣ, нооромии ҷомеа ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад. Вале новобаста аз мушкилоту вазниниҳои гарон халқи тоҷик бо сарварии Президенти тозаинтихоби худ ҷумҳуриро аз ин варта берун оварда, дар муддати кӯтоҳтарин харобию хисороти ба миён омадаро бартараф намуда, рӯй ба инкишоф ниҳод. Воқеан ин таҷрибаи нодири таърихӣ мебошад, ки назираш дар саҳифаҳои таърих ниҳоят кам дида мешавад.

Таҳқиқу баррасии таърихи як минтақаи мушаххас ва хурди маъмурӣ бори дигар исбот намуд, ки танҳо дар заминаи омӯзишу таҳқиқи минтақаҳои ҷудогона метавон таърихи ҷомеи халқи тоҷикро ба шакли комил ба даст овард. Ба замми он маҳз тавассути чунин таҳқиқот метавон манобеи гуногун ва тоза, ба вижа сарчашмаҳои маҳаллию минтақавиро ба гардиши илмӣ баровард.

Рисолаи илмӣ дар асоси таҳлил ва муқоисаи сарчашмаҳои васеи таърихӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва маълумоти оморӣ анҷом ёфта, тамоюлҳои асосии пешрафт, мушкилот ва дастовардҳои ноҳияро дар чаҳорчӯбаи интихобшудаи хронологӣ инъикос менамояд. Таҳқиқ нишон дод, ки таҳаввулоти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия бар пояи сиёсати давлатӣ ва талошҳои сокинони он шакл гирифта, пайдарпайиву қонунияти рушд дар ҳар ду марҳала таъмин гардид. Ин пажӯҳиш ошкор намуд, ки рушди ноҳия танҳо як падидаи маҳаллӣ набуда, балки ҷузъи таркибии таърихи умумимиллӣ мебошад, ки дар рушди таърихнигории миллӣ аҳаммияти назаррас дорад.

Ноҳияи нави Масчоҳ дар миёнаи солҳои 50-уми асри XX дар доираи барномаи калони азхудкунии заминҳои бекорхобидаи дашти Дилварзин ва сохтмони обанбори Қайроққум ташкил ёфт. Бо ташаббуси роҳбарияти вақти ҶШС Тоҷикистон, хусусан Бобоҷон Ғафуров, обёрии заминҳои бекорхобида оғоз шуда, ҳазорон гектар заминҳои нави корам ба фонди умумии замини киштбоби ҷумҳурӣ илова шуданд. Ҳазорҳо сокинони Кӯҳистони Масчоҳ ба водии нав кӯчонида шуда, бунёди инфрасохтори зарурии хоҷагидорӣ ва иҷтимоӣ дар ин минтақа дар як мудати кӯтоҳ амалӣ гашт. Дар солҳои аввал мушкилоти зиёде, аз ҷумла норасоии мутахассисон, техникаи зарурӣ, душвориҳои бунёди иншооти обёрӣ, шӯразании бахше аз заминҳо ва ниёз ба дастгириҳои пайвастаи давлат пеш омаданд. Бо вуҷуди ин, роҳбарияти ҳизбиву давлатии ҷумҳурӣ бо роҳандозии механизмҳои қатъии идоракунии маъмурӣ ва ҷалби комсомолу коргарони таҷрибадор тавонист ин мушкилотро марҳала ба марҳала ҳал намояд **[1-М]**.

Дар натиҷа, то охири солҳои 50-уми асри гузашта шабакаи асосии обёрӣ дар ноҳия ба кор даромада, ҳазорҳо гектар заминҳои ташналаб сероб гардид ва барои рушди хоҷагии қишлоқ заминаи зарурӣ муҳайё шуд. Кишти пахта, ки аллакай соли 1957 оғоз ёфта буд, сол ба сол зиёд гардида, меҳнаткашони ноҳияи навташкил дар муддати кӯтоҳ парвариши ин зироатро азхуд намуда,

ноҳияро ба яке аз минтақатҳои муҳимми пахтакории ҷумҳурӣ табдил доданд **[2-М]**.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тағйироти иҷтимоӣ-маърифатии оғозгардида пас аз таъсиси Ҳокимияти Шуравӣ дар ин минтақа хусусияти барномавӣ ва қонуниро касб карданд. Давлат бо маблағгузории мунтазам ва ҷалби аҳолӣ дар муддати нисбатан кӯтоҳ шабакаи муассисаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳангӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоиро таъсис дод ва пайваста тавсеа бахшид. Масалан, то охири солҳои 1970-ум дар ноҳия 26 китобхонаи умумӣ бо 186 ҳазору 400 нусха китоб, 20 клуб, 1 мактаби мусиқӣ, 18 кинотеатр ва 14 дастгоҳи кинонамоишдиҳии сайёр фаъолият мекард. Сатҳи саводнокӣ ва маърифатнокии аҳолӣ батадриҷ баланд гардида, захираи инсонии маҳаллӣ ташаккул меёфт ва симои иҷтимоии ноҳия комилан дигаргун мегардид. Қайд кардан ба маврид аст, ки соли 1961 дар маркази ноҳия Қасри фарҳанг бунёд гардида, шуъбаи фарҳанг ташкил шуд ва фаъолияти босамари худро оғоз намуд. Дар ин давра анъанаҳои фарҳангии маҳаллӣ низ эҳё ва рушд карданд. Аз мусиқиву сурудхонӣ то шоириву ҳунарҳои мардумӣ, дар ҳамоҳангӣ бо тарғиби арзишҳои фарҳанги сотсиалистӣ пеш мерафтанд **[3-М]**.

Дар замони шуравӣ ноҳияи Масчоҳ аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ ба комёбиҳои калон ноил гардид. Тибқи маълумоти бойгонӣ, то охири солҳои 1980 ноҳия ба яке аз ноҳияҳои пешқадами саноати пахтакории ҷумҳурӣ мубаддал гашт. Соли 1980 меҳнаткашони ноҳия нақшаи давлатии истеҳсоли пахтаро барзиёд иҷро намуда, ба ҷойи 43 500 тоннаи пешбинишуда 51 262 тонна пахта истеҳсол карданд, ки 8 262 тонна беш аз нақша буд **[2-М]**. Ин нишондод шаҳодати заҳматдӯстии деҳқонон ва ташкили дурусти истеҳсолот дар шароити хоҷагии коллективӣ буд. Ҳамчунин, дар соҳаи чорводорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокӣ ноҳия дар қатори пешсафон қарор гирифт. Аз нигоҳи иҷтимоӣ, давраи шуравӣ барои Масчоҳ замони таҳкими асосҳои моддиву маънавӣ буд, сатҳи зиндагии мардум боло рафт, инфраструктураи маишӣ (об, барқ, роҳҳо, манзил) беҳбудӣ ёфт ва замина барои рушди

минбаъда фароҳам гардид. Бо ин ҳама, низоми шуравӣ мушкилоти худро низ дошт, пеш аз ҳама вобастагӣ ба мақомоти марказӣ, маҳдудияти ташаббуси маҳаллӣ ва вобастагии иқтисодӣ аз соҳаи пахтакорӣ. Вале, умуман, замони шуравӣ барои ноҳия ҳамчун марҳалаи бунёдгузорӣ ва шукуфоии аввалия арзёбӣ мегардад.

Ба даст омадани истиқлоли давлатии Тоҷикистон марҳалаи наву дигаргунсозиҳоро барои ноҳияи Масчоҳ ибтидо гузошт. Солҳои аввали истиқлол бо буҳрони амиқи иқтисодӣ, камбудии шадиди захираҳо ва ноустувории вазъи сиёсӣ баробар омад, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ таъсири ҷиддӣ ба иқтисодиёт ва ҳаёти сокинони ноҳия расонид. Дар ин давра кишоварзони Масчоҳ бо вуҷуди мушкилоти сахт заминро нигоҳ доштанд, киштукорро қатъ накарданд ва барои нигоҳ доштани рӯзгори худ талош варзиданд.

Яке аз падидаҳои муҳим, ки дар натиҷаи ислоҳоти аграрӣ ба вуқуъ омад, ин ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) буд, ки ба ҷойи сохтори колхозию совхозии замони шуравӣ пайдо шуданд. Ин иқдом ба сокинон имкон дод то ҳадди тавон равиши истеҳсолотро нигоҳ доранд ва заминаи барқароршавии баъдина фароҳам гардад. Ҳаминчунин, бо назардошти шароити ҷуғрофӣ ва иқтисодӣ, дар нимаи дуюми солҳои 1990 ноҳияи алоҳидаи Кӯҳистони Масчоҳ аз нав таъсис дода шуд, то ки идораи беҳтари қисмати кӯҳистонии минтақа таъмин гардад. Бо вуҷуди идомаи бӯҳрон, таҷриба нишон дод, ки маҳз дар ҳамин солҳои пурошӯб мардуми Масчоҳ иродаи устувор, ваҳдат ва меҳнати фидокоронаи худро собит карданд ва нагузоштанд, ки соҳаҳои асосии хоҷагии халқ пурра аз фаъолият боз монанд. Ин солҳо ҳамчун марҳалаи озмоиш ва садоқат барои ноҳияи Масчоҳ дар хотир мемонанд.

Пас аз барқарор шудани сулҳу субот дар кишвар аз охири солҳои 1990-ум, раванди созандагӣ дар ноҳияи Масчоҳ дубора ҷон гирифт. Солҳои аввали ҳазораи нав бо эҳёи тадриҷии иқтисод ва рушди иҷтимоӣ тавсиф мешаванд. Майдонҳои бештари замин ба гардиши кишоварзӣ дароварда шуданд, боғу токзорҳои замони шуравӣ барқарор ёфтанд ва саршумори чорво афзоиш ёфт.

Давлат барои бозсозии инфраструктураи харобгаштаи замони ҷанг чораҳои фаврӣ андешид, роҳҳои асосӣ таъмиру барқарор, хатҳои барқу об пурра азнавсозӣ гардиданд. Соли 2008 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Масчоҳ барои солҳои 2008-2015» тасдиқ гардид, ки татбиқи он ба пешрафти назарраси ҳаёти ноҳия такони ҷиддӣ бахшид. Дар чаҳорчӯби ин барнома даҳҳо иншооти нави иҷтимоӣ, мактабҳо, беморхонаҳо, варзишгоҳҳо, роҳҳо ва корхонаҳои истеҳсолии хурду калон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, ифтитоҳи корхонаи бузурги нассоҷии ҶСП «Олим-Текстайлз» дар маркази ноҳия рӯйдоди муҳимме буд, ки Масчоҳро дар харитаи саноатии мамлакат боз ҳам намоёнтар гардонд. Ин давраи эҳё барои ноҳия як марҳалаи гузариш аз замони сукут ба рушд ба шумор рафта, пояҳои иқтисодӣ-иҷтимоии нав ташаккул ёфтанд.

Дар даҳсолаи охири давраи таҳқиқ (2010-2021) ноҳияи Масчоҳ шоҳиди рушди босубот ва ҳамаҷониба гардид. Иқтисодиёт шакли агросаноатӣ гирифта, илова ба пахтакорӣ, соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ, ба мисли сабзавоткорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва парандапарварӣ рушд карданд, корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд. Шумораи корхонаҳои истеҳсолӣ ва хизмати соҳавӣ афзуда, садҳо ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфт ва сатҳи бекорӣ коҳиш ёфт. То соли 2021 симои иҷтимоию фарҳангии ноҳия куллан нав шуд. Даҳҳо километр роҳҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ пурра мумфарш ва таҷдид гаштанд, низоми обёрии заминҳо ва таъмини оби ошомиданӣ навсозӣ шуд, инчунин мактабҳо, кӯдакистонҳо, бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои нави хизматрасонӣ дар деҳаву ҷамоатҳо сохта ба истифода дода шуданд. Дар баробари ин, ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеа ҷаҳиши тоза гирифт. Қасри фарҳанги замонавӣ, варзишгоҳи бузурги 10-ҳазорнафара ва маҷмааҳои варзишӣ бунёд шуданд; ҷашну маросимҳои мардумӣ (аз ҷумла Наврӯз) бо шукӯҳ таҷлил мегарданд; ҳунарҳои мардумӣ ва маҳфилҳои эҷодӣ эҳё гардида, ҳисси худшиносию ифтихори миллӣ тавсеа ёфт.

Мушоҳида гардид, ки дар ин давра фарҳанг барои ҷомеаи Масчоҳ аз як мероси таърихӣ ба як нерӯи зиндаи пешбарандаи иҷтимоӣ табдил ёфтааст, ки аз ин фаъолшавии ҷавонон ва занон дар чорабиниҳои фарҳангиву варзишӣ ва рушди ташаббусҳои ҷамъиятӣ ва пешрафти маънавии ҷомеа дарак медиҳад. Ҳамзамон, нишонаҳои беҳбудии зиндагии сокинон, аз ҷумла афзоиши музди меҳнат ва даромади хонаводаҳо, беҳтар шудани сифати таълим ва тандурустӣ ва болоравии дигар нишондиҳандаҳо аз ин шаҳодат медиҳанд. Афзоиши аҳолӣ ва бунёди шаҳракҳои нави иборат аз хонаҳои истиқоматӣ, аз қабили шаҳраки Ганҷобод ва Меҳробод, собит кард, ки пас аз солҳои мушкили гузашта мардум ба зодгоҳи худ бозмегарданд ва ба ояндаи он эътимод пайдо кардаанд. Ҳамин тавр, даврони истиқлол барои ноҳияи Масчоҳ ҳамчун марҳалаи эҳё, субот ва шукуфоии нав арзёбӣ мегардад **[4-М]**.

Дар давоми сӣ соли соҳибистиқлолӣ, ноҳияи Масчоҳ роҳи душвор, вале пурбаракатеро тай кард. Мушкилоти аслӣ ба даврони аввалия рост омаданд, сукути низоми пешин, буҳрони иқтисодӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, кӯч бастани қисмати аҳолӣ ба хориҷ аз кишвар ва харобии инфрасохтор, вале маҳз таҳаммулпазирӣ, заҳматкашӣ ва муттаҳидии сокинони ноҳия боис шуд, ки ин мушкилот тадриҷан паси сар шаванд. Дастоварди муҳимтарин ин буд, ки ноҳия тавонист иқтидори кишоварзӣ ва истеҳсолии худро нигоҳ дорад ва баъдан онро дубора эҳё намояд. Бо дастгирии давлат ва сармоягузориҳои ҳадафмандона, иқтисодиёти ноҳия гуногунранг гардид, заминаи моддӣ-техникии соҳаҳои истеҳсолӣ мустаҳкам шуд ва сатҳи зиндагии мардум боло рафт. Дар баробари ин, таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ шароит фароҳам овард, ки нерӯи созандаи ҷомеа пурра барои созандагии ҷомеаи нав ва рушди он сафарбар гарданд. Имрӯз Масчоҳ мисли дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ намунаи як ноҳияи шукуфон ва рӯ ба рушд аст, ки бар мушкилоти гузаштаи пасошуравӣ ғолиб омада, дорои дурнамои устувори иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад.

Яке аз паҳлуҳои муҳимми илмии ин таҳқиқот такя ба сарчашмаҳои аввалия ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ мебошад, ки дар раванди пажӯҳиш аз маводи

фаровони бойгониҳои давлатии Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳои расмии даврони шуравӣ оид ба сохтмони иншооти ирригатсионӣ, нақшаҳои хоҷагидорӣ, гузоришҳои ҳизбӣ, омори расмӣ ва ғайра, истифода шудааст. Таҳлили муфассали маълумоти оморӣ ва санадҳои бойгонӣ имкон дод, ки воқеияти рушди ноҳияи Масчоҳ бо далелҳои рақамӣ ва шаҳодатҳои эътимодбахш тасдиқ гардад. Масалан, истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ нишон дод, ки ноҳия дар давраи шуравӣ чӣ гуна ба пешрафт ноил гардидааст ва дар замони истиқлол аз кадом мушкилот гузашт намуда, ба чӣ дастовардҳо расидааст. Ҳамзамон, муаллиф аз маводи матбуоти даврии маҳаллӣ ва хотироти шоҳидони воқеӣ низ баҳра бурда, тасвири пурраи равандҳои таърихиро такмил додааст. Омӯзиши ҳамаҷонибаи сарчашмаҳо дар маҷмӯъ нишон дод, ки тағйироти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар Масчоҳ тасодуфӣ набуда, балки натиҷаи сиёсати ҳадафноки давлатӣ ва заҳмати пайвастаи мардум мебошад. Ин натиҷаҳои таҳлилӣ ба таҳқиқот саҳеҳият ва асоснокии илмиву амалӣ мебахшанд.

Таҳқиқоти мазкур ҳамчун аввалин таҷрибаи фарогири омӯзиши таърихи рушди як ноҳияи алоҳидаи Тоҷикистон дорои аҳаммияти хос барои илми таърихшиносии миллӣ мебошад. Дар он раванди муҳимми таърихие баррасӣ шудааст, ки пайванди сиёсати давлатӣ ва саҳми аҳолии маҳаллиро дар пешрафти як минтақа равшан месозад. Хулосаҳои бадастомада зери таъсири далелҳои асосноки таърихӣ собит месозанд, ки рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар сатҳи маҳалро метавон танҳо дар иртибот бо равандҳои умумимиллӣ дуруст дарк кард. Масалан, муваффақияти азхудкунии дашти Дилварзин бидуни пуштибонии давлат ва илҳоми идеологияи он имконнопазир мебуд, ҳамон тавр ки барқароршавии ноҳия дар истиқлолият бидуни иродаи мардумӣ ва сулҳу субот дастнорас буд.

Аз ин рӯ, натиҷаҳои пажӯҳиш барои фаҳмиши амиқи таърихи пасошуравии Тоҷикистон низ саҳм мегузоранд, зеро он таҷрибаи воқеии гузариш аз низоми шуравӣ ба иқтисоди бозаргонӣ ва таъсиси сохторҳои нави давлатӣ дар сатҳи як воҳиди маъмуриро ошкор мекунад. Ғайр аз ин, ин

рисола доир ба масоили муҳоҷиркунонии дохилӣ, азхудкунии заминҳо, таҳкими пояҳои фарҳанг дар шароити табдилёбии сохти ҷамъиятӣ ва дигар самтҳо маълумоти арзишманд медиҳад, ки метавонад дар омӯзиши муқоисавии рушди дигар ноҳияҳои кишвар истифода шавад.

Таҳқиқ ва баррасии таърихи ноҳия дар ду марҳалаи таърихи навтарин боиси ба миён омадани хулосаҳои асосии илмии зерин гардиданд:

– ноҳияи Масчоҳ намунаи равшани татбиқи сиёсати ирригатсионӣ ва кишоварзии Иттиҳоди Шуравӣ дар Тоҷикистон буда, бо азхудкунии даҳҳо ҳазор гектар замин ва кӯчонидани аҳолӣ аз манотиқи кӯҳӣ тавонист дар зарфи чанд даҳсола ба як маркази муҳимми кишоварзӣ табдил ёбад. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити сиёсати мутамарказ, ҳатто минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомонда метавонанд ба сатҳи баланди истеҳсолӣ расанд;

– тағйироти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар ноҳия дар асоси нақша ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла тавассути сохтмони муассисаҳои маорифу тандурустӣ, фарҳанг ва ҷалби кадрҳои соҳибтахассус, бо муваффақият татбиқ шуданд. Бинобар ин, сатҳи саводнокию маърифатӣ, инфраструктураи иҷтимоӣ ва фаъолнокии фарҳангии ҷомеа дар давраи шуравӣ ба таври назаррас боло рафт, ки барои дигар минтақаҳои Тоҷикистон низ хос буд;

– замони истиқлол нишон дод, ки дар натиҷаи дастгирии ҳамаҷонибаи аҳолӣ аз сиёсати давлат рушди як минтақаи аграрӣ, новобаста аз ҳолатҳои гуногуни бuҳронӣ, имконпазир аст. Сокинони Масчоҳ дар солҳои 90-ум тавонистанд хоҷагиҳои худро дифоъ намуда, пас аз барқарории сулҳ ва ризоияти миллӣ ба рушди бонизоми ноҳия муваффақ шаванд. Ин амр бори дигар нақши омилҳои инсонӣ, ба вижа ваҳдат, меҳнатдӯстӣ ва масъулияти ҷамъиятиро дар баробари омилҳои сиёсию иқтисодӣ таъкид менамояд;

– рушди иқтисоди маҳаллӣ дар солҳои истиқлол, таҳаввулот ва истифодаи технологияҳои нав тавонистанд як минтақаи танҳо пахтакориро ба ноҳияи саноатӣ табдил диҳанд. Воридоти сармоя ба соҳаи саноати сабук (дар мисоли корхонаи «Олим-Текстайлз») ва рушди соҳибкории хурду миёна

имкон доданд, ки Масчоҳ аз минтақаи соф аграрӣ ба як воҳиди агросаноатӣ табдил ёбад;

– дар маҷмуъ, таҳқиқоти мазкур арзиши амалии муҳим дорад, зеро онро метавон на танҳо дар доираи илмӣ, балки барои такмили барномаҳои рушди минтақавӣ истифода бурд. Таҷрибаи таърихии ноҳияи Масчоҳ собит месозад, ки барои таъмин намудани пешрафти маҳаллӣ бояд ҳамвора ҳамоҳангии стратегияи давлатӣ ва иштироки фаъоли аҳолӣ таъмин гардад. Ин хулоса барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии имрӯза дар соҳаи рушди деҳот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ сабақҳои арзанда медиҳад.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

Бар асоси натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот, тавсияҳои зерин барои истифодаи амалии он дар илм, маориф ва сиёсати идоракунии маҳаллӣ пешниҳод мешаванд:

– маводи ҷамъовардашуда, хулосаҳо ва таҳлилҳои илмии рисола метавонад ҳамчун заминаи боэътимод барои анҷом додани таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи таърихи минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурӣ хизмат намоянд. Аз ҷумла, тақвияти омӯзиши муқоисавии рушди ноҳияҳои гуногун, масалан, муқоисаи таҷрибаи ноҳияи Масчоҳ бо ноҳияҳои Зафаробод, Вахш, Данғара, Қубодиён, Шаҳритус ва дигар минтақаҳои аграрӣ ба муайян намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи равандҳои таърихии кишвар мусоидат хоҳанд кард. Ҳамзамон, усули методологии татбиқгардида дар таҳқиқот, такя ба сарчашмаҳои аввалия, маводи бойгонӣ, омори расмӣ ва шоҳидони ҳодиса метавонад ҳамчун намуна барои дигар пажӯҳишҳои таърихӣ истифода шаванд;

– натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ба барномаҳои таълимии фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ ворид намуд. Шиносоии хонандагону донишҷӯён бо таърихи рушди ноҳияҳо ва минтақаҳои кишвар ба ташаккули ҳувияти миллӣ, баланд бардоштани ифтихори ватандорӣ ва дарки амиқи раванди таърихии ватан мусоидат мекунад. Дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Масчоҳ ҷорӣ намудани курси

махсуси «Таърихи ноҳияи мо» қобили мақсад буда, дар доираи он дастовардҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони шуравӣ ва давраи истиқлол мавриди омӯзиш қарор гиранд;

– хулосаҳои илмии таҳқиқот метавонанд барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии давлатӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақаҳои дурдаст ҳамчун дастур хизмат намоянд. Таҷрибаи рушди ноҳияи Масчоҳ нишон медиҳад, ки барномаҳои мақсаднок ва марҳалавӣ (аз ҷумла барномаҳои солҳои 2008-2015 ва 2016-2020) дар сурати таъмини иҷро ва назорати воқеӣ метавонанд ба пешрафти устувор расонанд. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки дар дигар минтақаҳои аграрии ҷумҳурӣ низ бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ барномаҳои ҳамаҷонибаи рушд таҳия ва амалӣ карда шаванд;

– яке аз самтҳои муҳимми истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ҳифз ва тарғиби мероси таърихию фарҳангии ноҳияҳо мебошад. Дар ноҳияи Масчоҳ, масалан, таъсиси осорхона ё гӯшаи махсуси таърихӣ бахшида ба давраи азхудкунии Дашти Дилварзин, ташаккули ноҳия ва марҳалаи соҳибистиқлолӣ метавонад ба ҳифзи хотираи таърихӣ, таҳкими пайванди наслҳо ва рушди сайёҳии таърихӣ мусоидат намояд;

– хулосаҳо ва маълумоти таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва маводи методӣ оид ба таърихи минтақаҳо ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд;

– аҳаммияти амалии таҳқиқот ҳамчунин дар имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар корҳои тарбиявӣ, тарғиби худшиносии миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати таърихии ҷавонон ва насли наврас зоҳир мегардад;

– дар маҷмуъ, натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии пешниҳодшуда тасвири мукаммали раванди ташаккул ва рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳро дар як давраи муҳимми таърихи ҷумҳурӣ инъикос намуда, барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва қабули қарорҳои амалӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва ҷумҳурӣ заминаи устувори илмӣ фароҳам меоранд.

# РӮЙХАТИ МАНБАЪҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## Асарҳо, паёмҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон


1. Эмомалӣ Раҳмон, Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ.2. – 512 с.
2. Эмомалӣ Раҳмон, Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2011. – Ҷ.11. – 576 с.
3. Эмомалӣ Раҳмон, Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2018. – Ҷ.16. – 576 с.
4. Эмомалӣ Раҳмон, Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2021. – Ҷ.20. – 424 с.
5. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи мактаби нав дар маҳаллаи «Ҷавонӣ», 25 марти соли 2011 [Захираи электронӣ]: Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Дастрасӣ // https://www.president.tj/event/speeches/182. (санаи муроҷиат: 05.02.2024).
6. Суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи корхонаи ресандагии «Олим-текстайлз», 25 марти соли 2011 [Захираи электронӣ]: Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Дастрасӣ: // https://www.president.tj/event/speeches/182 (санаи муроҷиат: 05.02.2024).
7. Гузоштани санги асоси бунёди шаҳраки «Меҳробод» дар ноҳияи Мастчоҳ, 23 марти 2016 [Захираи электронӣ]: Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Дастрасӣ // https://www.president. tj/event/ in_trips/10142 (санаи муроҷиат: 28.02.2023).
8. Суханронӣ дар мулоқот бо сокинони ноҳияи Мастчоҳ ба ифтихори маросими пардабардорӣ аз рӯи муҷассамаи Исмоили Сомонӣ, 23 марти соли 2016 [Захираи электронӣ]: Сомонаи расмии Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Дастрасӣ // https: //www. president. tj/event/ domestic_ trips/10141 (санаи муроҷиат: 28.02.2023).

9. Ифтитоҳи мактаби нав дар деҳаи Андарвашти деҳоти Оббурдони ноҳияи Мастчоҳ, 23 марти соли 2016 [Захираи электронӣ] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Дастрасӣ: https://www.president.tj/event/in_trips/10139 (санаи муроҷиат: 28.02.2023)

10. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи мактаби рақами 27 дар деҳаи Паркамчии деҳоти Пушинги ноҳияи Данғара, 5 ноябри соли 2018 [Захираи электронӣ] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастрасӣ:https://www.president.tj/event_by_theme/internal_politics/education/17168 (санаи муроҷиат: 19.03.2024)

11. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон Варзишгоҳи марказии ноҳияи Мастчоҳро бо 10 ҳазор ҷойи нишаст ифтитоҳ намуданд ва бо сокинону фаъолони ноҳия мулоқот карданд. – АМИТ «Ховар». (2020). 14 сентябр 2020. https://khovar.tj/2020/09/prezidenti1-mamlakat-emomal-ra-mon-varzishgo-i-markazii-no-iyai-mastcho-ro-bo-10-azor-oji-nishast-iftito-namudand-va-bo-sokinonu-faoloni-no-iya-mulo-ot-kardand/.– (санаимуроҷиат: 17.06.2024).

12. Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи варзишгоҳ дар ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд, 14 сентябр 2020. ноҳияи Мастчоҳ. https://khovar.tj/2020/09/suhanronii1-peshvoi-millat-emomal-ra-mon-dar-marosimi-iftito-i-varzishgo-dar-no-iyai-mastcho-i-viloyati-su-d/ (санаи муроҷиат: 17.06.2024).

13. Сафари кории Пешвои миллат ба вилояти Суғд [Матн]: Боздид аз ҷамъоварии чормағзи заминӣ, кишти такрорӣ ва намоиши маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагии деҳқонии «Резгиф»-и н.Масчоҳ // Ҷумҳурият. – 2020. – № 174–175 (24030). – С. 6. – 14 сентябр

14. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Ганҷободи ноҳияи Мастчоҳ Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 42-ро ба истифода доданд, 14 сентябри соли 2020 [Захираи электронӣ] // Ховар. – Дастрасӣ: https://khovar.tj/2020/09/peshvoi-millat-emomal-ra-mon-dar-ma-allai -

gan- obodi-no-iyai-mastcho-muassisai-ta-siloti-miyonai-umumii-ra-ami-42-ro-ba-istifoda-dodand1/ (санаи муроҷиат: 17.06.2024).

**Санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ**

15. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –1996. – №4 (1209). – С.39-40

16. Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон [Матн] Указ Прездума верховного совета Таджикиской ССР о пресление Матчиниского района Ленинабадской области //. – 15 феврали 1957. – №2 (243). – С. 16-17.

17. Ведимостҳои Совети Олии РСС тоҷикистон. – 15 августи 1966. – №15 (501). – С.5-6

18. Решения партии и правительства по хозяйственным вопросам (1917 – 1967 гг.), 1941-1952 годы. – М.:1968.- 784 с.

19. Решения партии и правительства по хозяйственным вопросам. В 5 т. Сб. док. за 50 лет. Т. 2. 1941-1952 гг.,1967. – 752 с.

20. Свод законов и другие нормативно-правове акты о земле. - Душанбе, 2004.- С.385-386.

**Маводи бойгонӣ:**

**Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

21. Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд БМД ҶТ, Фонд 297. – Номгӯ 40. – Баста 1447. – Варақ 132-133

22. БМД ҶТ, Ф. 297. – Н.1566. – Б.2. – В.4

23. БМД ҶТ, Ф.18. – Н. 6. – Б.79. – В.9

24. БМД ҶТ, Ф.18. – Н.3. – Б.76. – В.78

25. БМД ҶТ, Ф.18. – Н.3. – Б.76. – В.5-6

26. БМД ҶТ, Ф. 458. – Н.3. – Б.202. – В.31

27. Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд БДТН ҶТ, Ф.5341. – Н.2. – Б.457. – В. 3.

28. БДТН ҶТ, Ф.5341. – Н.2. – Б.457. – В. 30

29. БДТН ҶТ, Ф.5341. – Н.11. – Б.457. – В. 1-2

30. БДТН ҶТ, Ф. 3. – Н. 116. – Б. 129. – В.27

31. БДТН ҶТ, Ф. 5741. – Н. 6. – Б.74. – В.195.

**Бойгонии давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

32. Бойгонии давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон БДВС ҶТ, Фонд 458. – Номгӯ 3. – Баста 130. – Варақ 4, 20,21,22,23,24, 27

33. БДВС ҶТ, Ф. 456. – Н. 1. – Б.9. – В.7-9

34. БДВС ҶТ, Ф. 458. – Н. 3. – Б.199. – В. 20, 21-22.

35. БДВС ҶТ, Ф. 458. – Н.3. – Б.202. – В.32, 68

36. БДВС ҶТ. Ф. 458. Н. 3. Б.212, В.3-4

37. БДВС ҶТ, Ф.291. – Н.4. – Б.41. – В.46, 47,48

38. БДВС ҶТ, Ф. 291. – Н. 4. – Б.36. – В.25-26

39. БДВС ҶТ, Ф. 456. – Н. 3. – Б. 206. – В. 17-18,19,24,26, 26-27

40. БДВС ҶТ, Ф. 458. – Н. 3. – Б.132. – В.13,14,15

41. БДВС ҶТ, Ф. 458. – Н. 3. – Б. 169. – В. 4,5,6,8

42. БДВС ҶТ, Ф. 51. – Н. 16. – Б. 61. – В.14,23,40, 40-41,40, 45, 46,47,122

43. БДВС ҶТ, Ф.291. – Н.4. – Б.2. – В.24

44. БДВС ҶТ, Ф.291. – Н.4. – Б.27. – В.8,9,11

45. БДВС ҶТ, Ф.291. – Н.4. – Б.3. – В.3

46. БДВС ҶТ, Ф.291. – Н.4. – Б.45. – В.1,7, 20

47. БДВС ҶТ, Ф.458. – Н.3. – Б.130. – В.3,20,21

48. БДВС ҶТ, Ф.458. – Н.3. – Б. 191. – В.3

49. БДВС ҶТ, Ф.458. – Н.3. – Б.194. – В.5,6

50. БДВС ҶТ, Ф.51. – Н.16. – Б.181. – В.42-46

51. БДВС ҶТ, Ф.51. – Н.17. – Б. 75. – В.9-12.

**Бойгонии ҷории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Масчоҳ**

52. Маълумотномаи Раиси ноҳияи Мастчоҳ (Аъзам Ализода) оид ба нишондиҳандаҳои рушди иктисодию иҷтимоии ноҳия дар соли 2021.

**Маҷмуаи оморӣ:**

53. Тоҷикистон [Матн]: 25-соли истиқлолияти давлатӣ //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи оморӣ-Душанбе. – Душанбе,2016. – 522 с.

54. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021 [Матн] //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон /маҷмӯаи оморӣ., 2021. – 369 с.

55. Омори солонаи Вилояти Суғд-2025 [Матн]: нашри расмӣ // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2025. – 458 с.

56. Народное хозяйство Таджикской ССР (Ст.сб.) – Душанбе: Ирфон, 1962. – 166 с.

**Барномаву стратегияҳо:**

57. Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Мастчоҳ барои солҳои 2016-2020» аз 28 декабри соли 2015, №197. – Бӯстон, 93 с.

58. Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Масчоҳ барои солҳои 2008-2015 аз 11 майи соли 2011 № 54 – Бӯстон, 76 с.

**Монография ва маҷмӯаҳои илмӣ:**

59. Абдулов, К. Дар ин дунё [Матн]: Мастчоҳ, китоби аввал / К. Абдулов. – Душанбе: Адиб, 2006. – Ҷ. 12. – 1029 с.

60. Абдулов, Ҳ. Пахтаи Дилварзин [Матн] / Ҳ. Абдулов. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 40 с.

61. Абдурашидов, Ф. М. Земельно-аграрная реформа в Таджикистане в конце XX в. – начало XXI вв. [Текст] / Ф.М. Абдурашидов. – Душанбе: Дониш, 2018. – 405 с.

62. Абдурашидов, Ф. М. Таърихи ислоҳоти аграрӣ дар Тоҷикистон дар охири асри XX – оғози асри XXI [Матн] / Ф.М.Абдурашидов. – Душанбе, Дониш, 2020. – 395 с.

63. Абдурашитов, Ф. М. Исторический опыт переселенческой политики в Таджикистане (1924-1990 гг.) [Текст] / Ф.М. Абдурашидов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 400 с.

64. Абдурашидов, Ф. М. Историография аграрной истории Таджикистана (1924-2024 гг.) [Текст] / Ф.М. Абдурашидов. – Душанбе: Дониш, 2025. – 255 с.

65. Абулҳаев, Р. Инкишофи обёрӣ ва азхудкунии заминҳои бекорхобида дар Тоҷикистон (солҳои 1946-1960) [Матн] / Р. Абулҳаев. – Душанбе, 2025. – 276 с.

66. Абулҳаев, Р. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (1917-2000) [Матн] / Р. Абулҳаев. – Душанбе, 2012. – 492 с.

67. Абулҳаев, Р. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2000) [Матн] / Р. Абулҳаев. – Душанбе: Дониш, 2009. – 479 с.

68. Абулхаев, Р. А. Вопросы новейшей истории таджикского народа [Текст]: сборник избранных статей и публикаций / Р. Абулхаев. – Душанбе,2015. – 340 с.

69. Абулхаев, Р. А. Исторический опыт ирригационного строительства и освоение новых земель в Таджикистане (1961-1985 гг.) [Текст] / Р. А. Абулхаев. – Душанбе: Дониш, 1991. – 336 с.

70. Абулхаев, Р. А. Развитие ирригации и освоение новых земель в Таджикистане [Текст] / Р. А. Абулхаев. – Душанбе: Дониш, 1988. – 288 с.

71. Аво, Сузи. Матчо в разных измерениях [Текст] / Сузи. Аво . – Душанбе: Адиб, 1989. – 288с.

72. Антоненко, Б. А. Аграрные преобразования в доколхозном таджикском кишлаке [Текст] / Б. А. Антоненко. – Душанбе: Дониш, 1990. – 256 с.

73. Аз Масҳо то Мастчоҳ (маҷмӯи мақолаҳо) [Матн]. – Душанбе: Хуҷанд: ТҶ МТИ «Кова», 2015. – 184 с.

74. Бахтиёри, М. Суғдзода аз Сурхкат [Матн] / М. Бахтиёри. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 240 с.

75. Боқӣ, М., Шукуров, М. Баҳодури Дилварзин [Матн] / М. Боқӣ., М.Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 44 с.

76. Ғафуров, Б. Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. / Б. Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – К.1. – 704 с. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. –Душанбе: Ирфон, 1998. – К.2. – 416 с.

77. Давлатов, Қ. Шерони Мастчоҳ [Матн] Қ. Давлатов. – Хуҷанд, 2003.– 120 с.

78. Давлатов, Қ. Родмандони Палдорак [Матн] Қ. Давлатов. – Хуҷанд: Ношир, 2002. – 66с.

79. Зорин, И. А. Кайраккумская ГЭС «Дружба народов» [Текст] / И.А. Зорин. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 60 с.

80. Из истории индустриализация Таджикской ССР [Текст]. Душанбе: Ирфон, 1972. –Т.1. –526 с.

81. Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР (1929-1970 гг.). [Текст]: Сборник документов и материалов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 384 с.

82. Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР. 1938-1958 гг [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 1985. – Т.2. – 640 с.

83. Из истории культурного строительства в Таджикистане [Текст]: сборник статей. – Душанбе,1968. – Вып.1. – 229 с.

84. Из истории культурного строительства в Таджикистане 1941-1960 гг. [Текст] / Под.общ.ред.З.Ш. Раджабов. – Душанбе: Ирфон, 1966. –Т.1. –671 с.

85. Из истории культурного строительства в Таджикистане в 1924 - 1941 гг. [Текст] / Душанбе: Ирфон, 1972. – Т.II. – 511 с.

86. История культурного строительства в Таджикистане (1917-1977) [Текст]. – Душанбе, 1979. – Т.1. – 284 с.

87. История таджикского народа [Текст]: переход к сотсиализма. – М.: Наука, 1964. – Т.3. – Кн.1. – 376 с.

88. История таджикского народа [Текст]. – М.: Наука, 1965. – Т.3. Кн. 2. – 283 с.

89. История таджикского народа [Текст]: Новейшая история (1917-

1941 гг.) / под общ. ред. Р.М. Масова. – Душанбе, 2004. – Том.V. – 752 с.

90. История таджикского народа [Текст]: Новейшая история (1941-2010 гг.) / под общ. ред. Р.М. Масова. – Душанбе: Империал – Групп, 2011. – Т.VI. – 688 с.

91. Ленин В.И. О Средней Азии и Казахстане [Текст] / В.И.Ленин. – Ташкент: Госиздат УзССР, 1960. – 631 с.

92. Ҷӯра Юсуфӣ. Аз таърихи Мастчоҳ [Матн] / Ҷ. Юсуфӣ. – Хуҷанд, 1996. – 118 с.

93. Масов, Р. М. Историография Советского Таджикистана (1917-1975 гг.) [Текст] / Р.М. Масов. – Душанбе: Дониш, 1978. – 200 с.

94. Масов, Р.М. Историография социалистической реконструкции сельского хозяйства и дальнейшего развития колхозного строительства в Таджикистане (1917-1969 гг) [Текст] / Р.М. Масов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 126 с.

95. Нуров, М. Аз Янтоқ ба Бӯстон [Матн] / М. Нуров. – Мастчоҳ, 1996 – 20 с.

96. Мухторов, А. Асрори замони кӯҳан [Матн]105 / А. Мухторов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 142 с.

97. Мухторов, А. Санг ҳам диле дорад [Матн] / А. Мухторов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 155 с.

98. Мухторов, А. Эпиграфические памятники Кухистана [Текст] / А. Мухторов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 61. С

99. Материалы по истории и истории культуры Таджикистана. – Душанбе: Дониш, 1981. – 350 с.

100. Ҳоҷи Содиқ. Аз Мастчоҳ ба Мастчоҳ [Матн] / Содиқ Ҳ.– Сталинобод. 1961. – 121 с.

101. Гулзода, Ҳ. М. Мостҷо аз дидгоҳи сарчашмаҳои мӯътамад [Матн]: Рисолаи илмӣ тадқиқотӣ / Ҳ. М. Гулзода. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 128 с.

102. Гулзода, Ҳ. М. Аз таърихи Падроғ [Матн] / Ҳ. М. Гулзода. – Хуҷанд: Ношир, 2009. – 336 с.

103. Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: аз солҳои 60 – уми асри XIX то соли 1924 / Н. Ҳотамов. – Душванбе, 2007. – 368с

104. Хромов, А.Л. Говори таджиков Матчинкого района [Текст] / А.Л. Хромов. – Душанбе:Нашрияи АУ РСС Тоҷикистон. – 1962. – 215 с.

105. Хамиджанова, М. А. Материальная культура Матчинцев до и после переселения на вновь орошенные земли [Текст] / М. А.Хамиджанова. – Душанюе: Дониш, 1974. – 228 с.

106. Оқилов Ғ. Зафармандони Мастчоҳ [Матн] / Ғ. Оқилов. – Хуҷанд, 1997. –232 с**.**

107. Очерки истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965) [Текст]. – Душанбе: Ирфон,1968. – 434 с.

108. Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана. [Текст] / Под. ред. Д. Р. Расулов. – Душанбе: Ирфон, 1980. – Т.1. – 312 с.

109. Очерки истории народного хозяйства в Таджикистана (1917-1965 гг.) [Текст] / Под ред. И. К. Нарзикулова., Х. С. Саидмуродова, Г. Я. Курцера. – Душанбе: Дониш, 1967. – 496 с.

110. Очерки по истории Таджикистана [Текст]. – Сталинобод,1957. – Т.1. – 228 с.

111. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / зери таҳрири д.и.т. З. Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.

112. Парпиев С. М. Дашт гулистон гашт [Матн] / С. М. Парпиев. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 39с.

113. Парпиев, С.М. Орошение голодной степи [Текст] / С. М. Парпиев. – Душанбе, 1965. –124 с.

114. Ҳайдаршо Пирумшо. Ахтари илму сиёсат [Матн] / Пирумшо Ҳайдаршо – Душанбе: Хуҷанд, 2019. – 384 с.

115. Раджабов, З. Ш. Очерки истории культурного строительства в Таджикистане [Текст] / З. Ш. Раджабов. – Душанбе, 1976. – 134 с.

116. Турсунов, А. Торжество ленинской идеи электрификации в республиках Средней Азии [Текст]. –Душанбе: Ирфон,1972. – 291с.

117. Турсунов, А., Хайдаров, Г. Огни Ильича на Сыр-Дарья [Текст] / А. Турсунов., Г. Хайдаров. – Душанбе: Таджикгосиздат, 1962. – 54 с.

118. Усмонов, Ш. Рӯ ба созандагӣ [Текст]: Бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон / Ш. Усмонов. – Хуҷанд, 2010. – 37 с.

119. Шарифзода, А. Фарҳанг ҳастии миллат аст [Матн] / А. Шарифзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 432 с.

120. Юнусов, Б.В. Электроэнергетика Таджикистана [Текст]: этапы роста, современное состояние, перспективы развития / Б.В. Юнусов – Душанбе: Ирфон, 1975. – 240 с.

121. Юсуф Вафо. Бо шумо ман зиндаам [Матн] / Ю. Вафо. – Душанбе: Адиб, 1990. – 160 с.

**Диссертатсия ва авторефератҳо:**

122. Алимов, Д. Х. Водохозяйственное строительство и освоение целинных земель южных районов Таджикистана (20–80-е годы XX в.) [Текст]: Дис.… д-ра ист. наук: 07.00.02 – Отечественная история / Д. Х. Алимов. – Душанбе, 2020. – 400 с.

123. Артыков, А.А. Миграционные процессы в Таджикистане (конец XXначало XXI вв.). [Текст]: Дисс…канд. ист. наук: 07.00.02– Отечественная история / Артыков Абдурафик Абдуманонович – Душанбе, 2011. – 171 с.

124. Баходурова, Ф. Ш. Исторический опыт восстановления и дальнейшего развития аграрного сектора в Северном Таджикистане (1946–1961 гг.) [Текст]: Дис.…канд. ист. наук: 07.00.02 – Отечественная история / Ф. Ш. Бахадурова. – Душанбе, 2019. – 189 с.

125. Бозоров, К. Д. Переселенческая политика правительства Республики Таджикистан в послевоенный период и ее социально-экономическое и культурно-бытовое значение, 1946–1965 гг. [Текст]: Дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 – Отечественная история / К. Д. Бозоров. – Душанбе, 2002. – 181 с.

126. Кабилов, З. З. Исторический опыт Таджикистана и Российской Федерации в строительстве народнохозяйственных объектов (1950–1980-е годы) [Текст]: Дис.… канд. ист. наук : 07.00.02 / З. З. Кабилов – Душанбе, 2023. – 163 с.

127. Курбонзода, Х. Социально-экономическое и культурное развитие села в Таджикистане (50–80-е гг. XX в.) [Текст]: Дис.д-ра ист. наук: 07.00.02 – Отечественная история / Х. Курбонзода. – Душанбе, 2017. – 292 с.

128. Наджмуддинов, Т. А. Формирование и развитие агропромышленного сектора Таджикистана во второй половине XX – начале XXI вв. (на примере южного Таджикистана) [Текст]: Автореф. дис. ... канд. ист. наук: 5.6.1– Отечественная история / Т. А. Наджмуддинов. – Душанбе, 2022. – 161 с.

129. Одинаев, А. И. Топонимия и микротопонимия Центральной Сады Горной Масчи (лингвистический аспект) [Текст]: Дис. … канд. филол. наук: 10.02.22 / Одинаев Абдуманон Ибрагимович. – Душанбе, 2018. – 147 с.

130. Парпиев, С. М. Деятельности партийной организации Таджикистана по орошению и освоению новых земель [Текст]: Дисс. канди. истор. наук / Парпиев С.М. – Душанбе, 1965. – 251 с.

131. Хамидов, Ф.М., Аграрные преобразования в Таджикистане в 20-е годы XX века [Текст]: Дис… д-ра ист. наук : 07.00.02 / Ф. М. Хамидов. – Душанбе, 2011. – 293 с.

**Рӯзномаю маҷаллаҳо:**

132. Аҳмадов, М., Аминов, А. Даҳсолагии фатҳ кардани дашти Дилварзин [Матн] / М. Аҳмадов., А. Аминов //Хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, 9 сентябри 1975. – С.46-48.

133. Абулхаев Р.А. Становление и развитие машинного орошения в Таджикистане [Текст] Р.А. Абулхаев //По пути Великого Октября. - Душанбе, Дониш, 1986. - С.134-154

134. Вазифаҳои имрӯзаи мо [Матн] // Машъал. – 1998. – 9 январ. – № 2 (6526). – С. 2.

135. Қобилов, Қ. Рушди истеҳсолот ва пешрафти босуботи ноҳия [Матн] / Қ. Қобилов // Машъал. –2019. – № 4 (7969). – С.3-4. 30 январ

136. Козизода, Ш. К. Переселение населения горной Матчи в Дилварзинскую степь [Текст] / Ш. К. Козизода // Историк. – 2023. – № 3(35). – С. 71-78

137. Қозизода, Ш. Муҳоҷирати сокинони кӯҳистони мастчоҳ ба Дашти Дилварзин [Матн] / Ш. Қозизода // Муаррих. – 2023. – № 3(35). – С. 71-78

138. Қозизода, Ш. Тараққиёти саноати пахтаи ноҳияи мастчоҳ дар солҳои 50-60-уми асри XX [Матн] / Ш. Қозизода // Муаррих. – 2024. – № 2(38). – С. 69-75.

139. Амиров, Х. Учимся! [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1964. – №76 (10123). – С.2 – 31 март

140. За новый подъем всех отрасалей колхозного и совхозного производства с Республиканского совещения работников сельского хозяйство [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1965. – №53 (10405). – С.1-2 – 5 марта

141. Коммунист Таджикистана. – 1965–20 января – №15 (10367). – С.2

142. Қозизода, Ш. Санаде, ки дар сарнавишти мардуми сарбаланди кӯҳҳои баланд саҳифаҳои тоза кушод / [Матн] / Ш. Қозизода // Машъал. – 2026. – 7 январ. – № 01 (8116). – С. 3.

143. В Дальверзинскую степь пришла большая вода [Текст] // Ленинабадская правда. – 1956. –3 июня – №112 (5094). – С. 2-3

144. Победа покорителей Дальверзинской степи [Текст] // Ленинабадская правда. – 1956. –6 июня –№114 (5096). – С. 2

145. Намоиши дурахшони дустии халқҳо [Матн] Аз митинги бинокорони стансияи электрикии обии Қайроққум бахшида ба бастани маҷрои Сирдарё // Ҷавонони Тоҷикитон. – 1956. – №44 (2606). – С.2. – 11 апрел

146. Аҳмадов, М., Аминов, А. Даҳсолагии фатҳ кардани дашти Дилварзин / М. Аҳмадов., А. Аминов // Хоҷагии қшилоқи Тоҷикистон. – 1975. – С.46-489. – 9 сентябр

147. Рақамҳои пешрафт [Матн] // Машъал. – 1978. – 30 декабр. – № 157 (4071). С. 1-3

148. Машъал. – 1978. – 15 декабр. – № 150 (4066). С.2-3

149. Маърӯзаи депутат В.В. Архипенко. [Матн] Машъал. – 1978. – 5 январ. – № 154 (4068). – С. 2.

150. Нарвский рабочий. – 1956. – 29 ноября – № 142 (1731). – С. 1

151. Рақамҳои пешрафт [Матн] // Машъал. – 1978. – 23 декабр. – № 154 (4068). – С. 1-3.

152. Раҳимов, Ҳ. Мактабу маориф дар замини нав [Матн] / Ҳ. Раҳимов // Машъал. – 1975. – №7(3455). – С.3. – 16 январ

153. Рафти иҷрои ислоҳоти мактаби маълумоти умумӣ ва бозсозӣ дар соҳаи маорифи халқи ноҳия [Матн] // Машъал. – 1990. – 7 июл. – № 81. – С. 8.

154. Раҳимов, Ю. Тараққиёти энергетикаи Тоҷикистон дар зарфи солҳои Ҳокимияти Советӣ [Матн] / Ю. Раҳимов, // Таджикистан в братской семье народов СССР.– Душанбе, Дониш, 1972. – С. 123.

155. Рӯзномаи Байрақи Ленинӣ. – 1958. –23 март.

156. Сангинов, Х. Самараи ба кор андохтани заминҳои нокорами Дилварзин [Матн] / Х. Сангинов // Хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон. – 1970. – № 6. – С. 25-29

157. Тӯйчиев, Р. Мастчоҳ [Матн]: соҳибкориву сармоягузорӣ рушд мекунад [Матн] / Р. Тӯйчиев // Нигоҳи халқ. – 2020.– №15–16 (181). – С. 8.– 13 апрели

158. Ҳасанов, С. Ҳисоботи раиси ноҳия ба иҷлосияи XI дар соли 2003 [Матн] / С. Ҳасанов // Машъал. – 2003. – 19 декабр. – № 41–42 (7302–7303).

159. Шокирзода, М. Як умр накӯном зист [Матн] / М. Шокирзода // Нигоҳи халқ. – 2020.– №15–16 (181). – С. 7. – 13 апр.

160. Юсуфов, Ҷ., Холиқов, Ҷ. Пешрафти соҳаи маориф [Матн] / Ҷ Юсуфов., Ҷ. Холиқов // Машъал. – 1980. – № 21 (4257). – С. 2. – 16 февр

161. Ҷовиди Аштӣ. Мастчоҳ. Аз рушди саноат то вусъати ободиҳо [Матн] // Ҷумҳурият. – 2019. – №36 (23 639). – С.2 – 18 феврал

162. Шарифзода, Л. Саъдуллоев Т. Мастчоҳ. Зиндагӣ рӯ ба рушд аст [Матн] / Л.Шарифзода., Т. Саъдуллоев // Ҷумҳурият. – 2016. – №209 (23 031). – С.1-2. – 20 октябр

163. Азизода, Ғ. Эмомалӣ Раҳмон симои мардуми тамаддунофар [Матн] / Ғ. Азизода // Ҷумҳурият. – 2018. – №230 (23 573). – С.1. – 26 ноябр

164. Почозода, М. Мастчоҳ як нишасти муҳим [Матн] / М Почозода // Ҷумҳурият. – 2018. – №193 (23 536). – С.2. – 2 октябр

165. Саид, Н., Убайдулло, Н.К. Вожаи «Ғар» ва шарҳу тафсири он дар адабиёти илмӣ [Матн] // Маърифтаи омӯзгор. – 2018. – №2 – С.25-28.

**Манбаҳои электронӣ:**

166. Азиззода Т. Пешвои миллат ва пешрафти Мастчоҳ [Захираи электронӣ] // Фараж https://farazh.tj/ 31.08.2020.– Санаи дастрасӣ: 21.11.2022.

167. Вазири кишоварзии Тоҷикистон дар ноҳияи Мастчоҳ бо ҷараёни ҷамъоварии пахта ва коркарди он шинос гардид [Захираи электронӣ] // АМИТ «Ховар». – 10 ноябр 2021. https://khovar.tj/. – Санаи дастрасӣ: 17.06.2024.

## 2. ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М]. Қозизода, Ш.** Муҳоҷирати сокинони Кӯҳистони Мастчоҳ ба Дашти Дилварзин [Матн] / Ш. Қозизода // Муаррих. – 2023. – №3 (35). – С. 71-78. ISSN:2709-7382

**[2-М]. Қозизода, Ш.** Тараққиёти саноати пахта дар ноҳияи Мастчоҳ дар солҳои 50-60-уми асри XX [Матн] / Ш. Қозизода // Муаррих. – 2024. – №2 (38). – С. 69-75. ISSN:2709-7382

**[3-М]. Қозизода, Ш.** Муҳоҷирати аҳолӣ ба Дашти Дилварзин дар нимаи дуюм солҳои 50-уми асри XX [Матн] / Одинаев А., Ш. Қозизода. // Номаи донишгоҳи ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров. –2024. –№2 (79). – С. 75-81. ISSN:2077-4990

**[4-М]. Қозизода, Ш.** Ҳаёти ҷамъиятию фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар замони Шуравӣ [Матн] / Н.К. Убайдулло, Ш. Қозизода // Муаррих. – 2025. – №4 (44). – С. 62-73. ISSN:2709-7382

### II. Мақолаҳои дар дигар маҷмуаҳои илмӣ, маҷаллаҳо ва маводҳои конференсиявӣ ба табъ расида:

**[5-М]. Қозизода, Ш.** Тоҷикони минтақаи Зарфшон таърих ва вижагиҳо (бар асоси маводи А.Д. Гребенкин) [Матн] / А.Н. Одинаев, Ш. Қозизода // Паёми Китобхонаи миллӣ. - 2023. - №4 (4). - С. 134-141. ISSN:2959-7803

**[6-М]. Қозизода, Ш.** Иҷлосия - руйдоди сарнавиштсози миллат [Матн] / Ш. Қозизода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. 15 ноябри 2022. – Душанбе: 2022. – С. 311-313.

**[7-М]. Қозизода, Ш.** Эмомалӣ Раҳмон ходими сиёсӣ ва абармарди таърихӣ [Матн] / Ш. Қозизода. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Нақши Пешвои Миллат дар дарёфти Ваҳдати Миллӣ» ба ифтихори 25-солагии ба имзо расидани «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Душанбе, 24 июни соли 2022. Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ. – Душанбе: Дониш, 2022. – С. 194-203.

**[8-М]. Қозизода, Ш.** Нақши Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ Тоҷикистон дар роҳи расидан ба арзишҳои миллӣ [Матн] / Ш. Қозизода // Маҷмуи мақолаҳо ва тезисҳои конференсияи VII байналмилаллии «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, иноватсия ва технология» 19-20 декабри соли 2022. Шурои олимони ҷавони Акдемияи милли илҳои Тоҷикистон. – Душанбе: Дониш, 2022. – С. 301-307.

**[9-М]. Қозизода, Ш.** Саҳми Бобоҷон Ғафуров дар муҳоҷир намудани сокинони кӯҳистони Мастчоҳ ба Дашти Дилварзин [Матн] / Ш. Қозизода. // Акдемик Бобоҷон Ғафуров бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик. маҷмуи мақолаҳо бахшида ба 115 - солагӣ Б. Ғафуров. Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ. – Душанбе: Дониш, 2023. – С. 475-484

**[10-М]. Қозизода Ш.** Раванди тақсимоти миллию ҳудудӣ ва инъикоси он [Матн] / Ш. Қозизода. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ ба ифтихори 100 солагии таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ва пойтахт эълон шудани шаҳри Душанбе. 15 октябри соли 2024. Таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалитии Тоҷикистон - падидаи нав дар ташаккули низоми давлатдории навини тоҷикон. – Душанбе: 2024. – С. 98-102

**[11-М]. Қозизода, Ш.** Номаҳои гӯё доир ба таърихи замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва нақши тоҷикистониён дар пирӯзӣ бар фашизм [Матн] / Ш. Қозизода // Илм аз дидгоҳи олимони ҷавон (маводи конференсияи 1-уми ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия, иқтисоди рақамӣ ва давлатдории миллӣ. Шурои олимони ҷавони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. -Душанбе: Дониш, 2025. – С. 154-160

**[12-М]. Қозизода, Ш.** Эмомалӣ Раҳмон-шахсияти барҷастаи сиёсӣ ва таърихсоз [Матн] / Ш. Қозизода. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ -назариявӣ таҳти унвони «Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҷдид ва рушди фарҳанги миллӣ» (ш.Душанбе, 28-уми октябри соли 2025). Маркази омӯзиши «Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе: ҶДММ Таъминот 55, 2025. – С. 464-472